Вазорати меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Funded by
the European Union

# СТАНДАРТИ САЛОҲИЯТҲО

Соҳа: **Хизматрасонӣ**

Касб: **Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ**

Рамзи касб: (**СБТМ-08/ISCO-08): SI 7313**

Микдори воҳидҳои салоҳият: **23**

Сатҳҳои Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: **2,3**

Тафсир: **01/соли 2024**

Рамзи умумии касб: **SI 7313-23-2,3-01/2024**

САЛОҲИЯТ

ТРЕНИНГ

МАҲОРАТ

ДОНИШ

РУШД

МАЛАКА

ОМӮЗИШ

ТАҶРИБА

**Стандарти салоҳиятҳои мазкур дар доираи Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шудааст.**

**Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ҚАРОР

аз «15» 10 соли 2024 №11 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи стандартҳои салоҳияти 20 касбу ихтисосҳо

Мутобиқи талаботи банди 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби таҳия ва эътирофи стандартҳои салоҳияти ҳар як касб» Ҳайати мушоварaи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Стандартҳои салоҳияти касбу ихтисосҳои «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ», «Занбӯриасалпарвар», «Мошиначии автокран», «Дӯзанда (либоси занона)», «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил», «Кандакорӣ дар чӯб ва пӯсти чӯб», «Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ)», «Челонгар-таъмирчии кузови автомобил», «Оператори мошини бофандагӣ», «Мошиначии булдозер», «Турагент», «Дуредгар», «Системаи компютерӣ ва Интернет-технология», «Харрот», «Оператори мошини ресандагӣ», «Мошиначии кранҳои истеҳсолоти металлургӣ», «Гаҷкори ҷузъҳои меъморӣ», «Оператори мошини турбофӣ», «Оператори мошини рангкунӣ» ва «Челонгар - барқчии нерӯгоҳи барқии обӣ» тасдиқ карда шаванд (замима мегарданд).

2. Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим» ва Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» татбиқи стандартҳои салоҳиятро дар курсҳои кӯтоҳмуддат дар Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон», корхонаҳои воҳиди давлатии назди Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва Муасиссаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба роҳ монанд.

3. Раёсати котибот ва Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазифадор карда шаванд, ки нусхаҳои электронии стандартҳои салоҳиятро дар сомонаҳои вазорат, агентӣ, лоиҳа ва муассисаҳои таълимӣ ҷой намоянд.

4. Нашр ва дастрас намудани стандартҳои салоҳият ба зиммаи Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» вогузор карда шавад.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазир – Давлатзода Қ. гузошта шавад.

Раиси Ҳайати мушовара,
вазир Г. Ҳасанзода

# ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## СТАНДАРТИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИ
## «ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ЗАРГАРӢ»

Стандарти салоҳиятҳои касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ» дар ҷаласаи Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.10.2024, №31 баррасӣ гардидааст.

Стандарти салоҳиятҳои касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ» аз ташхис (экспертиза)-и корфармоён ва ассотсиатсияҳои соҳавии зерин гузаронида шудааст:

| № | Ташкилот | Ному насаб | Вазифа | Ҳуҷҷат дар бораи ташхис |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сафарзода Б. | Муовини вазир | Хулоса аз 08.10.2024, №15-2246 |
| 2. | Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Топаз» | Нуриддинов Ф. | Директор | Хулоса аз 17.09.2024, №35 |
| 3. | Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Изумруд-2010» | Мухамедов С. | Директор | Хулоса аз 21.08.2024 |
| 4. | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Тоҷик-Кристалл» | Абдураҳмонов У. | Директор | Хулоса аз 27.08.2024, №21 |
| 5. | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Хизмат»-и ноҳияи Файзобод | Боронзода М. | Директор | Хулоса аз 22.08.2024 |

Стандарти салоҳиятҳои касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ»-ро таҳия намуданд:

| № | Ному насаб | Вазифа | Ташкилот |
|---|---|---|---|
| 1 | Саломов Шукурулло | Мушовири директор доир ба масъалаҳои таълими касбӣ ва корҳои методӣ | Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ |
| 2 | Эльбеков Алишер | Омӯзгори тахассусӣ | Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» |
| 3 | Ғоибов Аловудин | Устои заргар | Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Изумруд» |

**Модераторҳо (миёнҷиҳо):**

Данило Анишенко – коршиноси калидӣ оид ба таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва омӯзиш;

Бахтиёров Озар – супервайзер оид ба методологияи таълим дар асоси салоҳият.

**Мундариҷа**


Ихтисорот ........ 7
Муқаддима ........ 8
Мафҳумҳои асосӣ ........ 9
Бо стандарти салоҳиятҳои касбҳо кӣ кор мекунад ........ 11
Стандартҳо ва меъёрҳои соҳа ........ 12
Тавсифи умумии касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ» ........ 12
Рӯйхати умумии воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ» ........ 13
Воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ», сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 16
Малакаҳои бакортаъминкунии касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ», сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 16
Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ) ........ 18
Воҳидҳои салоҳияти заминавӣ (базавӣ) ........ 31
Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ ........ 38
Ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ ........ 65
Талабот ба довталабон ........ 68
Талабот ба омӯзгорон ........ 68
Рӯйхати асбоб, таҷҳизот ва масолеҳҳои зарурӣ ........ 69
Воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ», сатҳи 3-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 72
Малакаҳои бакортаъминкунии касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ», сатҳи 3-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 72
Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ) ........ 74
Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ ........ 82
Ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ ........ 97
Талабот ба довталабон ........ 100
Талабот ба омӯзгорон ........ 100
Рӯйхати асбоб, таҷҳизот ва масолеҳҳои зарурӣ ........ 100
Рӯйхати адабиёт: ........ 103
Замимаи 1: Харитаи функсионалии касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ» ... 104
Замимаи 2: Хулосаҳои соҳа (экспертиза) ........ 104

# Ихтисорот

| | |
|---|---|
| **ТАС** | Таълим дар асоси салоҳият |
| **ТИКТО** | Таҳсилоти ибтидоии касбӣ-техникӣ ва омӯзиш |
| **DACUM** | Усули таҳлили функсионалӣ (аз ихтисороти «**D**eveloping **a** **c**urricul**um**», яъне «таҳияи барномаҳои таълимӣ») |
| **ТМТ ҶТ** | Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ТМ ҶТ** | Таснифоти машғулиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **СС** | Стандарти салоҳият |
| **ВС** | Воҳиди салоҳият |
| **ЭС** | Элементи салоҳият |
| **МИ** | Меъёрҳои иҷро |
| **МБ** | Малакаҳои бакортаъминкунӣ |
| **СБТМ/ISCO** | Стандарти байналмилалии таснифоти машғулиятҳо **(**International Standard Classification of Occupations) |
| **ТМ ҶТ** | Таснифоти машғулиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **МТММСТ** | Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим |
| **МТКТ** | Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон |
| **ТИК/ICT** | Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (Information and communication technologies (ICT)) |
| **ҲМТБ** | Ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ |
| **ҶДММ** | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд |
| **СФ/TC** | Салоҳиятҳои фароумумӣ (Transversial Competencies) |
| **SB** | Салоҳиятҳои заминавии соҳаи хизматрасонӣ (Service basic) |
| **SI** | Салоҳиятҳои касбии соҳаи хизматрасонӣ (Service industry) |

## Муқаддима

Заргарӣ яке аз қадимтарин ва ҳунарҳои мардумӣ мебошад, ки дар тӯли таърих ба қадру қимат ва ҳунармандӣ доштанаш маълум аст. Устоҳои заргарӣ бо истифода аз металҳои қиматбаҳо, сангҳои гаронбаҳо ва дигар маводи зебоӣ, ҷиҳозҳо ва ороишоти зебо эҷод мекунанд. Тоҷикистон дорои захираҳои бузург аз ҷумла, сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо дар Помир ва минтақаҳои дигар мебошад.

Дар ҳамин замина имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаи истеҳсолӣ дар соҳаҳои гуногуни саноатӣ аз ҷумла, истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ бо ҷойҳои нави кории доимӣ ташкил гардида, талаботи соҳа ба мутахассисони касби мазкур зиёд шуда истодааст.

Бо мақсади баланд бардоштани сифати тайёркунии мутахассисони касбҳои коргарӣ, ки ба талаботи корфармоён  ва мувофиқи меъёрҳои стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯй бошад, стандарти салоҳияти касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ» таҳия карда шудааст.

Стандарти мазкур талаботи асосиро ба салоҳияти касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ» бо таҳсилоти ибтидоии касбӣ-техникӣ муқаррар мекунад.

Стандарти салоҳияти касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ» дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки мувофиқи қонунгузорӣ ҳуқуқи роҳандозӣ намудани фаъолияти таълимӣ барои амаликунии барномаи таълимӣ доранд, истифода карда мешавад.

Стандарти салоҳиятҳои касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ» дар асоси Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон», Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби таҳия ва эътирофи стандартҳои салоҳияти ҳар як касб, Тартиби таъмини сифати тахассусҳо ва тасдиқкунии тахассусҳо, Барномаи миёнамуҳлати омода кардани касбҳои коргарии зинаи таҳсилоти ибтидои ва миёнаи касбиро барои солҳои 2023-2027 ва «Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» таҳия карда шудааст.

Стандарти салоҳиятҳо талаботи тахассусиро нисбат ба касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ», ки ҷавобгӯи талаботи байналмилалӣ мебошанд, дар мувофиқа бо Стандарти байналмилалии таснифоти машғулиятҳо СБТМ-08 (ISCO-08) таъмин менамояд.

## Мафҳумҳои асосӣ

**Бозори меҳнат** – низоми ташаккулёбии талабот ва пешниҳодот ба қувваи корӣ.

**Баҳодиҳӣ** (салоҳиятҳо) – маҷмӯи усул ва равандҳо, ки барои баҳодиҳии дастовардҳои шахс (дониш, маҳорат, малака ва муносибати ӯ, яъне салоҳиятҳо), ки одатан бо шаҳодатномадиҳӣ анҷом меёбанд.

**Воҳидҳои салоҳияти фароумумӣ** (трансверсалӣ) **–** ин салоҳиятҳои умумӣ мебошанд, ки барои бештари касбҳо ва амалан барои ҳамаи соҳаҳо заруранд.

**Воҳидҳои салоҳиятҳои заминавӣ (базавӣ)** – ин чунин салоҳиятҳое мебошанд, ки дар доираи муайяни ин ва ё он соҳа талабот доранд.

**Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ** – ин салоҳиятҳое мебошанд, ки барои иҷро намудани фаъолияти касбии мушаххас заруранд.

**Воҳидҳои салоҳиятҳои махсус** – ин салоҳиятҳое мебошанд, ки барои иҷрои фаъолияти хоси касбӣ истифода карда мешаванд.

**Воҳиди салоҳият –** ин баёноти кӯтоҳи натиҷаи вазифаҳои салоҳият мебошад, ки маълумот дар бораи дониш, маҳорат, малака ва муносибатро дорад (дар бораи мақсадҳои воҳиди салоҳият ва доираи малакаҳое, ки ба онҳо тааллуқ дорад, васеъ маълумот медиҳад).

**Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо –** барои гузаронидани баҳодиҳӣ маълумоти заруриро пешниҳод менамояд, усулҳои муносиб, захираҳои амиқ ва шароитро, ки барои гузаронидани баҳодиҳии воҳиди салоҳияти мушаххас заруранд, тавсиф менамояд. Номзад дар баҳодиҳӣ далелҳои мушаххасро пешниҳод менамояд, ки ба баҳодиҳандагон барои муайян кардан ва қабули қарор, ки оё салоҳияти муайян аз худ карда шудааст ва ё шахси мазкур корро дар ҷойи корӣ мувофиқи Стандарти салоҳиятҳои касбии тасдиқшуда иҷро карда метавонад, кӯмак мерасонад.

**Дескриптор** – (аз лотинӣ «descriptor» – тавсифкунанда) – воҳиди лексикӣ, ки барои шарҳ додани мазмуну моҳияти асосии ҳуҷҷат, истифода карда мешавад.

**Касб –** тарзи машғулият, намуди фаъолияти меҳнатие, ки тайёрии муайян, мавҷудияти донишҳои зарурӣ, маҳорат, малака ва салоҳиятнокиро талаб менамояд ва дар натиҷаи омӯзиши махсус ё таҷриба ба даст оварда мешавад.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва имкон медиҳад, ки шахс натанҳо дар шароити муқаррарӣ, балки дар шароити тағйирёбанда низ амал кунад.

**Малакаҳои бакортаъминкунӣ –** ин амалҳои бошууронаи мутахассис, ки ба мутобиқшавии бомуваффақият дар бозори меҳнат равона карда шудаанд. Маҳорати ташкил карда тавонистани донишу малакаҳои банақшагирӣ ва пешравии касбӣ, баланд бардоштани сатҳи салоҳиятҳо барои пешравии бомуваффақият дар бозори меҳнат, дар ҳамаи бахшҳо ва зинаҳои шуғлро дар бар мегирад.

**Навсонӣ (вариативӣ)** муайян мекунад:

– аҳамияти истилоҳоти асосӣ, ки дар меъёрҳои иҷро истифода мешаванд;

– навсонӣ дар вазъияти корӣ ва ҳолатҳо, ки метавонанд ба фаъолият таъсир расонанд;

– фарқияти мазмунӣ дар вобастагӣ аз воҳидҳои салоҳият ва матни муайян (чун мизоҷони меҳмонхона аз мизоҷони барои таъмири кондитсионер фарқ мекунанд);

танҳо ба воҳиди салоҳияти мушаххас дахл доранд, на ба ҳамаи воҳидҳои салоҳиятҳо дар умум.

**Стандарт (standard)** – ҳуҷҷати меъёрӣ, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор таҳия ва тасдиқ шудааст, дар он талаботи меъёрӣ, қоидаҳо, тавсифот ё принсипҳои умумие, ки ба намудҳои гуногуни фаъолият ё натиҷаи онҳо дахл доранд, муайян карда мешаванд. Ҳадафи ин ҳуҷҷат расидан ба сатҳи беҳтарини низоми соҳаи мазкур мебошад.

**Стандарти салоҳиятҳои касб –** ин ҳуҷҷатест, ки талаботи меъёрии ҳадди аққали дониш, маҳорат, малака ва муносибат (яъне салоҳиятҳо), ки барои сатҳи муайяни тахассуси касбӣ заруранд, муайян мекунад ва шахс онҳоро бояд дар ҷойи кор дар ҳолатҳои стандартӣ ё тағйирёбанда нишон диҳад. Ҳар як кор мумкин аст, аз стандарти муқарраргардида баландтар иҷро карда шавад, дар ҳеҷ сурат на пасттар аз он. Стандарти салоҳият ба корфармо барои муайян намудани мутобиқатии сатҳи тахассуснокӣ ба талаботи истеҳсолот ёрӣ мерасонад ва маҳорати касбии намоишдодаи шахсро эътироф намуда, доимӣ нигоҳ доштани стандарти олии касбии ӯро тасдиқ менамояд.

**Сатҳи таснифоти тахассусҳо –** ин сатҳи нишондоди мураккабии кори иҷрошаванда, мустақилият ва масъулиятнокии коргар, мувофиқ ба ҳар як сатҳ мебошад. Гузаштан аз як сатҳ ба сатҳи дигар маънии онро надорад, ки ҳамаи нишондодҳои сатҳи тахассусиро тавсифкунанда бояд фарқ кунанд: ҳар як сатҳи навбатӣ ба муносиби дараҷаи пешин мувофиқ кунонида мешавад ва воридкунии ниҳоии ҳамаи тавсифоти сатҳи пешинаро дар назар мегирад.

**СБТШ-08 (ISCO-08)** – Стандарти байналмилалии таснифоти машғулиятҳо (International Standart Classification of Occupations) соли 2008 низоми таснифот ва ҷамъбасти маълумотро дар бораи шуғли касбӣ, ки дар асоси барӯйхатгирии оморӣ ва тадқиқот гирифта шудааст, ҳамчунин истифодабарии захираҳои маъмуриро ифода мекунад.

**Салоҳият –** қобилияти истифода карда тавонистани дониш, маҳорат, малака ва муносибат барои иҷрои супориш ё ҳалли масъалаҳо дар вазъиятҳои стандартӣ ва тағйирёбанда.

**Салоҳияти касбӣ –** қобилияти истифода карда тавонистани дониш, маҳорат ва малакаҳо барои иҷрои вазифаҳои касбӣ дар вазъиятҳои стандартӣ ва тағйирёбанда.

**Салоҳиятҳои умумифарҳангӣ –** ин маҷмӯи дониш, малака, элементҳои таҷрибаи фарҳангӣ, ки ба шахс имкон медиҳанд дар муҳити иҷтимоӣ-иқтисодӣ озодона мавқеи худро муайян кунад, элементҳои онро истифода барад ва муносибати онро барои иҷрои вазифаҳои касбӣ ташаккул диҳад. Салоҳиятҳои умумифарҳангӣ аз воҳидҳои салоҳиятҳои трансверсалӣ (фароумумӣ) ва малакаҳои бокортаъминкунӣ иборат мебошад.

**Салоҳиятнокӣ** – соҳиб будан ба дониш, малакаву маҳорат ва муносибат, ки барои фаъолияти пурсамар дар соҳаи муайян зарур аст.

**Таҳлили функсионалӣ –** ин тавсифи фаъолияти меҳнатӣ тавассути амалкард (функсия) ва натиҷаҳо мебошад. Бартарии чунин муносибат дар он аст, ки он имкон медиҳад тағйирот дар технология ва ташкили меҳнат дар бозори меҳнат фавран ба назар гирифта шавад.

**Талаботи бозори меҳнат** – эҳтиёҷоти корфармоён ба қувваи корӣ аз рӯи гурӯҳҳои мушаххаси касб ва намудҳои машғулият.

**Тахассус** (квалификатсия) – камолоти касбии шахс ва дараҷаи омодагии он барои иҷрои намудҳои корҳои мушаххас, ки бо мавҷудияти салоҳиятҳои аз ҷониби корфармоён эътирофшуда муайян гардида, бо ҳуҷҷати намунаи давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

**Таснифоти миллии тахассусҳо (ТМТ)** – ҳуҷҷати меъёрие, ки чаҳорчӯбаҳоро муайян ва ҳамаи ихтисосҳои дар сатҳи миллӣ эътирофшударо идора менамояд. Таснифоти миллии тахассусҳо дорои чаҳорчӯбаҳое мебошад, ки аз якчанд сатҳ иборат буда, ҳар яки онҳо дар нишондиҳандаҳо (дискрипторҳо)-и салоҳиятҳо, ки алоқаҳои тахассусии байнибахширо дар бар мегиранд, тасвиф карда шуда, ҳамчунин додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи соҳиб шудан ба ихтисос дар он роҳандозӣ карда мешавад.

**Таълим дар асоси салоҳият** – муносибат ба таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва омӯзиш, ки ба чӣ тавр дар ҷойи кор шахс корро иҷро карда метавонад, такя мекунад.

**Харитаи функсионалии касб** – ин инъикоси амалкард (функсия)-ҳои асосӣ, ки касби мазкурро ташкил медиҳанд, вазифаҳои ба ин амалкард (функсия)-ҳо дохилгардида ва амалҳои воқеӣ барои иҷро намудани супориш ва ҳалли масъалаҳо дар ҷойи кор, дар шароитҳои тағйирёбанда равона карда шудаанд.

### Бо стандарти салоҳиятҳои касбҳо кӣ кор мекунад

– Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян кардани самаранокии амалиёти сохтори ТИКТО ҶТ, таъсиррасонии он ба болоравии иқтисодии давлат, яъне алоқа бо бозори меҳнат;

– мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр, ноҳия барои рушди минтақаи худ;

– дар бахши таҳсилоти ибтидоии касбӣ-техникӣ ва омӯзиш;

– омӯзгорон барои донистани он, ки чиро ба таълимгирандагон омӯзонанд;

– таълимгирандагон, барои донистани он, ки чӣ хел ва чиро меомӯзанд;

– маъмурияти муассисаҳои таълимӣ барои донистани он, ки оё сатҳи тайёрии омӯзгорон ва хатмкунандагон ба талаботи бозори меҳнат мувофиқат мекунад ё не;

– корфармоён, ки стандартҳои салоҳиятҳоро барои такмили тахассуси касбии кормандон истифода мекунанд, то ин ки ба кормандон дар самти мутобиқшавӣ ба малакаву маҳорат ва донишҳои тағйирёбанда ва салоҳиятнокии онҳо бо сабаби дигаргуниҳои дар технологияи истеҳсолот бамиёномада тавсияҳо диҳанд;

– шаҳрвандони алоҳида, ки мехоҳанд маълумоти касбӣ гиранд ё сатҳи тахассусии касбии худро ба таври инфиродӣ такмил диҳанд;

– шаҳрвандоне, ки мустақилона таълим гирифтаанд ва мехоҳанд ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (сертификат ё шаҳодатнома) гиранд;

– оила, волидони таълимгирандагон, ки мехоҳанд фаҳманд, чиро ва чӣ хел фарзандони онҳо таълим мегиранд, пас аз хатми таълим онҳо ба чӣ кор машғул мешаванд;

– шаҳрвандоне, ки мехоҳанд ба ҷойи кории дигар гузаранд;

– шаҳрвандоне, ки мехоҳанд норасоиҳои худро дар дониш, малака, маҳорат ва муносибат, яъне салоҳиятҳои худ бартараф намоянд;

– шаҳрвандоне, ки фаъолияти соҳибкории худро васеъ кардан мехоҳанд;

– шаҳрвандоне, ки коргарони беҳтарин шудан мехоҳанд ва ғайра.

## Стандартҳо ва меъёрҳои соҳа

Дар соҳаи хизматрасонӣ, айни замон стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрии зерин қабул шудаанд ва амал мекунанд:

- СД (ГОСТ) 30649-99 «Маҳсулоти заргарӣ аз металлҳои қиматбаҳо. Шартҳои умумии техникӣ»;
- СД (ГОСТ) 30649.1-99 «Маҳсулоти заргарӣ. Усулҳои муайян кардани масса ва андозаи хатӣ»;
- СД (ГОСТ) Р 529572008 «Маҳсулоти заргарӣ. Тамғагузорӣ, бастабандӣ, интиқол ва нигоҳдорӣ»;
- СТ РТ 1040-2005 Маҳсулоти заргарӣ аз металлҳои қиматбаҳо. Шартҳои умумии техникӣ;
- РСТ 102-93 Маҳсулоти заргарӣ, ки аз рӯи фармоиш сохта ва таъмир карда шудаанд. Шартҳои умумии техникӣ;
- СД (ГОСТ) Р 52599-2006 «Маҳсулоти Заргарӣ. Истилоҳот ва таърифҳо»;
- СД (ГОСТ) 11732008 «Металлҳои қиматбаҳо ва хӯлаҳо. Усулҳои таҳлил»;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», аз 23.07.2016 с., №1353;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо», аз 12.05.2001 с., №21;
- Дастурамал доир ба андози аксизӣ, Душанбе соли 2014 (андози ғайримустақим ба нархи фурӯхташавандаи маҳсулоти зераксизӣ).

## Тавсифи умумии касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ»

Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ иҷрои як қатор уҳдадорӣ ва вазифаҳои зиёди маҷмӯи муайяни салоҳиятҳоро талаб намуда, барои сифатнок ва сари вақт амалӣ кардани фаъолияти корӣ дар доираи касб имкон медиҳад.

Аз қадимулайём маҳсулоти заргарӣ-ороишӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад ва ин ҳунар касби пурифтихор мебошад. Нахустин ороиши заргарӣ ҳангоми кандани пирамидаи фиръавн Ҷосер (солҳои 3200-2800 то солшумории мо) ёфт шудааст. Барои заргарони Мисри қадим гӯшвора, гарданбанд, ангуштарии

тиллой, махсус буданд. Дар шароити имрӯза дар соҳаи ин касб, усул, техникаи нави ороишоти заргарӣ ва сангҳои қиматбаҳо рушд кардааст.

Касби заргарӣ аз шахс сабру таҳаммули махсусро талаб мекунад. Заргар бояд хусусияти филиз (металл)-ҳои истифодашаванда, сангҳои қимматбаҳо, усулҳои коркарди санг, талаботи техникӣ, усулҳои нақшофарӣ, пардоздиҳӣ, навъҳои нақшу нигор, қоидаҳои нақшкашӣ, омода кардани асбобу анҷоми кории худро донад.

Дар фаъолияти заргарон асосан, металҳои қиматбаҳо ва ранга, наққошӣ, намунаи расм ва нақшҳо муҳимманд, ки барои тайёр кардани ороиши гардан, курта, дастҳо, ашё барои зинат додани миз, сохтани гулдон, тухфаҳо истифода мешаванд.

Ҷавононе, ки ба ин касб машғул мешаванд, бояд технологияи амалиёти омодагӣ, усулҳои асосии кор, ҳисоби асосии маводи зарурӣ барои истеҳсол кардани маҳсулоти заргарӣ, амалиёти ороишӣ, васлкунӣ ва ғайраро донанд.

**Рӯйхати умумии воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ»**

| Сатҳи Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Рамзи воҳидҳои салоҳиятҳо | Номгӯйи воҳидҳои салоҳиятҳо |
|---|---|---|
| 2 | Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ) | |
| | TC-01-1/01 | Гузаштан аз муоинаи тиббӣ |
| | TC 03-1/01 | Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон/фармоишгарон |
| | TC 04-2/01 | Расонидани ёрии аввалия |
| | TC 05-2/01 | Истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ-компютерӣ |
| | Воҳидҳои салоҳиятҳои заминавӣ (базавӣ) | |
| | SB 01-1/01 | Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ |
| | SB 02-2/01 | Муошират кардан бо забони хориҷӣ дар сатҳи заминавӣ |
| | Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ | |
| | SI 7313-01-2/01 | Санҷидани ҳолати коршоямии асбобу олот ва таҷҳизоти корӣ |
| | SI 7313-02-2/01 | Интихоб намудани маводи корӣ |
| | SI 7313-03-2/01 | Иҷро намудани корҳои қолабрезӣ |
| | SI 7313-04-2/01 | Иҷро намудани корҳои шаклдиҳи дар гаҷ (гипс) |
| | SI 7313-05-2/01 | Иҷро кардани корҳои рехтагарӣ, коркард ва суфтагарӣ |
| | SI 7313-06-2/01 | Иҷро намудани корҳои дастӣ (филигран) |
| | SI 7313-07-2/01 | Иҷро кардани корҳои қолабзанӣ (штамповка) |
| | SI 7313-08-2/01 | Супоридани ҷойи кор |
| 3 | Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ) | |

| | | |
|---|---|---|
| | ТС 06-3/01 | Ҳалли ҳолатҳои мунокишавӣ |
| | ТС 07-3/01 | Такмил додани тахассуси касбӣ |
| | Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ | |
| | SI 7313-09-3/01 | Гудохтани фулуз (металл) дар зарфҳои махсуси заргарӣ (тигел) |
| | SI 7313-10-3/01 | Иҷро кардани корҳои сикказанӣ (чеканка) |
| | SI 7313-11-3/01 | Шинондани сангҳо ба маҳсулоти заргарӣ |
| | SI 7313-12-3/01 | Коркард намудани маҳсулоти тайёр бо ултросадо, галтовка ва галванӣ |
| | SI 7313-13-3/01 | Иҷро кардани корҳои суфтагарӣ |
| | SI 7313-14-3/01 | Коркард намудани маҳсулоти тайёр бо кислотаҳо |
| | SI 7313-15-3/01 | Иҷро кардани корҳо бо бормашина |

Вазорати меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Funded by
the European Union

# СТАНДАРТИ САЛОҲИЯТҲО

Соҳа: **Хизматрасонӣ**

Касб: **Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ**

Рамзи касб: (СБТМ-08/ISCO-08): **SI 7313**

Сатҳи Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: **2**

Микдори воҳидҳои салоҳият: **14**

Тафсир: **01/соли 2024**

## Воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ», сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Рамзи воҳидҳои салоҳиятҳо | Номгӯйи воҳидҳои салоҳиятҳо |
|---|---|
| Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ) | |
| TC-01-1/01 | Гузаштан аз муоинаи тиббӣ |
| TC 03-1/01 | Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон/фармоишгарон |
| TC 04-2/01 | Расонидани ёрии аввалия |
| TC 05-2/01 | Истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ-компютерӣ |
| Воҳидҳои салоҳиятҳои заминавӣ (базавӣ) | |
| SB 01-1/01 | Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ |
| SB 02-2/01 | Муошират кардан бо забони хориҷӣ дар сатҳи заминавӣ |
| Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ | |
| SI 7313-01-2/01 | Санҷидани ҳолати коршоямии асбобу олот ва таҷҳизоти корӣ |
| SI 7313-02-2/01 | Интихоб намудани маводи корӣ |
| SI 7313-03-2/01 | Иҷро намудани корҳои қолабрезӣ |
| SI 7313-04-2/01 | Иҷро намудани корҳои шаклдиҳи дар гаҷ (гипс) |
| SI 7313-05-2/01 | Иҷро кардани корҳои рехтагарӣ, коркард ва суфтагарӣ |
| SI 7313-06-2/01 | Иҷро намудани корҳои дастӣ (филигран) |
| SI 7313-07-2/01 | Иҷро кардани корҳои қолабзанӣ (штамповка) |
| SI 7313-08-2/01 | Супоридани ҷойи кор |

## Малакаҳои бакортаъминкунии касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ», сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Малакаҳои бакортаъминкунӣ | Малакаҳоеро, ки корфармоён ҳамчун зарурӣ муайян мекунанд |
|---|---|
| Муошírате, ки ба самаранок ва мутаносиб (мавзун) будани муносибатҳо байни ҳамкорон ва мизоҷон/фармоишгарон мусоидат менамояд | - шунидан ва дарк кардан;<br>- бурро ва кушоду равшан баён намудан;<br>- меҳрубон будан;<br>- суботкор будан;<br>- мубодилаи иттилоот кардан;<br>- бо забони хориҷӣ дар сатҳи заминавӣ муошират кардан. |
| Кор дар даста, ки ба муносибатҳои кории самаранок ва дастоварди натиҷаҳо мусоидат менамояд | - дар дастаҳои синну соли гуногун, новобаста аз ҷинс, нажод ва мансубияти динӣ кор кардан;<br>- мустақилона ва ба сифати аъзои даста кор кардан;<br>дақиқ;<br>- масъулнокӣ;<br>- меҳнатдӯстӣ;<br>- эҳтиёткорӣ;<br>- донистани Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| Маҳорати ҳал намудани мушкилоте, ки барои ба | - зоҳир намудани мустақилият ва ташаббускорӣ дар ошкор ва бартараф кардани мушкилот; |

| | |
|---|---|
| даст овардани натиҷаҳои самаранок мусоидат менамояд | - дурандешӣ;<br>- бовиҷдонӣ;<br>- маҳорати расонидани ёрии аввалия. |
| Ташаббус ва ӯҳдабарой, ки барои бадастоварии натиҷаҳои навоварона (инноватсионӣ) мусоидат менамояд | - мутобиқшавӣ ба вазъиятҳои нав;<br>- муайян кардани имкониятҳои барои дигарон ғайричашмдошт;<br>- татбиқ кардани ғояҳо ба амал;<br>- иштирок дар равандҳои ташаккулёбии пайваста;<br>- омодагӣ ба навоварҳо;<br>- зиракӣ. |
| Банақшагирӣ ва ташкили фаъолияте, ки банақшагирии стратегии дарозмуҳлат ва кӯтоҳмуддатро таъмин менамояд. | - мақсадгузории мушаххас ва натиҷаҳои кор;<br>- банақшагирии кор ва истифодаи захираҳо, аз ҷумла, идоракунии вақт;<br>- муайян ва ҷобаҷокунии афзалиятҳо;<br>- ҳамоҳангсозии вазифаҳо барои худ ва дигарон;<br>- бодиққатӣ;<br>- қоидаҳои тартиботи дохилии ташкилот/корхона. |
| Худидоракуние, ки ба қаноатмандӣ ва рушди кормандон мусоидат менамояд | - мавҷудияти диди шахсӣ ва мақсадҳо;<br>- боварӣ ба ғояҳо ва диди шахсӣ;<br>- устувории ахлоқӣ;<br>- масъулиятнокӣ;<br>- риояи одоб (этика) ва зебошиносӣ (эстетика). |
| Омӯзише, ки барои мунтазам ташаккулёбии фаъолияти кормандон/ширкатҳо ва ноил шудан ба натиҷаҳои мусбат мусоидат менамояд | - эътирофи зарурияти таълим бо назардошти тағйирот;<br>- омода будан ба сарфи вақт ва саъйу кӯшиш ба омӯхтани малакаҳои нав;<br>- хоҳиши таълим дар ҷойи кор ва бидуни он;<br>- самимият барои ғояҳо ва усулҳои нави идоракунии худомӯзӣ;<br>- дастгирии ҳамкорон ва барқарор кардани робитаҳо;<br>- истифодаи таълим ба масъалаҳои «техникӣ» (масалан, омӯзиши маҳсулот) ва «мушкилоти одамон» (масалан, ҷанбаҳои байнишахсиятӣ ва фарҳангии кор) |
| Технологияе, ки барои ҳалли самараноки вазифаҳо мусоидат менамояд | - доштани малакаҳои заминавии технологияи иттилоотӣ;<br>- хоҳиши аз худ кардани малакаҳои нави технологияи иттилоотӣ;<br>- мавҷудияти тавоноии ҷисмонии мувофиқ. |

## Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ)

| Номи воҳиди салоҳият | | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|---|
| **Гузаштан аз муоинаи тиббӣ** | | **ТС 01-1/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди омодагӣ ва гузаштан аз муоинаи тиббиро бо мақсади таъмин намудан саломатӣ барои иҷрои ухдадориҳои вазифавӣ, ошкор ва табобати саривақтии беморӣ ва пешгирӣ аз онро тавсиф менамояд. | | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми ба кор қабул шудан;<br>- гузаштани муоинаи тиббии нақшавӣ ва ғайринақшавӣ тибқи ҷадвали ташкилот. | | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- маҳорати баён кардани мақсади худ;<br>- маҳорати гӯш кардан ва шунидан;<br>- маҳорати таҳлили тавсияҳои хаттӣ. | | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС | |
| 1. Шиносоӣ бо тартиби гузаштан аз муоинаи тиббӣ | 1.1. Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳо оид ба гузаштани муоинаи тиббӣ.<br>1.2. Шиносоӣ бо ***намудҳои муоинаи тиббӣ*** тибқи ҷадвали тасдиқшуда. | |
| 2. Гузаштан аз муоинаи тиббӣ | 2.1. Гузаштани муоинаи тиббии муқаддимавӣ, ҳатмӣ, даврӣ ва ғайринавбатӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда.<br>2.2. Пешниҳод намудани маълумотнома/дафтарчаи беҳбудсозӣ (санитарӣ) баъди батасвибрасонӣ ба корхона/ташкилот. | |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани беҳдошт (гигиена)-и шахсӣ;<br>- гирифтани маълумот оид ба гузаштани муоинаи тиббӣ;<br>- гузаштани муоинаи тиббии муқаддимавӣ, ҳатмӣ, даврӣ ва ғайринавбатӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда;<br>- пешниҳод намудани маълумотнома/дафтарчаи беҳбудсозӣ (санитарӣ) баъди батасвибрасонӣ ба корхона/ташкилот. |
| Донишҳои талабшаванда: | - муқаррарот оид ба қонунгузории меҳнат;<br>- маълумотнома/ дафтарчаи беҳбудсозӣ (санитарӣ) ва вазифаи он;<br>- қоидаҳои гузаштан аз муоинаи тиббӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- боинтизом;<br>- бомасъул;<br>- бовиҷдон. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/Рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1. Шиносоӣ бо тартиби гузаштан аз муоинаи тиббӣ | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳо оид ба гузаштани муоинаи тиббӣ | | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Шиносоӣ бо намудҳои муоинаи тиббӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда | | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Гузаштан аз муоинаи тиббӣ | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Гузаштани муоинаи тиббии муқаддимавӣ, ҳатмӣ, даврӣ ва ғайринавбатӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда | | | | | | | | | | | √ |
| 2.2. Пешниҳод намудани маълумотнома/дафтарчаи беҳбудсозӣ (санитарӣ) баъди батасвибрасонӣ ба корхона/ташкилот | | | | | | | | | | | √ |

## **Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Намудҳои муоинаи тиббӣ*** | - муқаддимавӣ;<br>- ҳатмӣ;<br>- даврӣ;<br>- ғайринавбатӣ. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон/фармоишгарон** | **ТС 03-1/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур корҳои умумии мақсадноки даста, ки вазифаи умумиро бо қоидаҳои муқаррарнамудаи ташкилот ҳалл мекунад, тавсиф менамояд.. Коргарон дар комёбиҳои даста манфиати шахсӣ доранд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми кор дар коллективи ҳар ташкилот/корхона. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- вуҷуд надоранд. | |

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ)-и ВС |
|---|---|
| 1. Муайян кардани мақсад ва вазифаҳо | 1.1. Муайян кардани мақсад ва вазифаҳои кор дар даста якҷоя бо ҳамкорон.<br>1.2. Муайян кардани ҷойкунонии афзалиятҳо ва иҷрои масъалаҳои алоҳида дар мухлати таъиншуда.<br>1.3. Мувофиқа ва мутобиқ кардани уҳдадориҳои инфиродӣ барои ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошташуда. |
| 2. Кор кардан дар даста | 2.1. Изҳори боварӣ кардан, дастгирӣ ва эҳтиром нисбати аъзоёни даста дар фаъолияти ҳаррӯза.<br>2.2. Эътирофи ***фарқиятҳои фарҳангӣ*** дар даста.<br>2.3. Ҳангоми зарурат истифода бурдани ёрии дигар аъзоёни даста.<br>2.4. Эътино (муассирӣ) ба робитаи мутақобила ва иттилоот аз ҷониби дигар аъзоёни даста. |
| 3. Риоя кардани одоб ва зебоӣ (этика ва эстетика) | 3.1. Муошират намудан бо ҳамкорон боадабона, хушмуомила.<br>3.2. Истифода бурдани забон ва лаҳни мутобиқ ба вазъияти зикршуда дар робитаи хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ.<br>3.3. Истифода бурдани ***муошırати ғайришифоҳии*** мувофиқ.<br>3.4. Таҳаммулпазирӣ нисбат ба фарқиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ.<br>3.5. Истифодаи усулҳои фаъоли гӯш кардан.<br>3.6. Интихоби воситаи робитаи мувофиқ вобаста аз вазъияти муайян.<br>3.7. Истифодаи боодобонаи воситаҳои робита тибқи протоколҳои стандартӣ ва расму тартиби ташкилӣ. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - муошират, алоқаманд ба шунидан (гӯшдиҳӣ);<br>- савол додан;<br>- муошırати хаттӣ, возеҳ ва кӯтоҳ навиштани паём, қайдҳо, мактубҳо;<br>- ба шахси вазифааш баландтар итоат кардан;<br>- ба дарккунӣ кӯшиш кардан;<br>- бо атрофиён эҳтиромона муносибат кардан;<br>- ошкор ва воқиф шудан ба вазъияти муноқишавӣ, шикоятҳо дар доираи масъулият;<br>- дар даста кор кардан;<br>- гӯш додан ва шунавидан;<br>- малакаҳои заминавии босаводона хондан;<br>- малакаҳои худидоракунӣ. |
| Донишҳои талабшаванда: | - мақсад ва вазифаҳои кор дар даста якҷоя бо ҳамкорон;<br>- бартариҳои кор дар даста;<br>- воситаҳои робитавӣ;<br>- принсипҳои кори даста;<br>- тавсифот, усул ва меъёрҳои истифодаи воситаҳои гуногуни муошират;<br>- намудҳои қабул ва қоидаҳои рафтор дар онҳо;<br>- мафҳуми этика ва ахлоқ;<br>- одоби сӯҳбат ва маданияти нутқ;<br>- симои зоҳирӣ;<br>- ҳусни рафтори расмӣ ва сиёсӣ; |

| | |
|---|---|
| | - тарзи рафтор дар ҷойҳои ҷамъияти, ҷойи кор;<br>- одоби сӯҳбатҳои телефонӣ бо мизоҷон ва ҳамкорон;<br>- калима, ибора ва услуби сӯҳбати телефонӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | - ба шахси вазифааш баландтар итоат кардан;<br>- ба дарккунӣ кӯшиш кардан;<br>- бо атрофиён эҳтиромона муносибат кардан.<br>Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- покизакор;<br>- масъул;<br>- уҳдабаро;<br>- ташаббускор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/Рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Муайян кардани мақсад ва вазифаҳо | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Муайян кардани мақсад ва вазифаҳои кор дар даста якҷоя бо ҳамкорон | | | | | | | | | | | √ |
| 1.2. Муайян кардани ҷойкунонии афзалиятҳо ва иҷрои масъалаҳои алоҳида дар муҳлати таъиншуда | | | | | | | | | | | √ |
| 1.3. Мувофиқа ва мутобиқ кардани уҳдадориҳои инфиродӣ барои ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошташуда | | | | | | | | | | | √ |
| Элементи 2. Кор кардан дар даста | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Изҳори боварӣ кардан, дастгирӣ ва эҳтиром нисбати аъзоёни даста дар фаъолияти ҳаррӯза | | | | | | | | | | | √ |
| 2.2. Эътирофи ***фарқиятҳои фарҳангӣ*** дар даста | | | | | | | | | | | √ |
| 2.3. Ҳангоми зарурат истифода бурдани ёрии дигар аъзоёни даста | | | | | | | | | | | √ |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.4. Эътино (муассирӣ) ба робитаи мутақобила ва иттилоот аз ҷониби дигар аъзоёни даста | | | | | | | | | | | √ |
| Элементи 3: Риоя кардани одоб ва зебоӣ (этика ва эстетика) | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Муошират намудан бо ҳамкорон боадабона, хушмуомила | √ | | | | | | | | | | |
| 3.2. Истифода бурдани забон ва лаҳни мутобиқ ба вазъияти зикршуда дар робитаи хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ | √ | | | | | | | | | | |
| 3.3. Истифода бурдани муошрати ғайришифоҳии мувофиқ | √ | | | | | | | | | | |
| 3.4. Изҳори таҳаммулпазирӣ нисбат ба фарқиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ | √ | | | | | | | | | | |
| 3.5. Истифодаи усулҳои фаъоли гӯш кардан | √ | | | | | | | | | | |
| 3.6. Интихоби воситаи робитаи мувофиқ вобаста аз вазъияти муайян | √ | | | | | | | | | | |
| 3.7. Истифодаи боодобонаи воситаҳои робита тибқи протоколҳои стандартӣ ва расму тартиби ташкилӣ | √ | | | | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Фарқиятҳои фарҳангӣ –*** | - намудҳои саломдиҳӣ, хайрбод ва гуфтугӯ;<br>- забони имову ишораҳо;<br>- махсусияти услубҳои миллии муомилаи корӣ;<br>- махсусияти муносибати байнифарҳангӣ. |
| ***Муоширати ғайришифоҳӣ :*** | - забони имову ишора;<br>- риоя кардани фосилаи муайян байни шарикон. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Расонидани ёрии аввалия** | **ТС 04 – 2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур малака ва донишҳои зарурииро барои расонидани ёрии аввалия ва нигаҳдории ҳаёт дар давраи то расонидани ёрии тиббӣ тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми арзёбии ҳолатҳои рухдода, бартараф кардани таваккалҳои мушаххас, хавф ва захмҳои ба он алоқаманд. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- ТС 03 – 1/01 Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон/фармоишгарон. | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |

| | |
|---|---|
| 1. Арзёбии ҳолати рухдода | 1.1. Арзёбии вазъият ва кам кардани ***хатар,*** ба вуҷуд оварандаи таваккали захмгирӣ ё беморӣ барои худ ва дигарон.<br>1.2. Ошкор кардани ҳодисаи нохуш, захм, беморӣ ва арзёбии ҳолати ҷабрдида.<br>1.3. Даъват намудани ёрии таъҷилӣ.<br>1.4. Оромона ба ҷабрдида дар бораи ҳолати ӯ иттилоъ дода, таскин намудан.<br>1.5. Истифода бурдани ашё ё таҷҳизоти дастрас барои худро бароҳат ҳис кардани ҷабрдида.<br>1.6. Бо ҷабрдида босаброна муошират карда, ҳамдардӣ ва эҳтиром зоҳир намудан. |
| 2. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми осеб дидан аз барқ ва раъд | 2.1. Бартараф намудани таъсири омилҳои хавфнок (аз таъсири ҷараёни барқӣ озод кардан, хомӯш кардани либосҳои сӯхта, аз об дур кардани ҷабрдида ва ғайра).<br>2.2. Муайян намудани характери зарари ба ҳаёти ҷабрдида бештар таҳдидкунанда.<br>2.3. Иҷро намудани пайдарпайии амалҳо оид ба наҷот додани ҷабрдида. |
| 3. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми хунравӣ | 3.1. Расонидани ёрӣ дар боздошти хунравӣ.<br>3.2. Истифодаи фишороварии мустақим ба ҷароҳат. |
| 4. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми шикасти устухон | 4.1. Беҳаракат кардани қитъаи шикаст.<br>4.2. Карахт кардани қитъаи шикаст.<br>4.3. Тахтачабандӣ (шинагузорӣ) кардани узви шикастаи бадан. |
| 5. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми ғарқшавӣ | 5.1. Додани нафаси сунъӣ.<br>5.2. Гузаронидани масҳи мустақим ба қафаси сина. |
| 6. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми нафасгиршавӣ | 6.1. Истифода бурдани усули Геймлих.<br>6.2. Такрор кардани усул то аз нойи нафас баромадани монеа. |
| 7. Расонидани ёрии аввалия зимни сӯхтан | 7.1. Баровардан ба ҷойи бехатар.<br>7.2. Коркарди ҷойи сӯхта. |
| 8. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми зарбхӯрии майна | 8.1. Санҷидани нишонаҳои зарбхӯрӣ.<br>8.2. Муайян кардани нишонаҳо (азҳушравӣ, аз даст додани тамоюлот, хирашавии хотира, сарчархзанӣ, дилбеҳузурӣ). |
| 9. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми осеб дидани сутунмухра | 9.1. Иҷрои амали дуруст ҳангоми гумонбарии осеби сутунмуҳра.<br>9.2. Зоҳир намудани эҳтиёткорӣ ҳангоми додани нафаси сунъӣ. |
| 10. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми ҳолатҳои фаврии ғайримуқаррарӣ | 10.1. Расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи дил.<br>10.2. Расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи асаб.<br>10.3. Расонидани ёрӣ ҳангоми заҳролудшавӣ. |
| 11. Ба кормандони тиб оид ба расонидани ёрӣ иттилоъ додан | 11.1. Иттилоъ додан оид ба вақт ва чораҳои андешида.<br>11.2. Иттилоъ додан оид ба доруворихои истифодашуда. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарии барқӣ;<br>- муайян намудани хатарҳои барқӣ;<br>- бартараф намудани хатарҳои ба ҳаёти инсон таҳдидкунанда;<br>- истифода намудани дастурамалҳо оид ба истифодабарии асбобу таҷҳизоти барқӣ;<br>- арзёбии вазъият ва кам кардани хунравӣ; |

| | |
|---|---|
| | - ошкор кардани ҳодисаи нохуш, захм, ва арзёбии ҳолати ҷабрдида;<br>- даъват намудани ёрии таъҷилӣ;<br>- иттилоъ додан оид ба доруворихои истифодашуда;<br>- оромона ба ҷабрдида дар бораи ҳолати ӯ иттилоъ дода, таскин намудан;<br>- истифода бурдани ашё ё таҷҳизоти дастрас барои худро бароҳат ҳис кардани ҷабрдида;<br>- бо ҷабрдида босаброна муошират карда, ҳамдардӣ ва эҳтиром зоҳир намудан;<br>- истифодаи тахтача/чӯбча барои мустаҳкам кардани шикаст;<br>- додани нафаси сунъӣ;<br>- масҳ кардани дил ва қафаси сина;<br>- хондан, фаҳмидани дастурамал ва истифода бурдани он;<br>- истифодаи воситаҳои сӯхторхомӯшкунӣ;<br>- расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи дил;<br>- расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи асаб;<br>- расонидани ёрӣ ҳангоми заҳролудшавӣ. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои техникаи бехатарии барқӣ;<br>- хатарҳои барқии ҳангоми кор рухдода;<br>- қоидаҳои бартарафкунии хатарҳои ба ҳаёти инсон таҳдидкунанда;<br>- амалҳо оид ба наҷот додани ҷабрдида;<br>- дастури Ҳилоли Аҳмар оид ба принсипҳои расонидани ёрии аввалия;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия ҳангоми хунравӣ;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия ҳангоми шикасти устухон;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия ҳангоми ғарқшавӣ ва нафасгиршавӣ;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия зимни сӯхтан;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия ҳангоми зарбхӯрии майна ва осеб дидани сутунмуҳра;<br>- монеашавии роҳҳои нафасгирӣ/нафастангӣ;<br>- сӯхтан (ҳароратӣ, кимиёвӣ, барқӣ, соишхӯрӣ);<br>- қоида ва тартиби додани нафаси сунъӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- покизакор;<br>- масъул;<br>- уҳдабаро;<br>- мушфиқ;<br>- раҳмдил. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/Рӯнамой (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Арзёбии ҳолати рухдода | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Арзёбии вазъият ва кам кардани ***хатар,*** ба вуҷуд оварандаи таваккали захмгирӣ ё беморӣ барои худ ва дигарон | | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Ошкор кардани ҳодисаи нохуш, захм, беморӣ ва арзёбии ҳолати ҷабрдида | | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Даъват намудани ёрии таъҷилӣ | | | | √ | | | | | | | |
| 1.4. Оромона ба ҷабрдида дар бораи ҳолати ӯ иттилоъ дода, таскин намудан | | | | | | | | | √ | | |
| 1.5. Истифода бурдани ашё ё таҷҳизоти дастрас барои худро бароҳат ҳис кардани ҷабрдида | | | | | | | | | √ | | |
| 1.6. Бо ҷабрдида босаброна муошират карда, ҳамдардӣ ва эҳтиром зоҳир намудан | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 2: Расонидани ёрии аввалия ҳангоми осеб дидан аз барқ ва раъд | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Бартараф намудани таъсири омилҳои хавфнок (аз таъсири ҷараёни барқӣ озод кардан, хомӯш кардани либосҳои сӯхта, аз об дур кардани ҷабрдида ва ғайра) | | | | | | | | | √ | | |
| 2.2. Муайян намудани характери зарари ба ҳаёти ҷабрдида бештар таҳдидкунанда | | | | | | | | | √ | | |
| 2.3. Иҷро намудани пайдарпайии амалҳо оид ба наҷот додани ҷабрдида | | | | | | | | | √ | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 3: Расонидани ёрии аввалия ҳангоми хунравӣ | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Расонидани ёрӣ дар боздошти хунравӣ | | | | | | | | | √ | | |
| 3.2. Истифодаи фишороварии мустақим ба ҷароҳат | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 4: Расонидани ёрии аввалия ҳангоми шикасти устухон | | | | | | | | | | | |
| 4.1. Беҳаракат кардани қитъаи шикаст | | | | | | | | | √ | | |
| 4.2. Карахт кардани қитъаи шикаст | | | | | | | | | √ | | |
| 4.3. Тахтачабандӣ (шинагузорӣ) кардани узви шикастаи бадан | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 5: Расонидани ёрии аввалия ҳангоми ғарқшавӣ | | | | | | | | | | | |
| 5.1. Додани нафаси сунъӣ | | | | | | | | | √ | | |
| 5.2. Гузаронидани масҳи мустақим ба қафаси сина | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 6: Расонидани ёрии аввалия ҳангоми нафасгиршавӣ | | | | | | | | | | | |
| 6.1. Истифода бурдани ***усули Геймлих*** | | | | | | | | | √ | | |
| 6.2. Такрор кардани усул то аз нойи нафас баромадани монеа | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 7: Расонидани ёрии аввалия зимни сӯхтан | | | | | | | | | | | |
| 7.1. Баровардан ба ҷойи бехатар | | | | | | | | | √ | | |
| 7.2. Коркарди ҷойи сӯхта | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 8: Расонидани ёрии аввалия ҳангоми зарбхӯрии майна | | | | | | | | | | | |
| 8.1. Санҷидани нишонаҳои зарбхӯрӣ | | | | | | | | | √ | | |
| 8.2. Муайян кардани нишонаҳо (азҳушравӣ, аз даст додани тамоюлот, хирашавии хотира, сарчархзанӣ, дилбеҳузурӣ) | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 9: Расонидани ёрии аввалия ҳангоми осеб дидани сутунмуҳра | | | | | | | | | | | |
| 9.1. Иҷрои амали дуруст ҳангоми гумонбарии осеби сутунмуҳра | | | | | | | | | √ | | |
| 9.2. Зоҳир намудани эҳтиёткорӣ ҳангоми додани нафаси сунъӣ | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 10: Расонидани ёрии аввалия ҳангоми ҳолатҳои фаврии ғайримуқаррарӣ | | | | | | | | | | | |
| 10.1. Расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи дил | | | | | | | | | √ | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 10.2. Расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи асаб | | | | | | | | | √ | | |
| 10.3. Расонидани ёрӣ ҳангоми заҳролудшавӣ | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 11: Ба кормандони тиб оид ба расонидани ёрӣ иттилоъ додан | | | | | | | | | | | |
| 11.1. Иттилоъ додан оид ба вақт ва чораҳои андешида | | | | | | | | | √ | | |
| 11.2. Иттилоъ додан оид ба доруворихои истифодашуда | | | | | | | | | √ | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Хатар*** – | - ҷисмонӣ;<br>- биологӣ;<br>- кимиёвӣ;<br>- марбут ба омили инсонӣ. |
| ***Усули Геймлих*** – | Тартиби амали ҳангоми расонидани ёрӣ ба нафасгиршуда:<br>- бояд аз паси ҷабрдида истода (агар ҳанӯз рост истода ва ба хуш бошад), бо дастон ӯро дар бар гирифтан;<br>- як дастро мушт карда, бо он тарафе, ки ангушти калон дорад, ба шиками ҷабрдида дар сатҳи байни нофу қавсакҳои тахта (қабурға)-ҳо гузоштан;<br>- кафи дигар дастро ба болои мушт гузошта, бо тапишдиҳии зуд ба боло бо мушт ба шикам зер мекунанд;<br>- дастонро баробари ин якбора аз оринҷ қат мекунанд, лекин қафаси синаи ҷабрдидаро зер кардан лозим нест;<br>- ин усулро ҳангоми зарурат чанд маротиба такрор мекунанд, то роҳи нафас кушода нашавад;<br>- агар роҳи нафас кушода шавад, нафасгирии одам барқарор мешавад ва рангу рӯяш муътадил мегардад. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ-компютерӣ** | **ТС 05-2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди шиносоӣ бо технологияи иттилоотиро дар сатҳи заминавӣ - кор бо муҳаррири матнӣ ва графикӣ, почтаҳои электронӣ, ҷустуҷӯ ва бозкашии (скачивание) иттилоотро аз Интернет тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- қобили истифода ба ҳар корманд. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- тавонистани хондан ва навистан. | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
| 1. Шиносоӣ бо сохти компютер | 1.1. Шиносоӣ бо таърихи рушди техникаи компютерӣ.<br>1.2. Шиносоӣ бо функсияҳо (амалкардҳо)-и ***қисмҳои асосии компютери фардӣ***.<br>1.3. Кор кардан бо ***қисмҳои иловагии компютер.*** |
| 2. Кор кардан дар барномаи «WINDOWS» | 2.1. Омода намудани компютер ба кор.<br>2.2. Истифода намудани ***гурӯҳи тугмачаҳо (клавишҳо) дар ҳарфкалид (клавиатура).*** |

| | |
|---|---|
| | 2.3. Кор кардан бо файлҳо.<br>2.4. Кор кардан бо ***лавҳаи идоракунӣ.*** |
| 3. Кор кардан дар барномаи офисӣ | 3.1. Кор кардан дар барномаи «WORD».<br>3.2. Кор кардан дар барномаи «POWER POINT».<br>3.3. Кор кардан бо муҳаррири матнӣ.<br>3.4. Кор кардан бо муҳаррири графикӣ. |
| 4. Пайваст ва истифода намудани «Интернет» | 4.1. Истифода намудани таҷҳизоти васлгарӣ барои пайвастшавӣ бо Интернет.<br>4.2. Кор кардан бо ***хадамоти ҷустуҷӯӣ*** ҷиҳати дарёфти маълумот/иттилоот.<br>4.3. Кор кардан бо ***браузерҳо.*** |
| 5. Кор кардан бо почтаҳои электронӣ | 5.1. Бақайдгирӣ дар почтаи электронӣ (почта, шабакаҳои иҷтимоӣ).<br>5.2. Ирсол ва қабул намудани мактубҳо тариқи почтаи электронӣ. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - пайваст кардани таҷҳизоти компютерӣ;<br>- муайян намудани наслҳои компютерҳо;<br>- кор кардан бо қисмҳои иловагӣ (принтер, сканер, манбаи тағзияи муттасил (UPS) ва ғайра;<br>- истифода намудани компютерҳо ва барномаҳои он;<br>- кор кардан бо ҳомили файлҳо;<br>- кор кардан бо барномаҳои зиддивирусӣ;<br>- сохтани файлҳо ва сабт кардани онҳо дар компютер;<br>- сохтани файли «WORD» дар компютер ва сабт кардани он;<br>- сохтани файли барномаи «POWER POINT» ва сабт кардани он;<br>- чоп кардани ҳуҷҷатҳо дар чопгар;<br>- ворид намудани расм ва графикҳо дар барномаҳои офисӣ;<br>- ҷӯрсозии параметрҳои Интернет;<br>- боргирии маълумот аз Интернет;<br>- кор кардан бо ҷустуҷӯгарҳо (браузерҳо)-и Интернет;<br>- кор кардан бо мессенҷерон;<br>- қабул, ирсол ва эътинои (игнорировать) мактубҳои почтаи электронӣ. |
| Донишҳои талабшаванда | - наслҳои компютерҳо;<br>- қисмҳои асосӣ ва иловагии компютер;<br>- гурӯҳи тугмачаҳо (клавишҳо);<br>- функсияҳои қисмҳои иловагӣ (принтер, сканер), манбаи тағзияи муттасил (UPS) ва ғайра;<br>- системаи амалиётии компютер;<br>- драйверҳои қисмҳои иловагӣ;<br>- лавҳаи идоракунӣ ва дохилшавӣ ба он;<br>- намудҳои барномаҳои офисӣ;<br>- тарзи насб кардани барномаҳои офисӣ дар компютер;<br>- тартиби кори барномаҳои офисӣ;<br>- дастрас намудани барномаҳои офисӣ аз Интернет ва ширкати истеҳсолкунанда;<br>- таҷҳизот ва дастгоҳ барои пайвастшавӣ ба хатти Интернет;<br>- тарзи бехатар кор кардан дар шабакаи Интернет; |

| | |
|---|---|
| | - хадамоти ҷустуҷӯӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ;<br>- кибернетика ва кибертерроризм ва пешгири аз онҳо;<br>- намудҳои мессенҷерон ва тарзи кори онҳо;<br>- почтаи электронӣ ва тарзи дурусти истифода он;<br>- бехатарӣ ва ҳифзи маълумот ҳангоми кор бо почтаҳои электронӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- покизакор;<br>- масъул;<br>- эҳтиёткор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/Рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Шиносоӣ бо сохти компютер | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Шиносоӣ бо таърихи рушди техникаи компютерӣ | | | √ | | | | | | | | |
| 1.2. Шиносоӣ бо функсияҳои қисмҳои асосии компютери фардӣ | | | √ | | | | | | | | |
| 1.3. Кор кардан бо қисмҳои иловагии компютер | √ | | | | | | | | | | |
| Элементи 2: Кор кардан дар барномаи «WINDOWS» | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Омода намудани компютер ба кор | √ | | | | | | | | | | |
| 2.2. Истифода намудани гурӯҳи тугмачаҳо (клавишҳо) дар ҳарфкалид (клавиатура) | √ | | | | | | | | | | |
| 2.3. Кор кардан бо файлҳо | √ | | | | | | | | | | |
| 2.4. Кор кардан бо лавҳаи идоракунӣ | √ | | | | | | | | | | |
| 6. Элементи 3: Кор кардан дар барномаи офисӣ | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Кор дар барномаи «WORD» | | √ | | | | | | | | | |
| 3.2. Кор дар барномаи «POWER POINT» | | | | | | | | √ | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3.3. Кор бо муҳаррири матнӣ | | √ | | | | | | | | | |
| 3.4. Кор бо муҳаррири графикӣ | | √ | | | | | | | | | |
| Элементи 4: Пайваст ва истифода намудани «Интернет» | | | | | | | | | | | |
| 4.1. Истифода намудани таҷҳизоти васлгарӣ барои пайвастшавӣ бо Интернет | √ | | | | | | | | | | |
| 4.2. Кор кардан бо хадамоти ҷустуҷӯӣ ҷиҳати дарёфти маълумот/иттилоот | √ | | | | | | | | | | |
| 4.3. Кор кардан бо браузерҳо | √ | | | | | | | | | | |
| Элементи 5: Кор кардан бо почтаҳои электронӣ | | | | | | | | | | | |
| 5.1. Бақайдгирӣ дар почтаи электронӣ (почта, шабакаҳои иҷтимоӣ) | √ | | | | | | | | | | |
| 5.2. Ирсол ва қабул намудани мактубҳо тариқи почтаи электронӣ | √ | | | | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Компютери фардӣ (КФ)*** – ин: | - компютере, ки онро танҳо як одам истифода мебарад (ё соҳибӣ мекунад) (аз калимаи «personal», яъне барои як фард) |
| ***Қисмҳои асосӣ ва иловагии компютер*** - ин: | *қисмҳои асосии компютер:*<br>- монитор;<br>- блоки системавӣ;<br>- ҳарфкалид (клавиатура);<br>- мушак.<br>- *қисмҳои иловагии компютер:*<br>- принтер;<br>- УПС;<br>- овозбарор;<br>- гӯшмонак (наушник);<br>- сканер;<br>- ёдгора//флеш-захирасоз (накопитель);<br>- модем. |
| ***Гурӯҳи тугмачаҳо (клавишҳо) дар ҳарфкалид (клавиатура)*** – ин: | - тақсимоти тугмачаҳо (клавишҳо)-и ҳарфкалид (клавиатура) дар асоси функсия ва ҷойгиршавии онҳо. Гурӯҳи тугмачаҳо (клавишҳо) дар ҳарфкалид (клавиатура) тақсим мешавад: - ба иловагӣ, алифбоӣ –рақамӣ, хизматӣ, фунсионалӣ, барои кор бо курсор муқарраргардида. |
| ***Лавҳаи идоракунӣ*** – ин: | - қисмати истифодашавандаи интерфейс Microsoft Windows, ки иҷрои амалҳои асосӣ оид ба ҷурсозии система, чун иловакунӣ ва ҷӯрсозии дастгоҳ, насб ва деинсталлятсияи (интисоби)-и барномаҳо, идоракунии баҳисобгирии сабтҳо, воридкунии имконоти махсус ва инчунин, якчанд амалҳои дигари марбут ба идоракунии системаро имкон медиҳад. |
| ***Хадамоти ҷустуҷӯии*** | - yandex; |

| | |
|---|---|
| ***Интернет*** - ин: | - google;<br>- yahoo bing ва ғайра. |
| ***Браузер*** - ин: | - барномае, ки бо ёрии он веб-саҳифаҳо аз назар гузаронида мешаванд. Новобаста аз оне, ки намудҳои гуногуни браузер зиёданд, мазмуни кори онҳо ин - кушодани сомонаҳо мебошад.<br>Барои ин, дар ҳар браузер сатри нишонигӣ вуҷуд дорад-майдоне, ки дар он номгӯйи сомона барои кушодашавии он чоп/навишта мешавад. |

## Воҳидҳои салоҳияти заминавӣ (базавӣ)

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ** | **СВ-01-1/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди қатъиян риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ ва қоидаҳои бехатарии зидди сӯхторро тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- дар ҳама ҷойҳои корӣ. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- ТС-01-1/01 Гузаштан аз муоинаи тиббӣ;<br>- ТС 04-2/01 Расонидани ёрии аввалия. | |

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
|---|---|
| 1. Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат | 1.1. Риоя намудани дастурамалҳои вазифавӣ ва қоидаҳои дохилии корхона.<br>1.2. Мусоидат намудан дар ташкили шароити бехатарии корӣ.<br>1.3. Хабар додан оид ба корношоямии таҷҳизот, асбобҳо, дастгоҳҳо, воситаҳои муҳофизатӣ ва зуд бадшавии вазъи саломатӣ.<br>1.4. Риоя намудани низоми муқарраршудаи меҳнат ва истироҳат, қоидаҳои интизоми меҳнат.<br>1.5. Гузаронидани дастурдиҳӣ оид ба истифодаи воситаҳои муҳофизати шахсӣ. |
| 2. Риоя намудани ***қоидаҳои техникаи бехатарӣ*** | 2.1. ***Гузаштани дастурдиҳӣ*** (муқаддимавӣ, ибтидоӣ, ҷорӣ) оид ба техникаи бехатарӣ.<br>2.2. Пӯшидани либосҳои махсус ва ***воситаҳои муҳофизатӣ***.<br>2.3. Риоя намудани ***қоидаҳои бехатарии барқӣ***.<br>2.4. Риоя намудани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми кор бо асбоб ва таҷҳизоти корӣ.<br>2.5. Истифода намудани дастгоҳҳои электронӣ мувофиқи дастурҳо ва шиносномаи техникии онҳо. |
| 3. Риоя намудани қоидаҳои бехатарии барқӣ | 3.1. Санҷидани коршоямии дастгоҳҳои барқӣ.<br>3.2. Санҷидани ҳолати таҷҳизоти барқӣ ва дастгоҳҳо пеш аз истифодабарӣ. |
| 4. Риоя намудани қоидаҳои бехатарии зидди сӯхтор | 4.1. Иҷро намудани талаботи дастурамали бехатарии сӯхтор.<br>4.2. ***Тахлия (эвакуатсия)-и кормандон ва мизоҷон/фармоишгарон*** аз рӯи нақшаи кӯчонидан.<br>4.3. Истифода бурдани воситаҳои сӯхторхомӯшкунӣ тибқи дастурамал. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани талаботи беҳдошти (санитария)-и истеҳсолӣ;<br>- кор кардан мувофиқи дастурамалҳо оид ба ҳифзи меҳнат дар ҷои кор;<br>- истифодаи либоси махсуси корӣ ва воситаҳои ҳимоявӣ;<br>- шинос шудан бо санадҳои меъёрии техникии ҳуқуқӣ ва санадҳои маҳаллии меъёрию ҳуқуқии ҳифзи меҳнат;<br>- пайдо намудани маълумот оид ба тартиботи дохилии ташкилот/корхона;<br>- гирифтани иҷозат барои иҷрои корҳо аз рӯи супоришнома ва ё амр;<br>- истифода намудани либосҳои махсус ва воситаҳои муҳофизатӣ тибқи талаботи муассиса/ташкилот;<br>- санҷиши абзорҳои барқӣ, таҷҳизот қабл аз истифодабарӣ ва расонидани иттилоот ба барқчӣ оид ба носозиҳо;<br>- санҷидани ҳолоати таҷҳизот, асбобу анҷоми барқӣ пеш аз истифодабарии онҳо;<br>- мӯътадил гардондани параметрҳои микроиқлим дар сехи заргарӣ;<br>- ҳифз намудани коргарон аз садо, ларзиш, шуоъҳои электромагнитӣ ва ғ.;<br>- таъмини намудани меъёрҳои зарурии равшании табиӣ ва сунъӣ;<br>- истифодаи воситаҳои муҳофизатии барқӣ;<br>- санҷидани ҳолати коршоямии воситаҳои ҳимоявӣ;<br>- истифода бурдани системаи эҳтиётӣ;<br>- истифодаи воситаҳои оташнишонӣ тибқи дастурамал ва таъйинот;<br>- расонидани ёрии аввалия ҳангоми сӯхтан. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои техникаи бехатарии муқаррароти дохилии ташкилот;<br>- қоидаҳои техникаи бехатарии барқии муқаррароти дохилии ташкилот;<br>- қоидаҳои бехатарии зидди сӯхтори муқаррароти дохилии ташкилот;<br>- қоидаҳои истифодаи таҷҳизот;<br>- қоидаҳои тахлия дар ҳолатҳои фавкулода;<br>- қоидаҳои истифодабарии воситаҳои оташнишонӣ;<br>- қоидаҳои бехатарӣ, дастурҳо оид ба бехатарӣ;<br>- санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ;<br>- асосҳои ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ ва ҳавасмандкунии меҳнатӣ;<br>- талаботи беҳдошт (санитария) –и биноҳои саноатӣ, анборҳо ва биноҳои маишӣ – беҳбудсозӣ;<br>- асосҳои технологияи истеҳсолот;<br>- асосҳои қонунгузории меҳнат;<br>- дастур оид ба истифодабарии таҷҳизот ва дастгоҳҳо;<br>омилҳои истеҳсолии хатарнок ва зараровар;<br>- сабабҳои сар задани сӯхтор ва пешгирӣ аз онҳо. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат; |

| | |
|---|---|
| | - тозакор;<br>- масъулнок;<br>- ӯҳдабаро;<br>- ташаббускор;<br>- мушфиқ. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элементҳо ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/Рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Риоя намудани дастурамалҳои вазифавӣ ва қоидаҳои дохилии корхона | √ | | √ | | | | | | | | |
| 1.2. Мусоидат намудан дар ташкили шароити бехатарии корӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Хабар додан оид ба корношоямии таҷҳизот, асбобҳо, дастгоҳҳо, воситаҳои муҳофизатӣ ва зуд бадшавии вазъи саломатӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.4. Риоя намудани низоми муқарраршудаи меҳнат ва истироҳат, қоидаҳои интизоми меҳнат | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.5. Гузаронидани дастурдиҳӣ оид ба истифодаи воситаҳои муҳофизати шахсӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Риоя намудани ***қоидаҳои техникаи бехатарӣ*** | | | | | | | | | | | |
| 2.1. ***Гузаштани дастурдиҳӣ*** (муқаддимавӣ, ибтидоӣ, ҷорӣ) оид ба техникаи бехатарӣ | √ | | √ | | | | | | | | |
| 2.2. Пӯшидани либосҳои махсус ва ***воситаҳои муҳофизатӣ*** | √ | | √ | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.3. Риоя намудани ***қоидаҳои бехатарии барқӣ*** | √ | | √ | | | | | | | | |
| 2.4. Риоя намудани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми кор бо асбоб ва таҷҳизоти корӣ | √ | | √ | | | | | | | | |
| 2.5. Истифода намудани дастгоҳҳои электронӣ мувофиқи дастурҳо ва шиносномаи техникии онҳо | √ | | √ | | | | | | | | |
| Элементи 3: Риоя намудани қоидаҳои бехатарии барқӣ | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Санҷидани коршоямии дастгоҳҳои барқӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.2. Санҷидани ҳолати таҷҳизоти барқӣ ва дастгоҳҳо пеш аз истифодабарӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 4: Риоя намудани қоидаҳои бехатарии зидди сӯхтор | | | | | | | | | | | |
| 4.1. Иҷро намудани талаботи дастурамали бехатарии сӯхтор | √ | | | √ | | | | | | | |
| 4.2. ***Тахлия (эвакуатсия)-и кормандон ва мизоҷон/фармоишгарон*** аз рӯи нақшаи кӯчонидан | √ | | | √ | | | | | | | |
| 4.3. Истифода бурдани воситаҳои сӯхторхомӯшкунӣ тибқи дастурамал | √ | | | √ | | | | | | | |

## **Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Қоидаҳои техникаи бехатарӣ*** - ин: | - системаи чорабиниҳои муташаккилона, санадҳои меъёрӣ, воситаҳои техникӣ ва усулҳои пешгирикунандаи таъсири омилҳои хатарноки истеҳсолӣ ба коргар. |
| ***Гузаштани дастурдиҳӣ оид ба техникаи бехатарӣ*** - маъно дорад: | - қабл аз иҷозатдиҳии коргар ба иҷрои вазифаи худ сардор ва шахсони масъул оид ба бехатарӣ ухдадоранд бо одам ва корманд дастурдиҳии техникаи бехатариро гузаронанд ва имзои дастургирандаро дар журнали техникаи бехатарӣ ба қайд гиранд. Қоидаи мазкур–шарти ҳатмии муносибатҳои меҳнатӣ, батартибдаровардашудаи Кодекси Меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Гузаштани он ҳатто ба роҳбари ширкат ҳатмист.Танҳо баъди шиносоӣ бо дастур оид ба техникаи бехатарӣ кормандро метавон ба иҷрои корҳо иҷозат дод. |
| ***Либоси махсус*** - ин: | - сарпӯшҳо (тоскулоҳ, берет), костюмҳои гуногун, шим, комбинезон, камзӯл, дастпӯш, пойафзол ва монанди инҳо, яъне он чизҳое, ки ба предметҳои либос таалluқ доранд ва барои аз омилҳои хатарноки беруна муҳофизат кардани ҳаёт ва |

| | |
|---|---|
| | саломатии кормандон дар раванди иҷрои корҳо таъйинот доранд. |
| ***Қоидаҳои бехатарии барқӣ*** - ин: | - системаи тадбирҳои муташаккилонаи воситаҳои техникӣ ва усулҳои пешгирикунандаи расиш ба қисмҳои ҷараёнгузар ва таъсиррасонии он ба коргар. |
| ***Қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор*** - ин: | - системаи тадбирҳои муташаккилонаи воситаҳои техникӣ ва усулҳои пешгирикунандаи ҳолати хатари оташ, барҳамдиҳии он ва таъсиррасонии омилҳои хатарноки истеҳсолӣ ба коргарон. |
| ***Воситаҳои сӯхторхомушкунӣ*** - ин: | - воситаи махсуси дар ихтиёрдошта ва инчунин, асбобу анҷоми истифодашаванда барои оташнишонӣ (ҷумаки оташнишонӣ (гидрант), рӯдаҳои оташнишонӣ, оташнишонак, қум, об, чангаки сухторнишонӣ, мисрон (лом), бел, сатил ва ғайра). |
| ***Тахлия (эвакуатсия)-и кормандон ва мизоҷон/фармоишгарон*** - ин: | - маҷмӯи чорабиниҳои ташкилотӣ барои баровардани кормандон ва мизоҷон/фармоишгарон аз минтақаҳои фавқулода ба макони бехатар. |

| | |
|---|---|
| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
| **Муошират кардан бо забони хориҷӣ дар сатҳи заминавӣ** | **СВ 02-3/01** |
| Воҳиди салоҳиятҳои мазкур, маҳорат ва дониши зарурӣ барои фаҳмиш ва истифодаи фарққунанда аз забони тоҷикӣ (русӣ, англисӣ ва ғ.) дар мисоли истифодаи ифодаҳое, ки доимӣ дар ҷои кор (саломдиҳӣ, хайрухуш, бахшиш ва ғ.) маъмуланд, инъикос мекунад. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- кормандони ҳама сатҳҳои соҳаи мазкур. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- надорад. | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
| 1. Муошироти боадабона бо мизоҷон/ фармоишгарон | 1.1. Муайян кардани забони мушаххас барои муошират зарур.<br>1.2. Истифодаи ***ибораҳои одии маъмулан истифодашавандаи*** одоб (салому алейк, хайру хуш, маъзарат, сипосгузорӣ) бо мизоҷон/фармоишгарон.<br>1.3. Истифодаи забони имову ишора ё луғат, агар монеаи забонӣ пайдо шавад.<br>1.4. Истифодаи ***захираҳои мувофиқ*** ва мурочиат ба ёрии ҳамкорон - донандагони забони мазкур. |
| 2. Муошират кардан бо мизоҷон/фармоишгарон бо забони фарққунанда аз тоҷикӣ (русӣ, англисӣ ва диг.), барои иҷрои корҳои рӯзмарра дар ҷои кор | 2.1. Фаҳмидан ва истифода бурдани калимаҳои калидӣ, ибораҳои кӯтоҳ ва имову ишораҳо барои давом додани ***муошират.***<br>2.1. Истифодаи ҳама гуна ***усулҳои визуалӣ*** барои беҳтар ва иваз кардани муоширати шифоҳӣ. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - малакаҳои робитавӣ ва байнишахсии муошırати ҳалимона бо ҳамкорон ва мизоҷон/фармоишгарон;<br>- истифода намудани калимаҳои асосӣ, ибораҳо, ифодаҳои кӯтоҳ ва рақамҳо, барои муошират бо мизоҷон/фармоишгарон зарур, мувофиқ ба ҷои корӣ мушаххас;<br>- истифода намудани забони имову ишора ё луғат;<br>- талаффуз намудани калимаҳо ва ибораҳо барои иҷрои кор;<br>- талафузи номҳои таҷҳизоти муҳофизати шахсӣ ва либоси махсус бо забони омӯхташаванда;<br>- талафузи номгӯйи асбоб ва таҷҳизотҳо, нишонаҳо дар аломатҳои огоҳкунанда. |
| Донишҳои талабшаванда: | - алифбои забони омӯхташаванда;<br>- оид ба масъалаҳои робитаҳои фарҳангӣ, роҳ надодани таҳқирҳои тасодуфӣ ба ҳамкасбон ё шарикон;<br>- қоидаҳои талаффузи калимаҳо ва ибораҳо;<br>- қоидаҳои талаффузи калимаҳо ва ибораҳо;<br>- номҳои таҷҳизоти муҳофизати шахсӣ ва либоси махсус;<br>- номгӯйи асбоб ва таҷҳизотҳо бо забони хориҷӣ;<br>- нишонаҳо дар аломатҳои огоҳкунанда. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- ҳалим;<br>- мушфиқ;<br>- ташаббускор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/Рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Муошırати боадабона бо мизоҷон/фармоишгарон | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Муайян кардани забони мушаххас барои муошират зарур. | | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Истифодаи ибораҳои одии маъмулан истифодашавандаи одоб (салому алейк, хайру хуш, маъзарат, сипосгузорӣ) бо мизоҷон/фармоишгарон. | | | | √ | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1.3. Истифодаи забони имову ишора ё луғат, агар монеаи забонӣ пайдо шавад. | | | | √ | | | | | | | |
| 1.4. Истифодаи захираҳои мувофиқ ва мурочиат ба ёрии ҳамкорон - донандагони забони мазкур. | | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Муошират кардан бо мизоҷон/фармоишга- рон бо забони фарққунанда аз тоҷикӣ (русӣ, англисӣ ва диг.), барои иҷрои корҳои рӯзмарра дар ҷои кор | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Фаҳмидан ва истифода бурдани калимаҳои калидӣ, ибораҳои кӯтоҳ ва имову ишораҳо барои давом додани муошират | | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Истифодаи ҳама гуна усулҳои визуалӣ барои беҳтар ва иваз кардани муошири шифоҳӣ | | | | √ | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Ибораҳои маъмули зуд-зуд истифодашаванда***: | - субҳ ба хайр;<br>- корҳоятон чи тавр?<br>- то боздид;<br>- ба шумо чӣ кумак карда метавонам?<br>- бубахшед ман шуморо намефаҳмам;<br>- Шумо бо забони...гап мезанед? ва ғайра. |
| ***Захираҳои мувофиқ***: | - дафтарча барои қайди ёдоштҳо, сабти калимаҳо, абзорҳо барои афзун кардани луғат;<br>- луғатҳои гуногун (мавзӯӣ, касбҳои ҷудогона, бо расмҳо ва ғ.);<br>- китобчаҳо (брошюраҳо);<br>- имзоҳо бо тавзеҳот;<br>- сомонаҳо барои тарҷума. |
| ***Муошират***: | - маслиҳатҳо ва эзоҳ додан;<br>- пешниҳод намудани маълумотҳо, монанди: соати корӣ, намуди кор, нархнома ва ғ.;<br>- кумак дар доираи вазифаҳои худ, инчунин ба ҳамкорон/мизоҷон аз рӯи хоҳиши онҳо;<br>- фаҳмондан ва таъмин кардани самтҳои одӣ ва ғ. |
| ***Усулҳои визуалӣ (дидорӣ):*** | - қайд, нишон додани иттилооти зарурӣ дар ҳуҷҷатгузорӣ, ҳуҷҷатҳо ва нақшаҳо;<br>- истифодаи калкулятор барои арзиши музди кор ва хароҷотҳои муайян;<br>- истифода намудани забони имову ишора;<br>- нишон додани ашёи мушаххас. |

## Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Санҷидани ҳолати коршоямии асбобу олот ва таҷҳизоти корӣ** | **SI 7313-01-2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди санҷидани ҳолати коршоямии асбобу олот ва таҷҳизоти корӣ, омодагии онҳоро барои иҷро вазифаи мушаххас бо назардошти риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- дар ҳама ҷойҳои корӣ. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- SB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- SB 02-2/01 Муоширát кардан бо забони хориҷӣ дар сатҳи заминавӣ. | |

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
|---|---|
| 1. Санҷидани мавҷудияти асбобу олоти корӣ ва коршоямии онҳо | 1.1. Тартиб додани рӯйхати асбобу олоти корӣ.<br>1.2. Интихоб намудани асбобу ***олоти кории асосӣ.***<br>1.3. Интихоб намудани асбобу ***олоти кории ёрирасон.***<br>1.4. Санҷидани ҳолати бутунӣ ва мустаҳкамии асбобу олоти корӣ.<br>1.5. Санҷидани мувофиқатии асбобу олоти корӣ барои иҷрои вазифаи мушаххас. |
| 2 . Санҷидани коршоямии таҷҳизоти корӣ | 2.1. Санҷидани ноқилҳои таъминкунандаи қувваи барқ ба таҷҳизот.<br>2.2. Аз назар гузаронидани бутунии таҷҳизоти корӣ.<br>2.3. Санҷидани мустаҳкамии ***таҷҳизоти рӯимизӣ.***<br>2.4. Аз назар гузаронидани ҳолати кории дандонаҳо (шестерня) ва дигар қисмҳои даврзанандаи таҷҳизоти корӣ.<br>2.5.Санҷидани мавҷудияти ***рӯйпуши махсус (кожух)*** барои ҷамъоварии оҳанмайдаҳо (стружек) дар мизи пармакунӣ. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми истифодаи асбобу таҷҳизоти корӣ;<br>- истифода намудани либоси махсус ва воситаҳои ҳимоявӣ;<br>- кор кардан бо асбобу таҷҳизоти корӣ мувофиқи дастурамали истифодабарии онҳо;<br>- санҷидани мавҷудияти ҷойи корӣ бо таҷҳизоти зарурӣ;<br>- омода намудани ҷойи кор барои фаъолияти бехатар;<br>- аз назар гузаронидани мавҷудият ва эътимоднокии заминвасла;<br>- истифода намудани таҷҳизот ва асбобҳои коршоям танҳо барои иҷрои супоришҳои додашуда;<br>- тоза нигоҳ доштани ҷойи корӣ;<br>- ҷобаҷо кардани асбобу олоти корӣ банди анҷоми кор. |
| Донишҳои талабшаванда: | - Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>- қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми истифодаи асбобу таҷҳизоти корӣ;<br>- қоидаҳои тартиб додани рӯйхати асбобу олот ва таҷҳизоти корӣ;<br>- тартиби санҷидани коршоямии асбобу олоти корӣ;<br>- дастурамал оид ба истифодабарии таҷҳизоти барқӣ;<br>- тартиби интихоби асбобу олот ва таҷҳизоти корӣ мутобиқ ба иҷрои супориши мушаххас; |

| | |
|---|---|
| | - тартиби омода кардани ҷойи кор;<br>- номгӯи асбобу таҷҳизот барои коркарди маҳсулоти заргарӣ ва тартиби истифодабарии онҳо<br>- дастурамали ёрии аввалия. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- покизакор;<br>- масъул;<br>- эҳтиёткор;<br>- ташаббускор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/Рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Санҷидани мавҷудияти асбобу олоти корӣ ва коршоямии онҳо | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Тартиб додани рӯйхати асбобу олоти корӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Интихоб намудани асбобу ***олоти кории асосӣ*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Интихоб намудани асбобу ***олоти кории ёрирасон*** | √ | | √ | | | | | | | | |
| 1.4. Санҷидани ҳолати бутунӣ ва мустаҳкамии асбобу олоти корӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.5. Санҷидани мувофиқатии асбобу олоти корӣ барои иҷрои вазифаи мушаххас | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Санҷидани ноқилҳои таъминкунандаи қувваи барқ ба таҷҳизот | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Аз назар гузаронидани бутунии таҷҳизоти корӣ | √ | | | √ | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.3. Санҷидани мустаҳкамии ***таҷҳизоти рӯимизӣ*** | √ | | √ | | | | | | | | |
| 2.4. Аз назар гузаронидани ҳолати кории дандонаҳо (шестерня) ва дигар қисмҳои даврзанандаи таҷҳизоти корӣ | √ | | √ | | | | | | | | |
| 2.5.Санҷидани мавҷудияти ***рӯйпуши махсус (кожух)*** барои ҷамъоварии оҳанмайдаҳо (стружек) дар мизи пармакунӣ | √ | | √ | | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Олоти кории асосӣ –*** инҳо: | - горелкаҳо, валтсҳо, тигелҳо, филерҳо, ригелҳо, лобзикҳо, «цанговые ручки». |
| ***Олоти ёрирасони корӣ*** – инҳо: | - пармаҳо (бормашина) ва микромоторҳо таҷҳизоти махсусе мебошанд, ки барои коркарди омодагӣ ва ниҳоии маводҳои гуногун, маҳсулотҳои нимтайёр ва тайёр пешбинӣ шудаанд. Вобаста ба модел онҳо барои фрезеркунии сабук, сайқал додан, кандакорӣ ва суфта кардани маснуоти аз масолеҳи гуногун сохташуда истифода мешаванд. Барои тағйир додани самти фаъолият, шумо танҳо бояд сарқапи (насадка) онро иваз кунед. |
| ***Таҷҳизоти рӯимизӣ –*** ин: | - валтс;<br>- дастгоҳи пармакунӣ;<br>- лобзикҳо. |
| ***Рӯйпӯши махсус (кожух) –*** ин: | - рӯйпӯши берунии мошин, асбоб, механизм, дастгоҳ- барои маҳкам кардан ва нигоҳ доштани ҷузъҳои алоҳидаи конструксия ва ҳамчун панҷараи муҳофизатӣ барои қисмҳои берунӣ ва ҳаракаткунандаи таҷҳизот мебошад. |

<table>
<tr><td>Номи воҳиди салоҳият</td><td>Рамзи воҳиди салоҳият</td></tr>
<tr><td>Интихоб намудани маводи корӣ</td><td>SI 7313-02-2/01</td></tr>
<tr><td colspan="2">Воҳиди салоҳияти мазкур раванди интихоби масолеҳи асосии фулузӣ (металлӣ), масолеҳи ғайриметаллӣ ва ёрирасон бо назардошти риояи технологияи корҳо ва қоидаҳои техникаи бехатарӣ тавсиф менамояд.</td></tr>
<tr><td colspan="2">Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- дар ҳама ҷойҳои корӣ пеш аз оғози иҷрои кор.</td></tr>
<tr><td colspan="2">Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- SB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- SI 7313-01-2/01 Санҷидани ҳолати коршоямии асбобу олот ва таҷҳизоти корӣ.</td></tr>
<tr><td>Элементҳои ВС</td><td>Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС</td></tr>
<tr><td>1. Интихоб намудани масолеҳи асосии фулузӣ (металлӣ) барои истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ</td><td>1.1. Интихоб намудани металлҳои қимматбаҳо.<br>1.2. Интихоб намудани хӯлаҳои (сплавы) металлҳои қимматбаҳо.<br>1.3. Интихоб намудани металлҳои ранга (цветные металлы).<br>1.4. Интихоб намудани хӯлаҳои (сплавы) металлҳои ранга.</td></tr>
</table>

| | |
|---|---|
| 2. Интихоб намудани масолеҳи ғайриметаллӣ барои истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ | 2.1. Интихоб намудани ***сангҳои қиматбаҳо, нимқиматбаҳ.***<br>2.2. Интихоб намудани ***сангҳои ороишӣ.***<br>2.3. Интихоб намудани ***сангҳои органикӣ ва сунъӣ.***<br>2.4. Интихоб намудани ***маводҳои иловагӣ***. |
| 3. Интихоб намудани ***масолеҳи ёрирасон*** барои истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ | 3.1. Интихоб намудани ***кислотаҳо.***<br>3.2. Интихоб намудани ***намакҳо.***<br>3.3. Интихоб намудани ***ишқорҳо*** барои пошидани кимиёвӣ ва пассиватсия, таҳлили хӯлаҳои платина, ҷилои тиллоӣ ва ғайра.<br>3.4. Интихоб кардани ***масолеҳи ба оташ тобовар.***<br>3.5. Интихоб намудани ***хамираи фиксинг ва моддаҳои қатронмонанд (муммонанд)***.<br>3.6. Интихоб намудани ***припой ва флюс.*** |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ;<br>- интихоб намудани масолеҳи масрафшавандаи асосии фулузӣ;<br>- интихоб намудани сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо, ороишӣ ва сунъӣ вобаста ба таъинот;<br>- истифода намудани либосҳои махсус ва воситаҳои ҳимоявӣ;<br>- тартиб додани рӯйхати маводи асосӣ ва ёрирасон;<br>- истифода бурдани кислотаҳо, ишқорҳо, намакҳо ва дигар маводи кимиёвӣ мувофиқи таъинот;<br>- аз назар гузаронидани мавҷудият ва эътимоднокии заминвасла;<br>- истифода намудани таҷҳизот ва асбобҳои коршоям танҳо барои иҷрои супоришҳои додашуда;<br>- тоза нигоҳ доштани ҷойи корӣ. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва ҳифзи муҳити зист;<br>- Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>- санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ;<br>- асосҳои маводшиносӣ;<br>- маълумот оид ба металлҳои қиматбаҳо ва ранга;<br>- хусусиятҳои кимиёвӣ ва физикавии металлҳои қиматбаҳо, ранга ва хӯлаҳои онҳо;<br>- фарқияти металлҳои қиматбаҳо ва ранга аз хӯлаҳои онҳо;<br>- дастурамал доир ба истифодабарӣ ва нигоҳдории кислотаҳо, ишқорҳо намакҳо ва дигар маводи кимиёвӣ;<br>- фарқияти сангҳои ороишии органикӣ ва сунъӣ;<br>- хусусиятҳои хоси маводҳои ба оташ тобовар. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- покизакор;<br>- масъул;<br>- эҳтиёткор;<br>- ташаббускор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳоҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/Рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Интихоб намудани масолеҳи асосии фулузӣ (металлӣ) барои истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Интихоб намудани ***металлҳои қимматбаҳо*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Интихоб намудани ***хӯлаҳои (сплавы) металлҳои қимматбаҳо*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Интихоб намудани ***металлҳои ранга (цветные металлы)*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.4. Интихоб намудани ***хӯлаҳои (сплавы) металлҳои ранга*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Интихоб намудани масолеҳи ғайриметаллӣ барои истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Интихоб намудани ***сангҳои қиматбаҳо, нимқиматбаҳ*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Интихоб намудани ***сангҳои ороишӣ*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.3. Интихоб намудани ***сангҳои органикӣ ва сунъӣ*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.4. Интихоб намудани ***маводҳои иловагӣ*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 3: Интихоб намудани ***масолеҳи ёрирасон*** барои истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Интихоб намудани ***кислотаҳо*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.2. Интихоб намудани ***намакҳо*** | √ | | | √ | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3.3. Интихоб намудани ***ишқорҳо*** барои пошидани кимиёвӣ ва пассиватсия, таҳлили хӯлаҳои платина, ҷилои тиллоӣ ва ғайра | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.4. Интихоб кардани ***масолеҳи ба оташ тобовар*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.5. Интихоб намудани ***хамираи фиксинг ва моддаҳои қатронмонанд (муммонанд)*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.6. Интихоб намудани ***припой ва флюс*** | √ | | | √ | | | | | | | |

## **Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Металлҳои қиматбаҳо*** – ин: | - ба гурӯҳи металлҳои қиматбаҳо ҳашт металл – тилло, нуқра, платина ва металлҳои гурӯҳи платина (платиноидҳо) – палладий, родий, иридий, рутений ва осмий дохил мешаванд. |
| ***Ҳӯлаҳои (сплавы) металлҳои қимматбаҳо*** – ин: | - **хӯлаҳои** тилло (Au). Намунаҳои (пробы) 958, 750, 585, 500 ва 375;<br>- **хӯлаҳои** нуқра. Дар саноати заргарӣ намунаҳои (пробы) 999, 960, 925, 916, 875, 830 ва 800 вомехӯранд;<br>- **хӯлаҳои** платина (Pt). Намунаҳои (пробы) 950, 900 ва 850;<br>- **хӯлаҳои палладий** (Pd);<br>- Дигар металлҳои гурӯҳи платина. |
| ***Металлҳои ранга (цветные металлы*** - инҳоянд: | - мис, алюминий, синк, сурб, қалъагӣ, никел, хром, нуқра ва ғ. Онҳо дорои хосияти умумии пайдо кардани рӯйпӯши (плёнкаи) оксиди мебошанд, ки ба нобудшавии минбаъдаи металл халал мерасонад. Дар табиат зиёда аз 70 металлҳои ранга мавҷуданд. Металлҳои ранга барои хосиятҳои беназири худ баҳо дода мешаванд, ки муқовимати гармӣ, гузаронии барқ ва ғайраро дар бар мегиранд. Одатан, аломати металлҳои ранга, ранги хоси онҳо мебошад, ки аз хокистарии тира фарқ мекунад, масалан, сафед (алюминий, нуқра), зард (тилло), сурх (мис) ва ғ. |
| ***Хӯлаҳои (сплавы) металлҳои ранга*** - инҳоянд: | - мис бо миқдори ками иловаҳои хӯладор (CH);<br>- хӯлаҳои мис-синк / мис (CH) - мис-синк-никел / нуқраи никел (NS);<br>- биринҷӣ - биринҷии қалъагӣ, биринҷии фосфордор (ПБ);<br>- биринҷии силитсий ва биринҷии таппонча (пушечная) (G);<br>- биринҷӣ алюминийдор (CA);<br>- мелхиорl (CN). |
| ***Сангҳои қиматбаҳо, нимқиматбаҳо*** - инҳоянд: | - аметист, топаз, сиркон, баъзе навъҳои турмалин, опал, гранат ва ғайра. |
| ***Сангҳои ороишӣ*** - инҳоянд: | - аз категорияи охирин фирӯза (бирюза), булӯри(хрустали) сангӣ, квартс, нефрит, санги моҳтоб, чашми гурба, фианит ва ғайра маъмуланд. |

| | |
|---|---|
| ***Сангҳои органикӣ ва сунъӣ*** - инҳоянд: | **- сангҳои сунъӣ:**<br>- санги сунъии акрилӣ;<br>- санги сунъии полиэстер;<br>- агломерати квартс,<br>- мармари рехташуда.<br>**-сангҳои органикӣ:** Коралл, Гагат, Перламутр, Чӯби сангшуда, Марворид, Янтар, Устухони фил (слоновая кость). |
| ***Маводҳои иловагӣ*** - инҳоянд: | - шиша, пластмасса, устухон, шох, чӯб, масолеҳи нассоҷӣ, чарм, резина, чинӣ (фарфор). |
| ***Кислотаҳо*** - инҳоянд: | - **кислотаи нитрат $HN0_3$** – моеъи беранг;<br>- **кислотаи сулфат $H_2S0_4$** –моеъи беранги равғанмонанд;<br>- **кислота гидрогенхлорид HCI** - моеъи беранг;<br>- **кислотаи ортофосфат $H_3P0_4$** - кристаллҳои беранг;<br>- **кислотаи бор $H_3B0_4$** – моддаи кристаллии беранг. |
| ***Намакҳо*** - инҳоянд: | - **силикати натрий $NaSi0_3$** – шишаи моеъ;<br>- **карбонати натрий - $Na_2Co_3$** ё сода;<br>- **ишқори натрий - NaOH** ё содаи каустикӣ;<br>- **селитраҳои натрий $NaN0_3$** ва **калий $KN0_3$**;<br>- **калий сиан KCN** – намаки кислотаи сиан HCN;<br>- **нитрати нукра, ё ляпис $AgN0_3$**;<br>- **хлориди тилло AuCI** – намаки гидрогенхлориди тилло. |
| ***Ишқорҳо*** - инҳоянд: | **- намаки натриии кислотаи тетрабор ё Бура - Na2B407;**<br>**- хлориди натрий, ё намки ошӣ NaCL;**<br>**- карбонати натрий ё сода $Na_2Co_3$;**<br>**- ишқори натрий – NaOH;**<br>**- хромати калий - $K_2CrO_4$;**<br>**- духромати калий ё хромпик $K_2Cr_2O_7$;**<br>**- калий йод KJ – намаки кислотаи гидрогенйод HJ;**<br>**- поташ ё карбонати калий- $K_2CO_3$;**<br>**- хлориди нукра AgCl – такшини сафеди творогмонанд.** |
| ***Масолеҳи ба оташ тобовар*** - инҳоянд: | - **асбест**- маводи нахдор аст;<br>- **шишаи квартс** – квартси гудохташуда;<br>- **гили ба оташ тобовар** - дорои таркиби химиявии мураккаб;<br>- **каолин** - хокаи сафед;<br>- **шамот** - гили пухта;<br>- **графити тигелӣ** - хокаи хокистарии равшан;<br>- **оҳаки сӯхта** - хокаи беранг;<br>- **омехтаҳои қолабӣ** -таркибҳои ба оташ тобовар барои шакл додани маҳсулоти гудохташуда;<br>- **омехтаи монтажӣ** - маводи ба оташ тобовар аст, ки барои васли (кафшери) ҷавоҳирот ва қисмҳои мураккаб истифода мешавад. |
| ***Хамираи фиксинг ва моддахои қатронмонанд (муммонанд)*** - инҳоянд: | - **шеллак** - моддаи муми аз ҷониби ҳашарот (кирмҳо) ҷудошаванда;<br>- **канифол-** як чузъи сахти секретсияҳои қатронии дарахтони сӯзанбарг мебошад, ки тавассути дистилятсия ба даст меояд;<br>- **хамираи фиксинг (китт)** - барои нигох доштани махсулот хангоми ба он гузоштани сангхо ё кандакории махсулот хизмат мекунад. |
| ***Припой ва флюс*** - инҳоянд: | - **припойҳои тиллоӣ.** Барои кафшер кардани заргариҳои тиллоӣ ва платина истифода мешавад; |

| | |
|---|---|
| | - **припойҳои нуқрагӣ.** Хусусиятҳои асосии фарққунандаи припойҳои нуқрагӣ - тобоварӣ, қавӣ, зидди зангзанӣ мебошанд;<br>- **припойҳои мис-синк.** Припйҳо дар асоси мис-синк дараҷаи пасти обшавии қаноатбахш доранд, аммо қобилияти онҳо ба қадри кофӣ баланд нест;<br>**- припойҳои мис-фосфорӣ.** Ин гурӯҳи припойҳо барои кафшер кардани маснуоти заргарии аз мис, нуқраи никелдор, мелхиор, биринчии алюминий ва хӯлаҳои миси- никелӣ сохташуда зарур аст;<br>**- припойҳои хамирамонанд.** Дар вақтҳои охир ҳангоми кафшер кардани маснуоти заргарии оммавӣ ба истилох лахтахои хамирашакл (хамираи кафшер) дар асоси хӯлаҳои тиллои 583 карат, торафт бештар истифода мешаванд;<br>**- флюсҳои камфаъол** - канифол, қатронҳои чӯб, мум, стеарин, желе, равганҳои ҳайвонот, равғанҳои минералӣ, кислотаҳои органикӣ мебошанд;<br>**- флюсҳои хеле фаъол** - кислотаҳои органикӣ, хлоридҳои металлӣ ва фторидҳо: кислотаи бор, маҳлули фториди калий, поташ - карбонати калий. |
| ***Масолеҳи ёрирасон*** - инҳо: | - **кислотаҳо** - барои тайёр кардани реактивҳои таҳлилӣ, маҳлулҳои сафедкунӣ, электролитҳо, флюс ҳангоми кафшер кардани металлҳои қиматбаҳо;<br>- **намакҳо -** ба сифати асоси флюсҳо ва тайёр кардани шамот ва тигелҳои магнезитӣ, маҳлулҳо барои аз равған тоза кардан, инчунин барои аз равған тоза кардани маснуоти заргарӣ;<br>- **ишқорҳо** барои пошидани кимиёвӣ ва пассиватсия, таҳлили хӯлаҳои платина, ҷилои тиллоӣ ва ғайра;<br>- **масолеҳи ба оташ тобовар** ҳамчун масолехи оиққунӣ (изолятсионӣ) ҳангоми кафшер, печонидани тигел ҳангоми гудохтан, ҳамчун ваннаҳо барои хунуккунӣ, шакл додани маҳсулоти гудохташуда;<br>- **хамираи фиксинг ва моддаҳои қатронмонанд (муммонанд)** барои васл кардани пайвандҳои ҳаракаткунанда ҷиҳати пармакунӣ ва коркард;<br>- **припой ва флюс** барои кафшери маснуоти заргарӣ аз металлҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо. |

| Номи воҳиди салоҳият | | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|---|
| **Иҷро намудани корҳои қолабрезӣ** | | **SI 7313-03-2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди омода намудани асбобу олот ва таҷҳизоти корӣ, ҳолати коршоямии онҳоро барои иҷро корҳои қолабрезӣ бо назардошти риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ тавсиф менамояд. | | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- дар ҷойҳои корӣ ҳангоми иҷро намудани корҳои қолабрезии махсулоти зарагрӣ. | | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- SB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- SI 7313-01-2/01 Санҷидани ҳолати коршоямии асбобу олот ва таҷҳизоти корӣ;<br>- SI 7313-02-2/01 Интихоб намудани маводи корӣ. | | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС | |
| 1. Омода намудани | 1.1. Интихоб намудани ***асбобу олоти қолабрез.*** | |

| | |
|---|---|
| асбобу олоти қолабрезӣ | 1.2. Санҷидани ҳолати коршоямӣ ва мустаҳкамии асбобу олоти рехтагарӣ.<br>1.3. Санҷидани мувофиқатии асбобу олоти корӣ барои иҷрои вазифаи мушаххас. |
| 2. Рехтани фулузи (металл)-и гудохташуда ба қолаб | 2.1. Ҷойгир намудани қолаб дар агрегати берункунандаи ҳаво.<br>2.2. Интиқоли ***гелий*** ба вакууми (фазои беҳавогӣ) ҳосилшуда.<br>2.3. Рехтани фулузи гудохташуда ба ***опока*** (қолаб).<br>2.4. Берун кардани опока (қолаб) аз агрегат.<br>2.5. Хунук кардан қолаб бо шамолдиҳак (вентилятор) ва об. |
| 3. Тайёр намудани қолаб аз шаъм (восковка) | 3.1. Омода намудани ***асбобу маводи корӣ.***<br>3.2. Ҷойгир намудани шамъ ба косачаи металлии махсус ва гудохтани он.<br>3.3. Илова намудани ширеши силиконӣ (силиконовый клей) ба шамъи гудохташуда.<br>3.4. Илова намудани рангҳои хуроквори (пищевые красители) ё қаламҳои бачагонаи мумӣ ба гудохта.<br>3.5. Хунук намудани гудохтаи ҳосилшуда, то ҳосил намудани брикет. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми қолабрезӣ;<br>- риоя намудани қоидаҳои бехатарӣ дар вақти рехтани фулузи гудохташуда ба опока (қолаб);<br>- интихоб намудани асбобу олоти қолабрезӣ;<br>- санҷидани мавҷудияти ҷойи корӣ бо таҷҳизоти зарурӣ;<br>- ҷойгир намудани қолаб дар агрегати берункунандаи ҳаво;<br>- ба кор даровардани агрегати берункунандаи ҳаво;<br>- интиқол додани гелий ба вакууми ҳосилшуда бо назардошти риояи техникаи бехатарӣ;<br>- гирифтани опока (қолаб) аз агрегат пас аз вақти муқаррашуда;<br>- хунук кардани қолаб;<br>- омода намудани ҷойи кор барои гудохтани шамъ;<br>- гудохтани шамъ дар косачаи металлии махсус;<br>- илова намудани ширеши силиконӣ ба шамъи гудохташуда;<br>- истифода намудани либосҳои махсус ва воситаҳои ҳимоявӣ;<br>- тоза нигоҳ доштани ҷойи корӣ. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми қолабрезӣ;<br>- қоидаҳои бехатарӣ дар вақти рехтани фулузи гудохташуда ба опока (қолаб);<br>- қоидаҳои истифодаи асбобу таҷҳизоти истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ;<br>- Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>- дастурамал доир ба риояи қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми кор бо агрегати берункунандаи ҳаво;<br>- дастурамали вазифавӣ;<br>- омилҳои хатарнок ва зарарноки истеҳсолӣ барои заргар;<br>- хусусиятҳои хоси гази гелий ва дигар мавоҳои кимиёвӣ;<br>- хусусиятҳо маводи иловагии ёрирасон;<br>- асосҳои маводшиносӣ;<br>- дастурамали ёрии аввалия. |

| | |
|---|---|
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- покизакор;<br>- масъул;<br>- эҳтиёткор;<br>- ташаббускор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои ичро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳоҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/Рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Омода намудани асбобу олоти қолабрезӣ | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Интихоб намудани ***асбобу олоти қолабрез*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Санҷидани ҳолати коршоямӣ ва мустаҳкамии асбобу олоти рехтагарӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Санҷидани мувофиқатии асбобу олоти корӣ барои иҷрои вазифаи мушаххас | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Рехтани фулузи (металл)-и гудохташуда ба қолаб | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Ҷойгир намудани қолаб дар агрегати берункунандаи ҳаво | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Интиқоли ***гелий*** ба вакууми (фазои беҳавогӣ) ҳосилшуда | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.3. Рехтани фулузи гудохташуда ба ***опока*** (қолаб) | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.4. Берун кардани опока (қолаб) аз агрегат | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.5. Хунук кардан қолаб бо шамолдиҳак (вентилятор) ва об | √ | | | √ | | | | | | | |

| Элементи 3: Тайёр намудани қолаб аз шаъм (восковка) | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3.1. Омода намудани ***асбобу маводи корӣ*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.2. Ҷойгир намудани шамъ ба косачаи металлии махсус ва гудохтани он | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.3. Илова намудани шиљеши силиконӣ (силиконовый клей) ба шамъи гудохташуда | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.4. Илова намудани рангҳои хурокворӣ (пищевые красители) ё қаламҳои бачагонаи мумӣ ба гудохта | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.5. Хунук намудани гудохтаи ҳосилшуда, то ҳосил намудани брикет | √ | | √ | | | | | | | | |

## **Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Асбобу олоти қолабрезӣ*** - ин: | - муми гранулшудаи тазриқӣ, мум барои ҷилоҳо ва тозакунандаи мум;<br>- муми феррисии шакл ва сахтиашон гуногун, шпателҳои термикӣ, кордхо, тагмонҳо, маҷмӯи шпателҳои дастӣ, асбобҳо барои буридан;<br>- таҷҳизоти вакуумӣ ва сентрифугаӣ;<br>- насосҳои вакуумӣ, компрессорҳо;<br>- муми рехтагарӣ;<br>- сохтани қолибҳои резинӣ;<br>- қолибҳо, тигелҳо, бурандаҳои тарафӣ (бокорези). |
| ***Гелий*** - ин: | - элементи кимиёвӣ, гази олӣ (благородный газ) пас аз гидроген сабуктарин газ аст. Гелий дар раванди гудохтани металлҳои тоза истифода мешавад, ки дар он ҷо фазои (атмосфераи) инертӣ талаб карда мешавад. |
| ***Опока*** - ин: | - қолбаҳои заргарӣ дастгоҳҳое мебошанд, ки ба онҳо маҳлулҳои (хамираҳои) махсуси қолабӣ рехта мешаванд. Онҳо дар шакли силиндр бо деворҳои сӯрохшуда пешниҳод карда мешаванд. |
| ***Асбобу маводи корӣ*** - ин: | - зарфи металлӣ барои гудохтан, тафдон (электроплита) шамъ, ширеши силиконӣ, рангҳои хӯрокворӣ, қаламҳои ранга. |

| | | 10 | Замимаҳо барои парма | | |
| | | ∞ | Хамираи алмос | | |
| | | 5 | Асбоб барои шустӯшӯй - ултрасадо | | |
| | | 20 | Чӯткаҳо барои ҷамъоварии оҳанреза | | |
| | | | | | |
| **Миқ-дор** | **Моддаҳои кимиёвӣ** | **Миқ-дор** | **Таҷҳизот/мебел** | **Миқ-дор** | **Лавозимот** |
| ∞ | Сӯзонандагон (газ, бензин) | 25 | Мизи корӣ | 14 | Воситаҳои гигиенаи шахсӣ |
| ∞ | Антисептикҳо | 25 | Курсиҳо | 28 | Маводҳои истеъмолии якдафъаина |
| ∞ | Таблетҳои спиртӣ | 5 | Ҷевон барои либос | | |
| **Таҷҳизоти таълимӣ** | | **Маводи дафтардорӣ** | | **Захираҳои таълимӣ** | |
| 1 | Проектор | ∞ | Маҷмӯи воситаҳои хаттӣ | 3 | Дастурамал оид ба ёрии аввалия |
| 1 | Флипчарт | ∞ | Қоғази чопӣ ва ранга | 3 | Меъёрҳо ва стандартҳои соҳаи заргарӣ (маҷмӯа) |
| 1 | Тахта | ∞ | Флип қоғаз | 25 | Китобҳои тахассусӣ |
| 1 | Экран | ∞ | Скоч | 5 | Айёниятҳо ва лавҳаҳо оид ба техникаи бехатарӣ |
| 1 | Тахтаи электронӣ | ∞ | Бланкҳо | 5 | Стандарти салоҳиятҳо |
| 3 | Компютер | ∞ | Маводҳои канселярӣ | 5 | Барномаи таълимии модулӣ |

Вазорати меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Funded by
the European Union

# СТАНДАРТИ САЛОҲИЯТҲО

Соҳа: **Хизматрасонӣ**

Касб: **Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ**

Рамзи касб: (СБТМ-08/ISCO-08): **SI 7313**

Сатҳи Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: **3**

Миқдори воҳидҳои салоҳият: **9**

Тафсир: **01/соли 2024**

САЛОҲИЯТ
ТРЕНИНГ
МАҲОРАТ
ДОНИШ
РУШД
МАЛАКА
ОМӮЗИШ
ТАҶРИБА

## Воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ», сатҳи 3-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Рамзи воҳидҳои салоҳиятҳо | Номи воҳидҳои салоҳиятҳо |
|---|---|
| Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ) | |
| TC 06-3/01 | Ҳалли ҳолатҳои мунокишавӣ |
| TC 07-3/01 | Такмил додани тахассуси касбӣ |
| Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ | |
| SI 7313-09-3/01 | Гудохтани фулуз (металл) дар зарфҳои махсуси заргарӣ (тигел) |
| SI 7313-10-3/01 | Иҷро кардани корҳои сикказанӣ (чеканка) |
| SI 7313-11-3/01 | Шинондани сангҳо ба маҳсулоти заргарӣ |
| SI 7313-12-3/01 | Коркард намудани маҳсулоти тайёр бо ултросадо, галтовка ва галванӣ |
| SI 7313-13-3/01 | Иҷро кардани корҳои суфтагарӣ |
| SI 7313-14-3/01 | Коркард намудани маҳсулоти тайёр бо кислотаҳо |
| SI 7313-15-3/01 | Иҷро кардани корҳо бо бормашина |

## Малакаҳои бакортаъминкунии касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ», сатҳи 3-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Малакаҳои бакортаъминкунӣ | Малакаҳоеро, ки корфармоён ҳамчун зарурӣ муайян мекунанд |
|---|---|
| Муоширате, ки ба самаранок ва мутаносиб (мавзун) будани муносибатҳо байни ҳамкорон ва мизоҷон/фармоишгарон мусоидат менамояд | - гӯш кардан ва шунидан;<br>- бо забони модарӣва дигар забонҳо сухан рондан ва навиштан;<br>- мубодилаи иттилоот кардан;<br>- риоя кардани одоб дар муносибат бо ҳамкорон/мизоҷон;<br>- бо забони хориҷӣдар сатҳи миёна муошират кардан. |
| Кор дар даста, ки ба муносибатҳои кории самаранок ва дастоварди натиҷаҳо мусоидат менамояд | - муайян кардани нақши худ дар ҳайати даста;<br>- муайян кардани тарафҳои қавии аъзоёни даста;<br>- дар даста дар ҳолатҳои гуногун кор кардан, мисол дар ҳалли масъалаҳои буҳронӣ;<br>- суботкор будан. |
| Маҳорати ҳал намудани мушкилоте, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои самаранок мусоидат менамояд | - зоҳир намудани мустақилият ва ташаббускорӣдар ошкор ва ҳал кардани мушкилот;<br>- қарорҳои эҷодкорона ва навоварона (инноватсионӣ) таҳия кардан;<br>- истифодаи як қатор стратегия барои ҳалли мушкилот;<br>- фавран ва самаранок ҳал намудани мушкилоти мизоҷон. |
| Ташаббус ва ӯҳдабарой, ки барои бадастоварии натиҷаҳои навоварона (инноватсионӣ) мусоидат менамояд | - эҷодкорӣ ва идроки эҷодӣ;<br>- зоҳир намудани ташаббускорӣ ва ӯҳдабарой;<br>- омода будан ба навоварӣ (инноватсия);<br>- дастгирӣ кардани қарорҳои навоварона (инноватсионӣ). |
| Банақшагирӣва ташкили фаъолияте, ки банақшагирии стратегии дарозмуҳлат ва | - гузоштани мақсадҳои мушаххас ва натиҷаҳои кор;<br>- таҳияи нақша/барномаҳои стратегӣ, дарозмуддат ва ҷорӣ;<br>- банақшагирии кор ва истифодаи захираҳо; |

| | |
|---|---|
| кӯтоҳмуддатро таъмин менамояд. | - идоракунии вақт ва афзалиятҳо;<br>- ҳамоҳангсозии вазифаҳо барои худ ва дигарон;<br>- пешбурди баҳисобгирӣ. |
| Худидоракуние, ки ба қаноатмандӣва рушди кормандон мусоидат менамояд | - мавҷуд будани диди шахсӣ ва мақсадҳо;<br>- боварӣ ба ғояҳо ва диди шахсӣ;<br>- масъулиятнокӣ;<br>- устувории ахлоқӣ;<br>- риояи одоб (этика) ва зебошиносӣ (эстетика). |
| Омӯзише, ки ба мунтазам ташаккулёбии фаъолияти кормандон/ширкатҳо ва ноил шудан ба натиҷаҳои мусбӣ мусоидат менамояд | - эътирофи зарурати таълим бо назардошти тағйиротҳо;<br>- омода будан ба сарфи вақт ва саъю кӯшиш ба омӯхтани малакаҳои нав;<br>- хоҳиши таълим дар ҷойи кор ва берун аз он;<br>- самимият барои ғояҳо ва усулҳои нав;<br>- идоракунии худомӯзӣ;<br>- истифодаи таълим ба масъалаҳои «техникӣ» (масалан, омӯзиши маҳсулот) ва «мушкилоти одамон» (масалан, ҷанбаҳои байнишахсиятӣва фарҳангии кор);<br>- иштирок дар раванди ташаккулёбии пайваста. |
| Технологияе, ки барои ҳалли самараноки вазифаҳо мусоидат менамояд | - доштани малакаҳои заминавии технологияи иттилоотӣ;<br>- хоҳиши азхуд кардани малакаҳои нави технологияи иттилоотӣ;<br>- доштани донишҳо оид ба ҳифзи меҳнат, беҳбудсозӣ (санитария)-и истеҳсолӣ ва беҳдошт (гигиена) барои истифодабарии технологияҳо;<br>- доштани тавоноии ҷисмонии мувофиқ;<br>- риояи техникаи бехатарӣ;<br>- интихоб ва истифодабарии воситаҳои ҳимоявӣ барои бехатарии шахсӣ ва коллектив (аҳлона) дар ҷойи корӣ;<br>- қоидаҳои ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ ва чорабиниҳои зиддисӯхтор ҳангоми кор бо дастгоҳҳои барқӣ. |

# Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ)

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Ҳалли ҳолатҳои мунокишавӣ** | **ТС 06–3/01** |

Воҳиди салоҳияти мазкур раванди ҳал ва батанзимории мунокишаҳоро, ки метавонад дар ҳолатҳои рӯзмарраи корӣ рух диҳад, тавсиф менамояд.

Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:
- дар ҷойи кор.

Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):
- ТС 03–1/01 Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон/фармоишгарон.

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
|---|---|
| 1. Муайянсозии ҳолатҳои мунокишавӣ | 1.1. Муайянкунии эҳтимоли ***ҳолатҳои рухдиҳии мунокиша*** ва андешидани чораҳои пешгирии он.<br>1.2. Муайянкунии ***ҳолатҳо, ки дар он метавонад ба бехатарии шахсии мизоҷон, ҳамкорон*** ва ба роҳ мондани ёрии мувофиқ таҳдид кунад. |
| 2. Ҳалли ҳолатҳои мунокишавӣ | 2.1. Масъулияти ҳалли мунокишаро дар доираи ваколатҳои хеш ба уҳда гирифтан.<br>2.2. Эҳтиёткорона идора кардани ҳолати мунокишавӣ ва андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф кардани онҳо.<br>2.3. Истифодаи ***малакаҳои самараноки иртибот*** барои батанзимории мунокиша.<br>2.4. Пешниҳоди вариантҳои эҳтимолии ҳалли мунокиша.<br>2.5. Истифодаи ***усулҳои*** маъқули ***батанзимории мунокишаҳо*** барои идоракунии ҳолати мунокишавӣ ва қабули қарори дуруст. |
| 3. Арзёбии ҳолатҳои мунокишавӣ | 3.1. Тартибдиҳии ҳуҷҷат оид ба батанзимории мунокиша дар ҳузури тарафҳои манфиатдор.<br>3.2. Муайянкунии ***сабабҳои эҳтимолии мунокишаҳо*** ва пешниҳоди дастур барои беҳтар кардани вазъият дар ҷойи корӣ. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - муайянкунии тафсилот ва сабабҳои мунокиша бо роҳи мушоҳида, пурсуҷӯ ва фаъолона гӯш додан;<br>пайдо намудани ҳалли мушкилиҳои ошкоршуда;<br>- ҳал намудани масъалаҳое, ки сабаби мунокиша мегарданд;<br>- додани тавсияҳо ҷиҳати бартараф кардани мунокишаҳо;<br>- истифода намудани малакаҳои муносиби муоширот;<br>- амал кардан тибқи тартиби баррасии шикоятҳо;<br>- шинос шудан бо ҳуҷҷатҳо ва дастурҳо оид ба батанзимории мунокиша дар ҳузури тарафҳои манфиатдор. |
| Донишҳои талабшаванда: | - назарияи мунокиша: намуд ва нишонаҳои мунокиша, сабабҳои рухдиҳии онҳо ва ғ.;<br>- равандҳои гурӯҳӣ ва нақшҳое, ки одамон дар мунокиша мебозанд;<br>- сохти ташкилӣ, маданият ва принсипҳои рафтор дар ҷойи корӣ; |

| | |
|---|---|
| | - усулҳои маъқули батанзимории мунокишаҳо;<br>- талаботи меъёрӣ, истеҳсолӣ ва қонунгузории мувофиқ, марбут ба ҳалли баҳсу мунозира;<br>- қоидаҳо ва тартиби батанзимории мунокиша дар ҳузури тарафҳои манфиатдор;<br>- қоидаҳои одоби муошири касбӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- покизакор;<br>- бовиҷдон;<br>- адолатхоҳ;<br>- мутмаин. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/Рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Муайянкунии ҳолати мунокишавӣ | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Муайянкунии эҳтимоли ҳолати рухдиҳии мунокиша ва андешидани чораҳои пешгирии он | | | | | | | | | √ | | |
| 1.2. Муайянкунии ҳолат, ки дар он метавонад ба бехатарии шахсии муштариён ва ҳамкорон таҳдид кунад ва ба роҳ мондани ёрии мувофиқ | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 2: Ҳалли ҳолатҳои мунокишавӣ | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Масъулияти ҳалли мунокишаро дар доираи салоҳияти хеш ба уҳда гирифтан | | | | | | | | | √ | | |
| 2.2 Эҳтиёткорона идора кардани ҳолати мунокишавӣ ва андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф кардани онҳо | | | | | | | | | √ | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.3. Истифодаи малакаҳои таъсирбахши иртибот барои ба танзимории мунокиша | | | | | | | | | √ | | |
| 2.4. Дар назар доштани эҳтимоли вариантҳои ҳалли мунокиша | | | | | | | | | √ | | |
| 2.5. Истифодаи усулҳои маъқули батанзимории мунокишаҳо барои идоракунии ҳолати мунокишавӣ ва қабули қарори дуруст | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 3: Арзёбии ҳолатҳои мунокишавӣ | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Тартибдиҳии ҳуҷҷати батанзимории мунокиша дар ҳузури тарафҳои манфиатдор | | | | | | | | | √ | | |
| 3.2. Муайянсозии сабабҳои эҳтимолии мунокишаҳо ва пешниҳоди тавсия барои беҳтар кардани вазъият дар ҷойи кор | | | | | | | | | √ | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| Ба ***"ҳолатҳои рухдиҳии мунокиша"*** марбут аст: | - шикояти мизоҷон/фармоишгарон;<br>- беэҳтиромӣ нисбат ба ҳамкорон/ мизоҷон;<br>- мушкилот ё сифати пасти маҳсулот;<br>- андармонӣ ё иштибоҳ дар таъмини мол;<br>- нофаҳмӣ ё монеаҳои иртиботӣ. |
| ***Ҳолатҳое, ки дар он метавонад ба бехатарии шахсии мизоҷ ва ҳамкорон таҳдид намояд***: | - шарикони таҳти таъсири маводи наъшаовар ва машрубот;<br>- ашхоси изҳоркунандаи зӯроварӣ ё таҳдиди хатар;<br>- ашхоси мусаллаҳ ё беярок;<br>- ҳолате, ки одам дигар шахсро меранҷонад;<br>- шариконе, ки риояи оромиро инкор мекунанд. |
| ***Ба малакаҳои самараноки иртибот*** марбут аст: | - бодиққат гӯшдиҳӣ;<br>- методикаи пурсупоси боназокат;<br>- савол додан, аниқ кардани нофаҳмиҳо барои қабули иттилоот ва дарки фаҳмиши мувофиқ;<br>- дигар хел баён ё такрор кардани саволҳо, хоҳиш ва аризаҳо барои мутмаин шудан, дуруст фаҳмидан;<br>- боваринокӣ;<br>- иртиботи ғайришифоҳӣ;<br>- қобилияти возеҳ гуфтан барои фаҳмида шудан. |
| ***Ба усули батанзимории мунокишаҳо*** марбут аст: | - ҳалли мушкилот;<br>- бурдани музокирот;<br>- истифодаи малакаҳои муносиби муошират. |

| | |
|---|---|
| ***Сабабҳои эҳтимолии бавуҷудоии муноқишаҳо*** | - муоширати дурушт;<br>- набудани иттилоот;<br>- нофаҳмиҳои фарҳангӣ;<br>- набудани ҳамдардӣ;<br>- шикоятҳо;<br>- мушкилот ва вазнинӣ дар ҷойи корӣ. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Такмил додани тахассуси касбӣ** | **ТС 07–3/01** |
| Воҳиди салоҳиятҳои мазкур натиҷаи малакаҳо, дониш ва муносибатҳои заруриро ҷиҳати рушди тафаккури таҳлилӣ ва эҷодӣ, такмили тахассуси касбӣ тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- зарурияти такмили ихтисоси касбӣ барои азхудкунии технологияҳои инноватсионӣ ва таҷҳизоти муосир. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- ТС 05-2/01 Истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ-компютерӣ. | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
| 1. Малакаҳоро инкишоф додан, чӣ гуна саволгузорӣ намудан ва ба он посух додан, андеша ва ғояҳои нав пайдо кардан | 1.1.Инкишофи малакаҳои ***савол*** додан аз ҳар нуқтаи назар.<br>1.2.Муайянсозии саволҳои асосӣ/мушкилот бо воситаи манбаи иттилоот ва ғояҳо.<br>1.3.Савол додан ва зери шубҳа гузоштани посуххҳои яққолаба.<br>1.4.Пайдо кардани алоқамандии ашё ва падидаҳое, ки аз ибтидо ба ҳам иртибот надоранд.<br>1.5.Маҳорати бовар ва маъқул кунонидани ғояҳои шахсӣ ва нуқтаи назар. |
| 2. Эҷоди ғояҳои нав, ёфтани роҳҳои ҳалли вазифаҳои гузошта | 2.1.Мушоҳида, таҳлил, пурсуҷӯ, ошкорсозии фарзия, ки дар асоси ғояҳо ҷой гирифтаанд.<br>2.2.Истифодаи манбаи мухталифи иттилоот барои посуххо, зуд ҷудо намудан ва аз худ кардани маълумоти зарурӣ аз ҳаҷми иттилоот.<br>2.3.Бошуурона ба шакли нав табдил додани иттилоот ва пайдо намудани самтҳои (векторҳои) нави истифодабарӣ.<br>2.4. Бурдани баҳсу мунозираи асоснок бе дуршавӣ аз мавзӯи баррасишаванда.<br>2.5.***Индуктивӣ, дедуктивӣ ва диалектикона фикру андеша намудан.***<br>*2.6.*Ҳалли масъалаҳои гузошта бо ***усули эвристикӣ.***<br>2.7.Дарёфти ғояҳои нав бо роҳи санҷиш, гузаронидани тадқиқот, таҳлили камбудиҳо, омӯзиши вариантҳои зиёди гуногуни қабули қарорҳо. |
| 3. Инкишофи малакаҳои тафаккури эҷодӣ | 3.1.Омӯхтан ва истифодаи ***усулҳои тафаккури эҷодӣ*** барои ғояҳои нав ва ноилшавӣ бо мақсадҳо.<br>3.2.Муайянкунии ***масдудкунанда*** (блокатор***)-ҳои тафаккури эҷодӣ.***<br>3.3.Пайдо кардани имкони корбарӣ ва озмоишдиҳӣ, бо истифодабарии тафаккури эҷодӣ дар вазъияти корӣ ва ҳаётӣ дар ҷойҳои шинос ва ношинос. |

| | |
|---|---|
| | 3.4.Бо дигарон муошират кардан, гӯш додан ба андешаҳои дигарон оид ба чигуна ғояҳои нав ва тафаккури эҷодиро дастгирӣ ва инкишоф додан, беҳтар кардани тафаккури эҷодӣ. |
| 4. Инкишофи тахассуси касбӣ | 4.1.Омӯхтани ***технологияҳои нав.***<br>4.2.Омода будан ба тағйирёбии ***муносибатҳои бозоргонӣ***.<br>4.3.Омӯхтани ***тағйирёбии арзишҳои шахсиятӣ.*** |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - инкишоф додани малакаҳои муошират, дар рафти муошират ошкор кардани фикру ғояҳои нав;<br>- муайянсозии саволи асосӣ ва моҳияти мушкилот;<br>- маҳорати саволгузорӣ аз нуқтаҳои мухталиф;<br>- истифода бурдани намудҳои мухталифи тафаккури эҷодӣ;<br>- омӯхтан ва таҳлили доираи васеи иттилоот;<br>- таҳлили моҳияти мавзӯъ;<br>- боадабона ва возеҳ нуқтаи назари хешро баён кардан;<br>- омӯзиш ва худбаамалбарории ошкорсозӣ ва бартараф кардани норасоиҳо дар вазъияти муҳити ношинос;<br>- мунтазам такмил додани сифати салоҳиятнокии худ дар муносибати бозоргонӣ;<br>- истифода бурдани ҳам тафаккури эҷодӣ ва ҳам таҳлилӣ;<br>- мунтазам ба пешрафти тамоюлот дар соҳа ва касб таваҷҷуҳ кардан;<br>- мутобиқ будан ба муҳити ивазшаванда;<br>- такмил додани сифати донишҳои худ;<br>- беҳтар кардани на танҳо фаъолияти касбӣ, аз ҷумла муносибати шахсӣ;<br>самаранок кор кардан;<br>- муайян намудани технологияи нав дар самти фаъолият;<br>- кор кардан дар даста ва бо ҳамкорон. |
| Донишҳои талабшаванда: | - усулҳои тафаккури эҷодӣ ва истифодабарии онҳо;<br>- муайянсозии масдудкунандаҳои (блокатор) тафаккури эҷодӣ;<br>- таъсири тафаккури эҷодӣ ва таҳлилӣ ба одамон, ташкилот, ҷамъият;<br>- усулҳои таровиш (фильтрация) барои коркарди иттилооти гуногун;<br>- тарзҳои васеъкунӣ ва рушди малакаҳои инфиродии тафаккури эҷодӣ;<br>- тарзҳои васеъкунӣ ва пурра намудани дониш ва маҳорати хеш;<br>- усулҳои амаликунии ғояҳои нав;<br>- роҳҳои ҳалли вазифаҳои гузошташудаи роҳбарияти корхона/ташкилот;<br>- муносибатҳои инноватсионӣ ба омӯзиш ва тарзи тафаккур;<br>- технологияи инноватсионӣ дар истеҳсолот;<br>- тафаккури эҷодӣ дар вазъияти корӣ ва ҳаётӣ дар ҷойҳои шинос ва ношинос;<br>- технологияи инноватсионӣ ва истифодаи онҳо истеҳсолот;<br>- роҳҳои такмил додани тахассуси касбӣ. |

| | |
|---|---|
| Муносибати талабшаванда ба кор: | - боадабона ва возеҳ нуқтаи назари хешро баён кардан;<br>- аз мушкилот наҳаросидан.<br>Чунин бояд буд:<br>- мушоҳидакор;<br>- суботкор;<br>- бодиққат;<br>- боирода;<br>- фаъол. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/Рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Малакаҳоро инкишоф додан, чӣ гуна саволгузорӣ намудан ва ба он посух додан, андеша ва ғояҳои нав пайдо кардан | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Инкишофи малакаи савол додан аз ҳар нуқтаи назар | | | | | | | | | | | √ |
| 1.2. Муайянсозии саволҳои асосӣ/мушкилот бо воситаи манбаи иттилоот ва ғояҳо | | | | | | | | | | | √ |
| 1.3. Саволгузорӣ намуда, зери шубҳа гузоштани посухҳои яккқолаба | | | | | | | | | | | √ |
| 1.4. Пайдо кардани алоқамандии ашё ва падидаҳое ки аз ибтидо ба ҳам иртибот надоранд | | | | | | | | | | | √ |
| 1.5. Маҳорати бовар ва маъқул кунонидани ғояҳои шахсӣ ва нуқтаи назари хеш | | | | | | | | | | | √ |
| Элементи 2: Баровардани ғояҳои нав, ёфтани фикру ғояҳои нав | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Мушоҳида, таҳлил, пурсуҷӯ, ошкорсозии фарзия, ки дар асоси ғояҳо ҷой гирифтаанд | | | | | | | | | | | √ |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.2. Истифодаи манбаи мухталифи иттилоот барои посуххо, зуд ҷудо намудан ва азхуд кардани маълумоти зарурӣ аз ҳаҷми иттилоот | | | | | | | | | | | √ |
| 2.3. Бошуурона ба шакли нав табдил додани иттилоот ва пайдо намудани самтҳои (векторҳои) нави истифодабарӣ | | | | | | | | | | | √ |
| 2.4. Бурдани баҳсу мунозираи асоснок бе дуршавӣ аз мавзӯи баррасишаванда | | | | | | | | | | | √ |
| 2.5. Индуктивӣ, дедуктивӣ ва диалектикона фикру андеша намудан | | | | | | | | | | | √ |
| 2.6. Ҳалли масъалаҳои гузошта бо усули эвристикӣ | | | | | | | | | | | √ |
| 2.7. Дарёфти ғояҳои нав бо роҳи санҷиш, гузаронидани тадқиқот, таҳлили камбудиҳо, омӯзиши вариантҳои зиёди гуногуни қабули қарорҳо | | | | | | | | | | | √ |
| Элементи 3: Инкишофи малакаҳои тафаккури эҷодӣ | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Омӯхтан ва истифодаи усулҳои тафаккури эҷодӣ барои ғояҳои нав ва ноилшавӣ бо мақсадҳо | | | | | | | | | | | √ |
| 3.2. Муайянкунии масдудкунанда (блокатор)-ҳои тафаккури эҷодӣ | | | | | | | | | | | √ |
| 3.3. Пайдо кардани имкони корбарӣ ва озмоишдиҳӣ, бо истифодабарии тафаккури эҷодӣ дар вазъияти корӣ ва ҳаётӣ дар ҷойҳои шинос ва ношинос | | | | | | | | | | | √ |
| 3.4. Бо дигарон муошират кардан, гӯш додан ба андешаҳои дигарон оид ба чӣгуна ғояҳои нав ва тафаккури эҷодиро дастгирӣ ва инкишоф додан, беҳтар кардани тафаккури эҷодӣ | | | | | | | | | | | √ |

| Элементи 4: Инкишофи тахассуси касбӣ | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 4.1. Омӯхтани технологияҳои нав | | | | | | | | | | | √ |
| 4.2. Омода будан ба тағйирёбии муносибатҳои бозоргонӣ | | | | | | | | | | | √ |
| 4.3. Омӯхтани тағйирёбии арзишҳои шахсиятӣ | | | | | | | | | | | √ |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Саволҳо*** метавонанд бошанд: | - Оё кадом ҳудудҳое вуҷуд доранд, ки онро бояд ба назар гирифт?<br>- Оё ғояи нав вуҷуд дорад, ки метавонад ба ин ҳолат орад?<br>- Чӣ тавр ман метавонистам ин масъаларо ҳал кунам?<br>- Оё дигар тарзи иҷрои он вуҷуд дорад?<br>- Дигарон дар ин ҳолат чӣ тарз кӯшиш мекунанд?<br>- Барои ман чӣ лозим аст, то ки онро беҳтар анҷом диҳам?<br>- Ба ман кадом иттилооти иловагӣ зарур аст?<br>- Ба ман чӣ намерасад? Боз чӣ тақозо карда мешавад?<br>- Бо кӣ онро баррасӣ кунам?<br>- Барои чӣ чунин рух дода истодааст? |
| ***Индуктивӣ, дедуктивӣ ва диалектикона фикру андеша намудан –*** *ифода мекунад*: | - тафаккури индуктивӣ- вақте ки дар асоси як ё якчанд далелҳои хусусӣ ва мушоҳида ҷамъбаст мекунем, қоидаҳои умумӣ мебарорем;<br>- тафаккури дедуктивӣ –усули тафаккур, ки натиҷаи он хулосаи мантиқӣ буда, дар он хулосаи ҷузъӣ аз умумӣ бароварда мешавад;<br>- тафаккури диалектикӣ– кӯшиши якҷояшавии ақидаҳо/мушоҳидаҳои ба ҳам муқобил ё ихтилофиро тавсиф менамояд. |
| ***Усули эвристикӣ***–ин: | - эҳтимоли нисбатан беҳтари стратегия ва тактикаи фаъолияти инсон - ҳалкунандаи масъалаҳои эҷодӣ, яъне дар раванди ҳал намудани масъалаҳои муайян чӣ кор кунад ва дар ин сурат чӣ тавр амал кардан зарур аст. |
| Ба ***усули тафаккури эҷодӣ-*** марбутанд: | - хуҷуми зеҳнӣ;<br>- пайдарҳамии амал;<br>- ёрии шабакаи иҷтимоӣ;<br>- ҳаматарафа тасаввур ва андешаронӣ кардан;<br>- бозиҳои зеҳнӣ;<br>- инъикоси мутобиқатӣ;<br>- истифодаи маҷоз ва қиёс (аналог) - ҳо;<br>- доираи назар;<br>- визуаликунонӣ. |
| ***Масдудкунандаҳои тафаккури эҷодӣ*** мешаванд: | - фарҳангӣ;<br>- эҳсосотӣ;<br>- зеҳнӣ;<br>- атрофиён;<br>- оила;<br>- ғоя ва тасаввуроти мо он аст, ки мо чӣ гуна бояд рафтор намоем; |

| | |
|---|---|
| | - фишороварии ҳамсолон;<br>- пешгирии таваккал. |
| Мафҳуми ***технологияи нав*** – ин: | - тағйирёбии технологияи истеҳсолоти таҷҳизот, яъне пешрафти техникии истифодаи технологияи иттилоотӣ, мавод ва ашёи нави таъминкунандаи сатҳи баланди маҳсулоти истеҳсолшаванда, дигаргуншавии муносибати корманд ба кори худ. |
| ***Муносибатҳои бозоргонӣ*** – ин: | - муносибатҳои ташаккулёфтаи иқтисодии байни истеҳсолкунанда, савдогар, харидор, истифодабарандагони мол ва хизматрасонӣ, мақомоти идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ оид ба мубодила, тақсимоти мол ва хизматрасонӣ, ҳавасмандӣ ба рушди рақобат. |
| ***Тағйирёбии арзишҳои шахсиятӣ*** –ин: | - муносибати навгонии на танҳо тағйирдиҳандаи симои тафаккури шахсӣ, балки муносибат ба таълим, ба ҳар гуна кор дар ҷомеъа, қобилияти фавран арзёбии ҳолат дар ҳар гуна муҳит, интихоби варианти беҳтарини амалкунӣ дар асоси таҷрибаи донишҳои нав мебошад. |

## Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Гудохтани фулуз (металл) дар зарфҳи махсуси заргарӣ (тигель)** | **SI 7313-09-3/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди омода намудани асбобу олот ва таҷҳизоти корӣ барои гудохтани фулуз, санҷидани сахтӣ ва тобовар будани фулузро бо назардошти риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми рехтани фулуз (металл) дар қолаб. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>ТВ 01 -1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>SI 7313-01-2/01 Санҷидани ҳолати коршоямии асбобу олот ва таҷҳизоти корӣ;<br>SI 7313-02-2/01 Интихоб намудани маводи корӣ. | |

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
|---|---|
| 1. Омода намудани асбобу олот ва таҷҳизоти корӣ барои гудохтани фулуз | 1.1. Интихоб намудани асбобу олоти корӣ тибқи рӯйхат.<br>1.2. Санҷидани ҳолати бутунӣ ва мустаҳкамии ***асбобу олоти кории асосӣ ва ёрирасон.***<br>1.3. Шинос шудан бо дастурамали истифодабарии таҷҳизоти корӣ. |
| 2. Гудохтани фулуз | 2.1. Омода намудани қолабдон.<br>2.2. Ворид намудани фулуз ба косачаи сафолин ***(тигель).***<br>2.3. Ба кор даровардани ***таҷҳизоти корӣ.***<br>2.4. Назорат намудани раванди гудохтани фулуз.<br>2.5. Рехтани фулуз ба қолабдон. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми истифодаи асбобу таҷҳизоти корӣ ва гудохтани фулуз;<br>- истифода намудани дастурамали асбобу таҷҳизоти корӣ;<br>- бартараф намудани нуқсонҳо ҳангоми иҷрои корҳои гудохтани фулуз;<br>- тартиб додани дархост оид ба асбобу таҷҳизот ва маводи сарфшаванда; |

| | |
|---|---|
| | - аз назар гузаронидани ҳолати коршоямӣ ва мустаҳкамии асбобу олоти корӣ;<br>- истифода намудани либосҳои махсус ва воситаҳои ҳимиявӣ ҳангоми гудохтани фулуз;<br>- интихоб намудани қолабҳо;<br>- расонидани ёрии аввалия. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми гудохтани фулуз;<br>- қоидаҳои санҷидани мувофиқати номгӯйи асбобу олоти корӣ барои иҷрои вазифаи мушаххас;<br>- дастурамалҳо оид ба техникаи бехатарӣ ва истифодабарии асбобу таҷҳизоти корӣ;<br>- усул ва қоидаҳои қабул намудани асбобу олот ва лавозимот барои иҷрои вазифаи мушаххас;<br>- тартиби қабули асбобу олоти корӣ;<br>- асосҳои маводшиносӣ;<br>- тартиби рехтани фулуз ба қолабдон;<br>- дастурамали ёрии аввалия. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- эҳтиёткор;<br>- эҷодкор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/Рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Омода намудани асбобу олот ва таҷҳизоти корӣ барои гудохтани фулуз | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Интихоб намудани асбобу олоти корӣ тибқи рӯйхат | √ | | √ | | | | | | | | |
| 1.2. Санҷидани ҳолати бутунӣ ва мустаҳкамии ***асбобу олоти кории асосӣ ва ёрирасон*** | √ | | √ | | | | | | | | |
| 1.3. Шинос шудан бо дастурамали истифодабарии таҷҳизоти корӣ | √ | | √ | | | | | | | | |
| Элементи 2: Гудохтани фулуз | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.1. Омода намудани қолабдон | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Ворид намудани фулуз ба косачаи сафолин ***(тигель)*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.3. Ба кор даровардани ***таҷҳизоти корӣ*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.4. Назорат намудани раванди гудохтани фулуз | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.5. Рехтани фулуз ба қолабдон | √ | | | √ | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Тигель*** - ин: | - зарфи махсус барои гудохтани фулуз (металл). |
| ***Асбобу олоти корӣ*** - инҳоянд: | - мех, бачок, пистолет, пинсет, қолабдон, тигел. |
| ***Олоти кории ёрирасон*** - инҳоянд: | - асбоби оташфурӯзонкунак, хокаи кимиёвӣ (бура), сузишворӣ, азбест. |
| ***Таҷҳизоти корӣ:*** | - мех, бачок ва пистолет. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Иҷро кардани корҳои сикказанӣ (чеканка)** | **SI 7313-10-3/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди омода намудани мавод ва асбобҳои сикказанӣ ва истифодабарии онҳоро дар рафти иҷрои корҳои сикказанӣ (чеканка) тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>-ҳангоми иҷрои корҳои сикказанӣ (чеканка). | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- ТС 05-2/01 Истифода бурдани технологияҳои иттилоотӣ - компютерӣ;<br>- SB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- SI 7313-01-2/01 Санҷидани ҳолати коршоямии асбобу олот ва таҷҳизоти корӣ;<br>- SI 7313-09-3/01 Гудохтани фулуз (металл) дар зарфҳои махсуси заргарӣ (тигел). | |

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
|---|---|
| 1. Омода намудани мавод ва асбобҳои сикказанӣ | 1.1. Тартиб додани рӯйхати асбобҳои истифодашаванда дар кор.<br>1.2. Санҷидани ҳолати коршоямии асбобҳои сикказанӣ.<br>1.3. Омода намудани ***маводи ёрирасон*** тибқи рӯйхат.<br>1.4. Шинос шудан бо дастурамали асбобҳои кории дастӣ ва механикӣ. |
| 2. Иҷро кардани корҳои сикказанӣ (чеканка) | 2.1. Интихоб намудани ***асбобу олоти дастӣ ва механикӣ*** вобаста ба вазифа.<br>2.2. Омода намудани нақша (тарх) бо ширеш дар металл.<br>2.3. Гузоштани нақш дар металл бо тартиби кӯфтан.<br>2.4. Назорат намудани раванди техникаи сикказанӣ. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - истифода намудани асбобу олоти сикказанӣ бо назардошти риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ; |

| | |
|---|---|
| | - кор кардан бо технологияи иттилоотӣ-компютерӣ;<br>- истифода намудани дастурамалҳо оид ба иҷрои корҳои сикказанӣ (чеканка);<br>- санҷидани ҳолати коршоямии олоти корӣ;<br>- омода намудани ҷойи кор ва ***олоти кории асосӣ;***<br>- пӯшидани либоси корӣ ва махсус;<br>- интихоб намудани асбобу маводи заргарӣ вобаста ба вазифаҳояшон;<br>- истифода намудани олотҳо вобаста ба вазифаҳояшон. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми иҷрои корҳои сикказанӣ (чеканка);<br>- дастурамал оид ба риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва истифодаи асбобҳо дар ҷои кор;<br>- дастур оид ба сикказанӣ ва намудҳои он;<br>- тартиби санҷидани мувофиқати асбобҳои корӣ вобаста ба рӯйхат ва иҷрои вазифаҳо;<br>- қоидаҳои омода намудани мавод дар шакли нимтайёр;<br>- тартиби таҳияи дархост оид ба қабули маҳсулоти нимтайёр;<br>- дастур оид ба расонидани ёрии аввалия. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- масъулиятнок;<br>- эҳтиёткор;<br>- дақиқкор;<br>- эҷодкор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/Рӯнамой (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Омода намудани мавод ва асбобҳои сикказанӣ | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Тартиб додани рӯйхати асбобҳои истифодашаванда дар кор | √ | | √ | | | | | | | | |
| 1.2. Санҷидани ҳолати коршоямии асбобҳои сикказанӣ | √ | | √ | | | | | | | | |
| 1.3. Омода намудани маводи ёрирасон тибқи рӯйхат | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.4. Шинос шудан бо дастурамали асбобҳои кории | √ | | √ | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| дастӣ ва механикӣ | | | | | | | | | | | |
| Элементи 2: Иҷро кардани корҳои сикказанӣ (чеканка) | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Интихоб намудани асбобу олоти дастӣ ва механикӣ вобаста ба вазифа | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Омода намудани нақша (тарх) бо ширеш дар металл | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.3. Гузоштани нақш дар металл бо тартиби кӯфтан | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.4. Назорат намудани раванди техникаи сикказанӣ | √ | | | √ | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Маводи кории ёрирасон:*** | - мех, сӯзишворӣ, бачок ва тапонча (пистолет). |
| ***Асбобу олот барои корҳои дастӣ*** - инҳо: | - болға, чекан, оҳантахта, булур (труба), пурошник, бобошник, расходник, канфарник. |
| ***Олоти кории механикӣ*** - инҳо: | - винтовой фраксионий пресс, электродвигател, чугуние диски, вал, маховик, гайка ва винт. |
| ***Олоти кории асосӣ*** - инҳо: | - болға, чекан, оҳантахта, булур (труба), электродвигател, пурошник, бобошник, расходник, канфарник, чархҳои чӯянӣ, вал, гайка ва винт. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Шинондани сангҳо ба маҳсулоти заргарӣ** | **SI 7313-11-3/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди муайян намудани дараҷабандии сангҳои ороишӣ, шиносоӣ бо сангҳои органикӣ ва синтетикӣ, намудҳои шинонидани сангҳои ороиширо бо назардошти риояи технологияи корҳои истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ тавсиф мекунад. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми шинондани санги ороишӣ, иҷрои кор бо намудҳои шинонидани сангҳо. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- TC 05-2/01 Истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ-компютерӣ;<br>- SB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- SI 7313-01-2/01 Санҷидани мавҷудияти асбобу олоти корӣ;<br>- SI 7313-10-3/01 Иҷро кардани корҳои сикказанӣ (чеканка). | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
| 1. Иҷро намудани корҳои омодагӣ барои шинонидани сангҳои ороишӣ | 1.1. Омода намудани ***ҷойи кории универсалӣ.***<br>1.2. Тайёр намудани такягоҳи (оправа) он мувофиқ ба шакл ва андозаи санг.<br>1.3. Муайян кардани хусусиятҳои тобовarии санги ороишӣ.<br>1.4. Интихоб намудани ***олотҳои зарурӣ*** барои иҷрои кор. |
| 2. Шинонидани сангҳои ороишӣ | 2.1. Шинондани сангҳои ороишӣ бо ***такягоҳи деворадор (глухой каст).***<br>2.2. Шинондани сангҳои ороишӣ бо такягоҳи дандонадор.<br>2.3. Шинондани сангҳои ороишӣ ба таври сӯрохкунӣ. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми шинондани сангҳо ба маҳсулоти заргарӣ;<br>- муайян намудани сифати сангҳои ороишӣ ва маҳсулоти заргарӣ;<br>- тартиб додани рӯйхати асбобу олотҳои истифодашаванда ҳангоми шинонидани сангҳои ороишӣ;<br>- пӯшидани либоси махсус;<br>- ба нақша гирифтани кор ва омода намудани ҷойи кор;<br>- санҷидани ҳолати коршоямии олотҳои корӣ;<br>- шинонидани сангҳои ороишӣ вобаста ба навъи такягоҳҳо (оправаҳо). |
| Донишҳои талабшаванда: | - дастур оид ба риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ;<br>- хусусият ва тобоварии сангҳо;<br>- тартиби кор бо сангҳои тайёр ва нимтайёр;<br>- намудҳои сангҳо барои маҳсулоти заргарӣ;<br>- тартиби шинондани сангҳо ба маҳсулоти заргарӣ;<br>- тартиби коркард намудани маҳсулоти нимтайёр;<br>- тартиби истифода намудани асбобу олот дар рафти кор. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- покизакор;<br>- эҳтиёткор;<br>- эҷодкор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/Рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Иҷро намудани корҳои омодагӣ барои шинонидани сангҳои ороишӣ | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Омода намудани ***ҷойи кории универсалӣ*** | √ | | √ | | | | | | | | |
| 1.2. Тайёр намудани такягоҳи (оправа) он мувофиқ ба шакл ва андозаи санг | √ | | √ | | | | | | | | |
| 1.3. Муайян кардани хусусиятҳои тобоварии санги ороишӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.4. Интихоб намудани ***олотҳои зарурӣ*** барои иҷрои | √ | | √ | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| кор | | | | | | | | | | | |
| Элементи 2: Шинонидани сангҳои ороишӣ | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Шинондани сангҳои ороишӣ бо ***такягоҳи деворадор (глухой каст)*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Шинондани сангҳои ороишӣ бо такягоҳи дандонадор | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.3. Шинондани сангҳои ороишӣ ба таври сӯрохкунӣ. | √ | | | √ | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Ҷойи кории универсалӣ:*** | - ба он верстак, ки бо асбобу асбобҳои зарурӣ муҷаҳҳаз шудаанд, инчунин курсии оддӣ (табуретка), курсии даврзананда ё курсии ортопедии заргарӣ (ҳоло интихоби он зиёд аст). Чароғи (лампа) равшанидиҳанда, муми мухр (сурғуч) мебошанд. |
| ***Олотҳои зарурӣ*** - инҳо: | - бӯр, мӯқалам (кисточка)-ҳои чӯбии дастӣ, сӯзани сайқалдиҳанда, корновертки, корнозери, штихел, болғача, пурбин (микроскоп). |
| ***Такягоҳи деворадор (глухой каст)*** - ин: | - танзими диданашаванда, он инчунин rim ё Bezel номида мешавад. Санг дар ин ҷо бо банди металлӣ боэътимод иҳота карда шудааст ё дар чорчӯбаи ҳалқа гузошта шудааст, танҳо болои он намоён аст. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Коркард намудани маҳсулоти тайёр бо ултросадо, галтовка ва галванӣ** | **SI 7313-12-3/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди коркарди маҳсулоти тайёр бо асбобҳои ултросадо ва галтовка ва риояи техникаи бехатарӣ ва беҳдоштиро ҳангоми кор бо асбобҳои сайқалдиҳанда тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми иҷрои вазифаҳои мушаххс вобаста ба коркарди маҳсулоти тайёр бо ултрасадо, голтовка, ва галванӣ. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- TC 05-2/01 Истифода бурдани технологияҳои иттилоотӣ - компютерӣ;<br>- SB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- SI 7313-01-2/01 Санҷидани ҳолати коршоямии асбобу олот ва таҷҳизоти корӣ;<br>- SI 7313 -10-3/01 Гудохтани фулуз (металл) дар зарфҳои махсуси заргарӣ. | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
| 1. Коркард намудани маҳсулоти тайёр бо асбобҳои ултросадо ва галтовка | 1.1. Интихоб намудани асбобҳои сайқалдиҳанда ва омода намудани онҳо.<br>1.2. Коркард намудани маҳсулот бо усули ***ултрасадо*** ва ***галтовка.***<br>1.3. Истифода намудани маводи ёрирасон ҳангоми сайқалдиҳии маҳсулот. |
| 2. Риоя намудани техникаи бехатарӣ ва беҳдоштӣ | 2.1. Санҷидани ҳолати кории ***ваннаи ултросадоӣ (ултрозвуковая ванна).*** |

| | |
|---|---|
| ҳангоми кор бо асбобҳои сайқалдиҳанда | 2.2. Омода намудани ***моеъи шустушӯӣ барои сайқалдиҳӣ***.<br>2.3. Истифода намудани маводи кимиёвӣ барои иҷрои вазифаи мушаххас.<br>2.4. Кор кардан бо асбобҳои сайқалдиҳандаи барқӣ. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми коркард намудани маҳсулоти тайёр;<br>- риоя намудани тартиботи дохилии ташкилот/корхона;<br>- истифода намудани либосҳои махсус ва воситаҳои ҳимоявӣ<br>- бартараф кардани нуқсонҳои асбобҳои корӣ;<br>- истифода намудани асбобҳои сайқалдиҳӣ дар рафти иҷрои кор (механикӣ ва электрохимиявӣ);<br>- сайқал додани маҳсулоти тайёр бо тарзи механикӣ;<br>- кор кардан дар контейнери ултросадо;<br>- истифода намудани маводи ёрирасон. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва беҳдоштӣ дар ҷойи кор;<br>- қоидаҳои истифодабарии моддаҳои химиявӣ ҳангоми кор бо контейнери ултросадо;<br>- дастур оид ба тартиби дурусти кор бо асбобу олоти корӣ;<br>- намудҳои ултросадо, галтовка ва галванӣ ва тартиби истифодабарии онҳо;<br>- тартиби истифодаи асбобҳои механикӣ ҳангоми иҷрои сайқалдиҳии маҳсулоти тайёр;<br>- дастурамали ёрии аввалия. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- эҳтиёткор;<br>- диққатнок;<br>- покизакор;<br>- эҷодкор;<br>- ташаббускор;<br>- ташкилотчӣ;<br>- мушоҳидакор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/Рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Коркард намудани маҳсулоти тайёр бо асбобҳои ултросадо ва галтовка | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Интихоб намудани асбобҳои сайқалдиҳанда ва омода намудани онҳо | √ | | √ | | | | | | | | |
| 1.2. Коркард намудани маҳсулот бо усули ***ултрасадо*** ва ***галтовка*** | √ | | √ | | | | | | | | |
| 1.3. Истифода намудани маводи ёрирасон ҳангоми сайқалдиҳии маҳсулот | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Риоя намудани техникаи бехатарӣ ва беҳдоштӣ ҳангоми кор бо асбобҳои сайқалдиҳанда | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Санҷидани ҳолати кории ***ваннаи ултросадоӣ (ултрозвуковая ванна)*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Омода намудани ***моеъи шустўшўӣ барои сайқалдиҳӣ*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.3. Истифода намудани маводи кимиёвӣ барои иҷрои вазифаи мушаххас | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.4. Кор кардан бо асбобҳои сайқалдиҳандаи барқӣ | √ | | √ | | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Голтовка*** - ин: | – коркарди сатҳи маҳсулоти заргарӣ бо маводи абразивист. Маҳсулоти тайёр дар баробари пуркунандаи (наполнители) абразивӣ ба зарфи махсус бор карда мешавад. Абразивҳо ба сатҳи болоӣ, аз ҷумла баромадаҳо (выступы) ва чуқуричаҳо (углубления) ҳамла мекунанд. Контейнер чарх мезанад ё меларзад. Пас аз коркард, маҳсулотро ранг кардан ё галванӣ кардан мумкин аст. |
| ***Ултросадо*** - ин: | - ҷавоҳиротро дар ваннаи ултрасадо бо моеъи махсуси тафсонда гузошта, баъд дастгоҳро ба кор медароранд. Дар дохили ванна ларзиши садоӣ ба амал меояд, ки он дар навбати худ тамоми ифлосиҳои дар роҳи худ бударо мекўбад, тақсим мекунад ва нест мекунад. |
| ***Ваннаи ултросадоӣ (ултрозвуковая ванна):*** | - ваннаи ултрасадо дастгоҳест, ки одатан андозаи хурд дорад. Вақте ки дасгоҳ ба кор андохта мешавад, дар моеъе, ки ба зарф рехта мешавад, кавитатсия ба амал меояд, яъне табдили бухоршавӣ ва конденсатсияи минбаъдаи футурҳои (пузырки) буғ ба моеъ. Ин футурҳо ларзишро ба вуҷуд меоранд, ки ба шарофати он тозакунӣ ба амал меояд. |

| | |
|---|---|
| ***Моеъи шустӯшӯӣ барои сайқалдиҳӣ:*** | - полирол (барои тилло ва нуқра Gold & Silver Polish Autosol, 75 мл. 01001050) барои тоза кардан ва сайқал додани маҳсулотҳое, ки аз тилло, нуқра ва платина сохта шудаанд, беҳтарин ба ҳисоб меравад. Оксидҳоро нест мекунад, то дурахшонии оина ҷило медиҳад, дар рӯи он қабати тунуки муҳофизатӣ ба вуҷуд меорад, ки оксидшавии минбаъдаи металлро пешгирӣ мекунад. Тозакунӣ ва сайқал додан аз ҳисоби таҷзияи оксидҳо ва плёнкаҳо ба амал меояд, ки ба рӯи он осеб намерасонад ва қабатеро аз рӯи ҷавоҳирот намеканад. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Иҷро намудани корҳои суфтагарӣ** | **SI 7313-13-3/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди иҷрои корҳои суфтагарии маҳсулотҳои тайёри заргариро бо усулҳо ва асбобҳои гуногун бо назардошти риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми суфта кардани маснуоти заргарӣ дар дастгоҳи суфтагарӣ. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- SB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- SI 7313-01-2/01 Санҷидани ҳолати коршоямии асбобу олот ва таҷҳизоти корӣ;<br>- SI 7313-05-2/01 Иҷро кардани корҳои рехтагарӣ, коркард ва суфтагарӣ;<br>- SI 7313-12-3/01 Коркард намудани маҳсулоти тайёр бо ултросадо, галтовка ва галванӣ. | |

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
|---|---|
| 1. Иҷро кардани корҳои суфтагарии механикӣ ва дастӣ | 1.1. Омода намудани чархаҳои эластикӣ, намадӣ, латағӣ, хамира (паста) ва чӯткаҳо (шёткаҳо) барои иҷрои кори суфтагарии механикӣ.<br>1.2. Истифода намудани ***хамираи (паста) суфтагарӣ*** дар кори суфтагарии дастӣ.<br>1.3. Иҷро намудани корҳои суфтагарии дастӣ. |
| 2. Суфта кардани маҳсулоти заргарӣ бо муҳаррикӣ суфтагарӣ | 2.1. Санҷидани ҳолати коршоямии ***дастгоҳи суфтагарӣ.***<br>2.2. Ҷо ба ҷо кардани қисмҳои муҳаррики суфтагарӣ.<br>2.3. Суфта кардани маҳсулоти заргарӣ бо тартиб ва риояи пайдарҳамӣ. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми иҷрои корҳои суфтагарӣ;<br>- тартиб додани рӯйхати асбобу олоти суфтагарӣ;<br>- омода намудани ҷойи кор;<br>- истифода намудани либосҳои махсус ва воситаҳои ҳимоявӣ;<br>- санҷидани ҳолати коршоямии олоти корӣ;<br>- истифода намудани асбобҳои суфтагарӣ;<br>- маҳкам кардани қисмҳои муҳаррики суфтагарӣ вобаста ба вазифа ва иҷрои кор. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат;<br>- қоидаҳои кор бо муҳаррики суфтагарӣ;<br>- дастурамал доир ба истифодабарии чарҳо;<br>- донистани моҳияти асбобҳои суфтагарӣ вобаста ба вазифа ва иҷрои корашон;<br>- тартиби суфта намудани маҳсулот; |

| | |
|---|---|
| | - тартиби истифодаи дурусти асбобу олот дар рафти кор;<br>- дастурамали ёрии аввалия. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- эҳтиёткор;<br>- диққатнок;<br>- покизакор;<br>- эҷодкор;<br>- ташаббускор;<br>- ташкилотчӣ;<br>- мушоҳидакор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/Рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Иҷро кардани корҳои суфтагарии механикӣ ва дастӣ | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Омода намудани чархаҳои эластикӣ, намадӣ, латагӣ, хамира (паста) ва чӯткаҳо (шёткаҳо) барои иҷрои кори суфтагарии механикӣ | √ | | √ | | | | | | | | |
| 1.2. Истифода намудани ***хамираи (паста) суфтагарӣ*** дар кори суфтагарии дастӣ | √ | | √ | | | | | | | | |
| 1.3. Иҷро намудани корҳои суфтагарии дастӣ | √ | | √ | | | | | | | | |
| Элементи 2: Суфта кардани маҳсулоти заргарӣ бо муҳаррикӣ суфтагарӣ | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Санҷидани ҳолати коршоямии ***дастгоҳи суфтагарӣ*** | √ | | √ | | | | | | | | |
| 2.2. Ҷо ба ҷо кардани қисмҳои муҳаррики суфтагарӣ | √ | | √ | | | | | | | | |
| 2.3. Суфта кардани маҳсулоти заргарӣ бо тартиб ва риояи пайдарҳамӣ | √ | | √ | | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Хамираи (паста) суфтагарӣ*:** | - як намуди масолеҳи касбӣ барои мошинҳои пардоздиҳӣ аст. Барои суфтакунии хушк ва тар ва сайқал додани хушк дастрас аст. Онҳо барои коркарди ибтидоии маҳсулоти нимтайёр ва тайёр бо мақсади бартараф кардани микрокрашҳо (микротрещины), харошидан, ноҳамворӣ ва дигар нуқсонҳои механикӣ истифода мешаванд.<br>Хамираи суфтагариро ба матоъ (барои сайқал додани дастӣ) ё ба чархи сайқалдиҳанда мемоланд. Дар вакти кор кардан бо харошидан каме бештар фишор оваред ва ҳангоми наздик шудан ба сатҳи «ҳамвор» фишорро бо чарх ё матоъ кам кунед. |
| ***Дастгоҳи суфтагарӣ:*** | - барои коркарди дағал ва тозаи сатҳҳои металлии маҳсулот истифода мешавад. Бо ин максад чархҳои абразиви истифода мешаванд, ки аз ҷиҳати навъи донаашон (зернистост) фарқ мекунанд. |

| Номи воҳиди салоҳият | | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|---|
| **Коркард намудани маҳсулоти тайёр бо кислотаҳо** | | **SI 7313-14-3/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди сафедкунии маҳсулот ва фулузҳо бо кислотаҳо, тартиби истифодаи кислота барои тоза кардани флюс ва пасмондаҳои қабати оксидшуда бо назардошти риояи техникаи бехатарӣ тавсиф менамояд. | | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми иҷрои супориш дар ваннаҳои шишагии ба оташ тобоваранда ё сафолии дорои маҳлулҳои сафедкунӣ. | | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- SB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- SI 7313-01-2/01 Санҷидани ҳолати коршоямии асбобу олот ва таҷҳизоти корӣ;<br>- SI 7313-05-2/01 Иҷро кардани корҳои рехтагарӣ, коркард ва суфтагарӣ;<br>- SI 7313-12-3/01 Иҷро намудани корҳои суфтагарӣ. | | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС | |
| 1. Риоя намудани талаботи дастурамал ҳангоми сафедкунӣ | 1.1. Ба нақша гирифтани вақт ҳангоми сафедкунии маҳсулот.<br>1.2. Интихоб намудани таҷҳизоти корӣ тибқи вазифа ва амал.<br>1.3. Риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми кор бо кислотаҳо. | |
| 2. Иҷро намудани корҳои сафедкунии маҳсулот | 2.1. Иҷро намудани корҳои ***сафедкунии маҳсулоти заргарӣ бо кислотаҳо.***<br>2.2. Иҷро намудани корҳои сафедкунии маҳсулот бо оби равон.<br>2.3. Истифода намудани ***шкафи хушккунӣ (сушильный шкаф)*** дар рафти кор. | |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми коркард намудани маҳсулоти тайёр бо кислотаҳо;<br>- тартиб додани рӯйхати асбобу олоти шӯяндаи маҳсулот;<br>- истифода намудани дастурамали маводи кимиёвӣ;<br>- санҷидани ҳолати коршоямии олоти корӣ;<br>- шинос шудан бо дастурамалҳо оид ба истифодабарии асбобу таҷҳизот ва маводи истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ;<br>- истифода намудани либосҳои махсус ва воситаҳои ҳимоявӣ. |

| | |
|---|---|
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- дастурамал оид ба истифодабарии кислотаҳо бо назардошти риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ;<br>- хусусияти кимиёвии кислотаҳо ва тарзи истифодабарии онҳо;<br>- қоидаҳои омода намудани маҳлулҳои сафедкунӣ пеш аз оғози кор;<br>- тартиби истифодаи асбобу олот дар рафти кор;<br>- дастурамали ёрии аввалия. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- эҳтиёткор;<br>- диққатнок;<br>- покизакор;<br>- эҷодкор;<br>- ташаббускор;<br>- ташкилотчӣ;<br>- мушоҳидакор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/Рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Риоя намудани талаботи дастурамал ҳангоми сафедкунӣ | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Ба нақша гирифтани вақт ҳангоми сафедкунии маҳсулот | √ | | √ | | | | | | | | |
| 1.2. Интихоб намудани таҷҳизоти корӣ тибқи вазифа ва амал | √ | | √ | | | | | | | | |
| 1.3. Риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми кор бо кислотаҳо | √ | | √ | | | | | | | | |
| Элементи 2: Иҷро намудани корҳои сафедкунии маҳсулот | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Иҷро намудани корҳои ***сафедкунии маҳсулоти заргарӣ бо кислотаҳо*** | √ | | √ | | | | | | | | |
| 2.2. Иҷро намудани корҳои сафедкунии маҳсулот бо оби равон | √ | | √ | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.3. Истифода намудани ***шкафи хушккунӣ (сушильный шкаф)*** дар рафти кор | √ | | √ | | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Сафедкунии маҳсулоти заргарӣ бо кислотаҳо:*** | - асосан тилло, дар маҳлули 50-фоизаи кислотаи сулфат сурат мегирад. Онро дар зарфи шишагин то ҷӯшидан гарм мекунанд, баъд маҳсулотро аз кислота берун карда, шуста ва хушк мекунанд, баъзан маҳлули гарми кислотаи сулфат ва гидрохлорид (50:50) низ истифода мешавад. Ин маҳлул нисбат ба кислотаи сулфат беҳтар ҳисобида мешавад, зеро ҳангоми то 80-100 °С гарм кардан он инчунин оксидҳо ва массаи қолаби ба рехтагар часпидашударо хориҷ мекунад.<br>Пас аз сафедкунӣ, маснуот ба муддати кӯтоҳ дар маҳлули сода ҷойгир карда мешавад, вақте ки маҳсулоти тиллоӣ дар маҳлули 10 % -и кислотаи нитрат дар 60-70°С сафед карда мешавад, ранги тиллоӣ боқӣ мемонад. Агар пас аз сафедкунӣ маҳсулот ранги сабзу хокистарӣ пайдо кунад, онро бо роҳи сайқал додани механикӣ ё воситаҳои электролитӣ тоза кардан мумкин аст. |
| ***Шкафи хушккунӣ (сушильный шкаф):*** | - як намуди таҷҳизоти гармидиҳӣ мебошад, ки ҳарорати гармкуниаш то 500 дараҷа аст. Асосан, шкафҳои хушккунӣ барои хушк кардани ҳама гуна намунаҳо, ашёҳои ҳам сахт ва ҳам моеъ, ки ба онҳо иҷозат аст, истифода мешаванд. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Иҷро кардани корҳо бо бормашина** | **SI 7313-15-3/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди иҷрои вазифаҳои мушаххасро бо бормашина ҳангоми коркарди механикии маҳсулоти заргарӣ бо назардошти риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми коркарди механикии маҳсулоти заргарӣ бо бормашина. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- SB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- SI 7313-01-2/01 Санҷидани ҳолати коршоямии асбобу олот ва таҷҳизоти корӣ;<br>- SI 7313-12-3/01 Иҷро намудани корҳои суфтагарӣ;<br>- SI 7313-14-3/01 Коркард намудани маҳсулоти тайёр бо кислотаҳо. | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
| 1. Истифода намудани ҷузъҳои (насадка) бисёрамалаи бормашина дар кори заргарӣ | 1.1. Интихоб намудани ҷузъҳои махсуси (насадка) ***бормашина*** дар кори заргарӣ.<br>1.2. Риоя намудани тартиби суфтакунӣ, гулмонӣ, сӯрохкунӣ ва хаткашии маҳсулотҳои заргарӣ. |
| 2. Истифода намудани бормашина дар кори сангтарошӣ ва заргарӣ | 2.1. Гузоштани навиштаҷот дар санг ва фулӯзҳои ранга.<br>2.2. Тарҳрезӣ ва нусхабардорӣ намудани расмҳо дар фулӯз ва ***сангҳои ороишӣ.*** |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- тартиб додани рӯйхати асбобу олоти бормашина; |

| | |
|---|---|
| | - истифода намудани ҷузъҳои бормашина дар раванди кор;<br>- санҷидани ҳолати коршоямии ҷузъҳои олоти корӣ;<br>- омода намудани ҷойи кор;<br>- истифода намудани либосҳои махсус ва воситаҳои ҳимоявӣ;<br>- истифода намудани ҷузъҳои бормашина вобаста ба намудҳои кор. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва ҳифзи муҳити зист/экология;<br>- тартиби истифодабарии бормашина бо назардошти риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ;<br>- вазифаҳои ҳар як ҷузъи (насадка) ҳангоми кор;<br>- тартиби кор бо маҳсулотҳои заргарӣ ҳангоми истифодаи бормашина;<br>- тартиби истифодаи бормашина дар рафти кор. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- эҳтиёткор;<br>- диққатнок;<br>- покизакор;<br>- эҷодкор;<br>- ташаббускор;<br>- ташкилотчӣ;<br>- мушоҳидакор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/Рӯнамой (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Истифода намудани ҷузъҳои (насадка) бисёрамалаи бормашина дар кори заргарӣ | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Интихоб намудани ҷузъҳои махсуси (насадка) ***бормашина*** дар кори заргарӣ | √ | | √ | | | | | | | | |
| 1.2. Риоя намудани тартиби суфтакунӣ, гулмонӣ, сӯрохкунӣ ва хаткашии маҳсулотҳои заргарӣ | √ | | √ | | | | | | | | |
| Элементи 2: Истифода намудани бормашина дар кори сангтарошӣ ва заргарӣ | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Гузоштани навиштаҷот дар санг ва фулӯзҳои ранга | √ | | √ | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.2. Тарҳрезӣ ва нусхабардорӣ намудани расмҳо дар фулӯз ва ***сангҳои ороишӣ*** | √ | | √ | | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Бормашина*** - ин: | - таҷҳизотест, ки аз муҳаррик ва қисмати вали ҳаракатдиҳанда ва пайкон (наконечник) иборат аст, дар он ҷузъҳои махсуси (насадка) пайваст карда мешаванд, ки дар омода ва коркард шудани маҳсулотҳои заргарӣ кӯмак мерасонанд. |
| ***Сангҳои ороишӣ*** - инҳо: | - малахит, фирӯза (бирюза), лаъл, рубин, жадеит, лазурит, квартси гулобиранг, яшма, опалҳои одӣ, булӯри (хрустали) кӯҳӣ, яшма навъҳои махсус, нефрит, агат, хризопраз ва ғайраҳо. |

## Ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ

### Ҳифзи меҳнат

Риояи ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ яке аз уҳдадориҳои муҳими устои заргар ба ҳисоб меравад. На танҳо қонун ва қоидаҳои умумӣ риоя карда мешаванд, балки ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ва қоидаҳои умум барои ҳамаи шаҳрвандон, ташкили ҷойи кор низ ба инобат гирифта мешаванд.

Ҳифзи меҳнат – ин низоми ҳифзкунии ҳаёт ва саломатии кормандон дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ, аз он ҷумла чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ташкилотӣ-техникӣ, беҳбудсозию беҳдошт (санитарӣ-гигиенӣ), муолиҷавӣ-тадбирандешӣ, барқароршавӣ ва ғайра мебошанд.

Устои заргар ӯҳдадор аст:

– талаботи ҳифзи меҳнатро риоя кунад;

– гузаштан аз омӯзиши усулҳои бехатарии иҷрои корҳо, дастурдиҳии ҳифзи меҳнат, муддати таҷрибаомӯзӣ дар ҷойи кор ва санҷиши донишҳои талаботи ҳифзи меҳнатро ба ҷо орад;

– риоя намудани талаботи умумии ҳифзи меҳнат ва бехатарии саноатӣ;

– дарҳол хабар додан ба роҳбари бевосита оид ба дилхоҳ ҳолати бавуқуъомада, ки ба саломатӣ ва ҳаёти одамон хатар расонида метавонад, оид ба ҳар як ҳолати нохӯш, ки дар истеҳсолот ба вуҷуд омадааст ё ҷиҳати бад шудани аҳволи саломатӣ кормандон ва меҳмонон;

– гузаштан аз муоинаи тиббии ҳатмӣ, пешакӣ ва даврӣ.

– Ба ғайр аз ӯҳдадориҳо устои заргар ҳуқуқ ва кафолатҳо ба шароитҳои бехатарӣ ва таъмини саломатӣ, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, дорад.

– кафолатҳо ба меҳнат дар шароити мутобиқ ба талаботи ҳифзи меҳнат, иборатанд, аз:

– давлат ба кормандон кафолати ҳифзи ҳуқуқ ба меҳнат дар шароитҳои мутобиқ ба талаботи ҳифзи меҳнатро медиҳад;

– тибқи шартномаи меҳнатӣ талаботи меҳнат бояд ба талаботи ҳифзи меҳнат мутобиқат кунанд;

– дар ҳолати таъмин накардани воситаҳои муҳофизатӣ тибқи меъёрҳо, корфармо ҳуқуқи талаби иҷрои вазифаҳои меҳнатиро аз корманд надорад;

– дар ҳолати расидани хатар ба ҳаёт ва саломатии корманд ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ осеби дидаашро тибқи қонунгузории амалкунанда амалӣ мекунанд;

– ҳар як ташкилот/ширкат бояд дастурамал оид ба ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ барои ҳар як намуди кор таҳия намояд.

**Техникаи бехатарӣ**

Дастурдиҳӣ оид ба техникаи бехатариро ба намудҳо ҷудо менамоянд. Таснифоти дастурдиҳӣ оид ба техникаи бехатарӣ – ин марҳилаи муҳими фаъолияти ҳар як ширкат, корхона, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ маҳсуб меёбад. Дастурдиҳӣ аз рӯи мақсад, тавсифот, муҳлат, шахси ваколатдори онро гузаронанда ба намудҳо ҷудо карда мешавад. Ҳама масъалаҳои таъмини бехатарӣ дар истеҳсолотро мутахассиси дорои тахассуси муайяншуда ҳал мекунад.

*Дастурдиҳии муқаддимавиро* оид ба техникаи бехатарӣ муҳандиси техникаи бехатарӣ ё мутахассисе ки иҷрои ин гуна уҳдадорӣ тибқи фармон вакалатдор шудааст, мегузаронад. Ба дастурдиҳии муқаддимавӣ метавонанд, мутахассисони масъули бехатарии тиббӣ ва зиддисӯхтор ҷалб шаванд.

Дастурдиҳии муқаддимавӣ оид ба техникаи бехатарӣ ба ҳамаи кормандони ба кор оғознамуда, новобаста аз собиқаи корӣ, синну сол, сатҳи таҳсилот гузаронида мешавад. Он барои таълимгирандагоне, ки таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ мегузаранд, инчунин барои кормандони аз сафари хизматиомада ва муваққатӣ ҳатмӣ мебошад.

Дастурдиҳӣ оид ба техникаи бехатарӣ бояд маълумотро оид ба ҳама воситаҳои ҳимоявии коллективона ва инфиродии дар корхона вуҷуддошта, инчунин тартиби додани онҳоро инъикос намояд. Ба дастурдиҳии мазкур масъалаҳои расонидани ёрии аввалия ба шахсони зарардида ҳангоми сӯхтор ё дигар ҳодисаҳои нохуш дарҷ мегарданд. Ин намуд дастурдиҳӣ ба кормандон дар утоқи техникаи бехатарӣ гузаронида мешавад ва истифодаи воситаҳои техникии омӯзиш ва воситаҳои айёниро дар назар мегирад.

Хусусияти дастурдиҳии аввалия аз он иборат аст, ки он на дар утоқи мутахассиси техникаи бехатарӣ, балки бевосита дар ҷойи корӣ гузаронида мешавад. Шахсоне, ки вазифодоранд, онро гузаранд:

- кормандони нав, аз ҷумла, кормандони кироя;
- кормандони дар ду ё якчанд ҷой коркунанда тариқи шартномаи муҳлатнок;
- кормандани ба сафари хизматӣ омада;
- таълимгирандагони дар таҷрибаомӯзии истеҳсолибуда;
- дигар шахсони дар фаъолияти корхона иштироккунанда.

*Дастурдиҳии такрориро* на кам аз як маротиба дар ним сол мегузаронанд ва санаи гузаронидани он дар журнали дастурдиҳии техникаи бехатарӣ сабт карда мешавад.

Ин чорабиниҳои мазкур дар доираи ТИКТО аҳамияти махсусро доранд. Масалан, пеш аз гузаронидани машғулиятҳои амалӣ дар муассисаҳои таълимӣ, омӯзгор дар ҳар як дарс пайдарпайии амалҳои таълимгирандагонро такрор мекунад, саволҳои оид ба мавзӯи дастурдиҳӣ дахлдоштаро медиҳад. Ин чорабинӣ таваккали бавуҷудоии ҳодисаҳои нохушро дар машғулиятҳои амалӣ паст мекунад, омӯзгорро аз ҳолатҳои нохӯш, алоқаманд бо вайрон кардани дастурҳои додаи ӯ аз ҷониби таълимгирандагон, эмин медорад.

*Дастурдиҳии ғайринақшавӣ* дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

- ҳангоми мақоми қонунӣ гирифтани тағйиротҳои ба ҳифзи меҳнат дахлдор дар қонунгузории ватанӣ;
- ҳангоми тағйирёбии раванди технологӣ дар истеҳсолот;
- дар сурати навкунии (модернизатсия) таҷҳизот ва механизмҳо;
- ҳангоми вайронкунии талаботи ҳифзи меҳнат, ки он ба садама ва ҳодисаи нохуш овардааст;
- бо талаботи мақомоти назоратӣ ва шахсони мансабдор;
- ҳангоми танаффус дар кор зиёда аз сӣ рӯз - барои мансабҳои дорои омилҳои зараровар ва хатарнок, шаст рӯз - барои дигар кормандон;
- бо қарори шахсии кордиҳанда.

*Дастурдиҳии мақсаднок* дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад;

- ҳангоми корҳои якмаротиба
- ҳангоми амалӣ кардани чорабиниҳои оммавӣ дар корхона;
- бартараф кардани садамаҳо, ҳолатҳои фавқулодда.
- мундариҷа ва ҳаҷми он аз ҳолати мушаххас муайян карда мешавад.

Устои заргар намудҳои дастурдиҳии мувофиқро тибқи муҳлатҳои дастурамали техникаи бехатарӣ мегузарад.

Устои заргар бо либосҳои махсуси корӣ, воситаҳои ҳифзи инфиродӣ, тибқи меъёрҳои тасдиқнамудаи роҳбари корхона, таъмин карда мешавад.

Устои заргар вазифадор аст:

- қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии корхонаро риоя кунад;
- қоидаҳои санитарияи истеҳсолӣ, беҳдошти меҳнат ва ҳифзи муҳити зистро риоя кунад;
- талаботи дастурамал оид ба ҳифзи меҳнат ва дигар дастурамалҳое, ки дониши онҳо барои мутобиқатӣ ба уҳдадориҳои мансабӣ ҳатмӣ аст, иҷро кунад;
- реҷаи зиддисӯхтори корхонаро риоя кунад;

Дастурдиҳӣ ба таълимгирандагон

Вобаста ба тахассус, гузаронидани дастурдиҳии таълимгирандагон талаботҳои худро дорад. Мисол, омӯзгор пеш аз ҳар машғулиятҳои амалӣ ба таълимгирандагон дастурдиҳии ҷориро оид ба ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ мугузаронад ва дар журнали ТБ оид ба гузаронидани он қайд мекунад. Ғайр аз ин, намудҳои махсуси дастурдиҳӣ мавҷуд аст, ки пеш аз баромадан ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ гузаронида мешаванд. Барои шахсоне, ки аз дастурдиҳӣ, аз омӯзиш ва санҷиши дониш оид ба ҳифзи меҳнат нагузаштаанд, ба баромадан ба таҷрибаомӯзӣ иҷозат дода намешавад.

## Талабот ба довталабон

Хоҳишмандоне, ки мехоҳанд касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ» - ро омӯзанд ва салоҳияти сатҳи 3 - юми ТМТ Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз худ кунанд, бояд ба талаботҳои умумии зерин ҷавобгӯ бошанд:

– ҳуҷҷатҳоро мувофиқи талаботи муассисаи таълимӣ пешниҳод намоянд;

– дорои ҳуҷҷат (сетификат) оид ба азхудкунии сатҳи 2-юми ТМТ Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад;

– аз муоинаи тиббӣ гузарад.

## Талабот ба омӯзгорон

Омӯзгороне, ки касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ» ва сатҳи 3-юми ТМТ Ҷумҳурии Тоҷикистонро меомӯзонанд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

– донишҳои касбии дидактикӣ ва методологияи ТАС дошта бошад;

– методикаи таълими салоҳиятро донад;

– таҷрибаи корӣ ҳамчун устои заргар на кам аз 5 сол дошта бошад;

– ҷисмонӣ ва равонӣ солим бошад;

– сатҳи тахассусии омӯзгор аз сатҳи 4-ми ТМТ Ҷумҳурии Тоҷикистон паст набошад;

– аз муоинаи тиббӣ гузарад.

## Рӯйхати асбоб, таҷҳизот ва масолеҳҳои зарурӣ

Рӯйхати тавсияшавандаи асбоб, таҷҳизот ва мавод барои таълими ҳадди аксар 25 таълимгиранда (∞ - вобаста ба зарурӣ).

| Миқ-дор | Маводи масрафшаванда | Миқ-дор | Асбобҳо | Миқ-дор | Таҷҳизот |
|---|---|---|---|---|---|
| ∞ | Бензин | 15 | Филерҳо | 2 | Дастгоҳи суфтагарӣ |
| ∞ | Газ | 10 | Пинсет | 2 | Бормашинка |
| ∞ | Припой | 10 | Анбӯри мудаввар | 2 | Валтсҳо |
| ∞ | Тилло | 5 | Клювик | 5 | Голтовка |
| ∞ | Нуқра | 5 | Кранпон | 2 | Пресс (дастӣ, барқӣ) |
| ∞ | Кадмий | 10 | Маҷмӯи сӯзанҳо | 2 | Компрессори ҳавоӣ |
| ∞ | Биринҷӣ | 15 | Сӯянҳо | 2 | Тафдони муфелӣ |
| ∞ | Мис | 10 | Киянка | 2 | Дастгоҳи вакуумӣ |
| ∞ | Азбест | 10 | Болға | 1 | Тоскулоҳ барои муҳофизат |
| ∞ | Кислота (сульфат, гидрохлорид, нитрат, лимонӣ, бор) | 10 | Ригел | 5 | Дастпӯшакҳои махсус |
| ∞ | Бура | 10 | Анка бо мушт | 25 | Фолгаи изолятсияшуда - дуошёна |
| ∞ | Флюс | 10 | Анвил (наковальник) | ∞ | Системаи ҳавотозакунӣ |
| ∞ | Пастогой | 20 | Виза (тиски) | ∞ | Инжектори мумӣ |
| ∞ | Қоғази миллиметрӣ | 10 | Ҷигса (лобзик) | 10 | Фен барои хушк кардани маҳсулот |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ∞ | Қоғази суфтакунӣ | 10 | Штангенсиркул | ∞ | Ҷевони ҳавокашӣ |
| ∞ | Замимаҳо барои бормашинка | 10 | Паҳлӯбур (бокорез) | 10 | Галваника |
| ∞ | Сурғуч | 10 | Микрометр | 8 | Дастгоҳи шуоъкунанда (радирование) |
| ∞ | Гаҷ (гипс) | 10 | Қайчии оҳанбурӣ | 8 | Дастгоҳ барои суфтакунии химиявӣ |
| ∞ | Мум | 20 | Тигел | 8 | Дастгоҳ барои пайвасткунии лазерӣ |
| ∞ | Чархҳои сайқалдиҳӣ | 5 | Тарозу | 8 | Дастгоҳ барои пайвасткунии контактӣ |
| ∞ | Сулфур барои сиёҳкунии маҳсулот | 10 | Айнаки калон (лупа) | 8 | Дастгоҳ барои огранка |
| ∞ | Мочевина | ∞ | Хишти ба оташ тобовар | 5 | Дорандаи кафшер барои мум |
| ∞ | Порӯгирак (савок) | ∞ | Лангари конусӣ | | |
| ∞ | Ниқобҳои тиббӣ | ∞ | Қапакҳо | | |
| ∞ | Айнакҳои ҳимоявӣ | 15 | Тигели графитӣ | | |
| ∞ | Дорукуттӣ | 15 | Штихилҳо барои кандакорӣ | | |
| ∞ | Салфетка ва дигар лавозимот | 15 | Панҷаҳо барои кандакорӣ | | |
| ∞ | Айна, фери барои шустан | 10 | Парма | | |
| ∞ | Сӯзанҳои металлӣ барои  гонтовка | 12 | Коловорот | | |
| ∞ | Сӯзанҳо барои ЧПУ | 15 | Сӯянчаҳо | | |
| ∞ | Салфетка ва дигар лавозимот | 15 | Қапакҳои дастӣ | | |
| ∞ | Оташхомӯшкунак | 10 | Ченаки ҳалқа | | |
| | | 10 | Ченаки ангушт | | |
| | | 15 | Пармаҳои диаметрҳои гуногун | | |
| | | 10 | Замимаҳо барои парма | | |
| | | ∞ | Хамираи алмос | | |
| | | 5 | Асбоб барои шустӯшӯй - ултрасадо | | |
| | | 20 | Чӯткаҳо барои ҷамъоварии оҳанреза | | |
| **Миқ-дор** | **Моддаҳои кимиёвӣ** | **Миқ-дор** | **Таҷҳизот/мебел** | **Миқ-дор** | **Лавозимот** |
| ∞ | Сӯзонандагон (газ, | 25 | Мизи корӣ | 14 | Воситаҳои гигиенаи шахсӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | бензин) | | | | |
| ∞ | Антисептикҳо | 25 | Курсиҳо | 28 | Маводҳои истеъмолии якдафъаина |
| ∞ | Таблетҳои спиртӣ | 5 | Ҷевон барои либос | | |
| **Таҷҳизоти таълимӣ** | | **Маводи дафтардорӣ** | | **Захираҳои таълимӣ** | |
| 1 | Проектор | ∞ | Маҷмӯи воситаҳои хаттӣ | 3 | Дастурамал оид ба ёрии аввалия |
| 1 | Флипчарт | ∞ | Қоғази чопӣ ва ранга | 3 | Меъёрҳо ва стандартҳои соҳаи заргарӣ (маҷмӯа) |
| 1 | Тахта | ∞ | Флип қоғаз | 25 | Китобҳои тахассусӣ |
| 1 | Экран | ∞ | Скоч | 5 | Айёниятҳо ва лавҳаҳо оид ба техникаи бехатарӣ |
| 1 | Тахтаи электронӣ | ∞ | Бланкҳо | 5 | Стандарти салоҳиятҳо |
| 3 | Компютер | ∞ | Маводҳои канселярӣ | 5 | Барномаи таълимии модулӣ |

## Рӯйхати адабиёт:

1. Марченков В.И. "Ювелирное дело". М., 1984.
2. Белицкая Э.И. "Художественная обработка цветного камня". М., 2002.
3. Гончарова И. И., Гореликова- Голенко Е. "Ювелирные украшения". М.: Аванта 2008.
4. Бреполь Э. "Теория и практика ювелирного дела". М., 2000.
5. Новиков В.П., Павлов В.С. "Ручное изготовление ювелирных украшений"
6. Янг Анастейша "Ювелирные укращения. Руководство по закрепке камней. Стили и техники".
7. Карл Кодина "Ювелирное дело", 2008 год, Янг А. "Ювелирные техники. Энциклопедия"
8. С. В. Простаков "Ювелирное дело".
9. Марк Ф. Гримвейд "Руководство по пайке и другим техникам соединения (на спирали)", 2007 год.
10. Светлана Гураль "Драгоценные камни. Гид по миру ювелирных секретов", 2011 год.
11. Инна Шаталова "Стили ювелирных украшений", 2004 год.
12. В. П. Новиков "Почти все о ювелирных изделиях", 1995 год.
13. Виктор Борисович Лившиц "Художественное литье. Ювелирные и декоративные изделия. Самоучитель", 2009 год.
14. Александр Навроцкий, О. А. Казачкова, Виктор Борисович Лившиц "Ковка и литье. Изготовление ювелирных и декоративных изделий" 2011 год.
15. В. И. Куманин "Материалы для ювелирных изделий", 2012 год
16. Селиванкин Сергей Андреевич, Гутов Лев Александрович, Власов Иван Иванович, Никитин Михаил Капитонович "Технология ювелирного производства", 1978 год.

Funded by
the European Union

**ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ХАРИТАИ ФУНКСИОНАЛӢ

Соҳа: **Хизматрасонӣ**

Касб: **Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ**

Рамзи касб (СБТМ-08/ISCO-08): **SI 7313**

**Замимаи 1**

## Харитаи функсионалии касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ»

| УҲДАДОРИҲО | | ВАЗИФАҲО | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| A | **Такмил додани малакаҳои бокортаъминкунӣ** | **A-1.** Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон | **A-2.** Риоя намудани беҳдошти (гигиенаи) шахсӣ | **A-3.** Истифода бурдани технологияҳои иттилоотӣ-компютерӣ | **A-4.** Такмил додани тахассуси касбӣ | **A-5.** Муошират кардан бо забони хориҷӣ дар сатҳи заминавӣ | **A-6.** Муошират кардан бо забони хориҷӣ дар сатҳи миёна |
| | | **A-7.** Ҳал намудани ваъиятҳои мунокишавӣ | | | | | |
| B | **Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ** | **B-1.** Гузаштан аз муоинаи тиббӣ | **B-2.** Пӯшидани либоси ягонаи корӣ | **B-3.** Риоя намудани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми кор бо кислотаҳо ва маводҳои сӯзишворӣ | **B-4.** Риоя намудани қоидаҳои истифодабарии асбобҳо ва таҷҳизотҳои барқӣ | **B-5.** Риоя намудани қоидаҳои зидди сӯхтор | **B-6.** Риоя намудани талаботи беҳдошти (санитарияи) истеҳсолӣ |
| | | **B-7.** Расонидани ёрии аввалияи тиббӣ | | | | | |
| C | **Ташкил намудани раванди кор** | **C-1.** Санҷидани мавҷудияти асбобу олоти корӣ | **C-2.** Санҷидани ҳолати коршоямии асбобу олоти корӣ | **C-3.** Санҷидани коршоямии таҷҳизотҳои корӣ | **C-4.** Санҷидани кори ҳавокашак (вентилятсия) | **C-5.** Санҷидани мувофиқатии равшании толори корӣ | **C-6.** Интихоб намудани маводи корӣ |
| | | **C-7.** Иҷро кардани корҳо оид ба шинохтани сангҳои ороишӣ | **C-8.** Муайян намудани сохтори дохилии сангҳои ороишӣ ба воситаи асбобҳои махсус | | | | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| D | **Муайян намудани самтҳои корҳои заргарӣ** | **D-1.** Иҷро намудани корҳои қолабрезӣ | **D-2.** Иҷро намудани корҳои рехтагарӣ (восковка) | **D-3.** Иҷро кардани корҳои шаклдиҳӣ дар гаҷ (гипс) | **D-4.** Гудохтани фулуз (металл) дар зарфҳои махсуси заргарӣ (тигел) | **D-5.** Тайёр намудани шакл бо шамъи махсус | **D-6.** Иҷро кардани корҳои рехтагарӣ, коркард ва суфтагарӣ |
| E | **Тайёр намудани маҳсулоти заргарӣ** | **E-1.** Иҷро намудани корҳои дастӣ (филигран) | **E-2.** Иҷро кардани корҳои сикказанӣ (чеканка) | **E-3.** Иҷро кардани корҳои қолабзанӣ (штамповка) | **E-4.** Иҷро кардани корҳои қолабрезӣ (литьё) | **E-5.** Шинондани сангҳо ба маҳсулоти заргарӣ | **E-6.** Коркард намудани маҳсулоти тайёр бо ултросадо (ултрозвук), галтовка, галвани |
| | | **E-7.** Иҷро намудани корҳои суфтагарии химиявӣ (химполировка) | **E-8.** Коркарди маҳсулоти тайёр бо кислотаҳо | **E-89** Иҷро кардани корхо бо бормашина | **E-10.** Иҷро намудани корҳои суфтагарӣ (полировка) | | |
| F | **Анҷом додани раванди корӣ** | **F-1.** Ғундоштани мизҳои корӣ | **F-2.** Супоридани таҷҳизоти истифодашудаи корӣ | **F-3.** Омода намудани мизанплас (дар ҷои худ гузоштан) | **F-4.** Омода намудани ҷойи корӣ барои супоридан | **F-5.** Партовкунии пасмондаҳо | **F-6.** Супоридани ҷойи корӣ |

| | |
|---|---|
| (зард) | Сатҳи 2 - 31 вазифа |
| (сабз) | Сатҳи 3 - 13 вазифа |
| **Ҳамагӣ: 44 вазифа** | |

| **Талаботи умумӣ ба касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ»** | | |
|---|---|---|
| **Сифатҳои касбӣ/салоҳиятнокӣ** | **Дониш, малака ва маҳорати умумӣ** | |
| 1. Аз ҷиҳати ҷисмонӣ тобовар<br>2. Зудкор<br>3. Боодоб<br>4. Дақиқ<br>5. Ростқавл<br>6. Масъулиятнок<br>7. Ҳушёр<br>8. Босабр<br>9. Таҳаммулпазир<br>10. Саъю кӯшиш<br>11. Бодиққат<br>12. Ҳисси шӯхӣ<br>13. Боинтизом<br>14. Мушоҳидакор<br>15. Эҳтиёткор<br>16. Босабр<br>17. Устувор<br>18. Хотираи хуб | 1. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>2. Асосҳои равоншиносӣ<br>3. Қоидаҳои техникаи бехатарӣ<br>4. Қоидаҳои беҳдошти санитарӣ<br>5. Қоидаҳои бехатари зиддисӯхтор<br>6. Қоидаҳои рӯбучини толори корӣ<br>7. Қоидаҳои ба навъҳо ҷудо кардани партовҳо<br>8. Қоидаҳои тартиботи дохилии ташкилот<br>9. Асосҳои рассомӣ<br>10. Асосҳои ҳайкалтарошӣ<br>11. Асосҳои накшакшӣ<br>12. Донишҳои математика (геометрия)<br>13. Донишҳои химиявӣ<br>14. Хусусиятҳои химиявии металлҳои қимматбаҳо<br>15. Асосҳои заргарӣ<br>16. Банақшагирии кори худ<br>17. Кор дар компютер ва шабакаи Интернет<br>18. Идоракунии вақт<br>19. Баҳисобгирӣ<br>20. Маҳорати гӯш кардан ва шунидан<br>21. Ҳалли ҳолатҳои мунокишавӣ<br>22. Шинохтани сангҳо | |
| **Асбобу анҷом** | **Таҷҳизот** | **Маводи асосӣ ва сарфшаванда** |
| 1. Филерҳо<br>2. Пинсет<br>3. Анбӯри мудаввар<br>4. Клювик | 1. Сӯзонандагон (газ, бензин)<br>2. Дастгоҳи суфтагарӣ<br>3. Бормашинка | 1. Бензин<br>2. Газ<br>3. Припой<br>4. Тилло |

| **Харитаи функсионалӣ бо усули DACUM таҳия гардидааст** |
|---|
| **«Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ»** |
| **Иштирокчиёни семинари DACUM:**<br>**1. Шарипов Ариф** – устои заргари ҶДММ «Рухом»;<br>**2. Ҳомидов Зуҳур** - устои заргар ҶДММ «Рухом»;<br>**3. Ғоибов Аловуддин** - устои заргари ҶДММ «Изумруд»;<br>**4. Тағоев Мирзораҷаб -** устои заргари ҶДММ «Изумруд»;<br>**5. Маматкулов Абдушукур -** устои заргари ҶДММ «Зиннатҳои миллии Фаровон».<br><br>**Модераторон:**<br>**Данило Анищенко** – коршиноси калиди оид ба таҳсилоти касбӣ – техникӣ ва омӯзиши Лоиҳа<br>**Сангин Бобоев** – коршиноси маҳаллии ғайрикалидӣ оид ба таҳсилоти касбӣ – техникӣ ва омӯзиши Лоиҳа<br>**Бахтиёров Озар** – супервайзер оид ба методологияи ТАС<br><br>**Фасилитаторон:**<br>1. Саломов Шукурулло<br>2. Элбеков Алишер |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 5. Кранпон<br>6. Маҷмӯи сӯзанҳо<br>7. Сӯянҳо<br>8. Киянка<br>9. Болға<br>10. Ригел<br>11. Таркиш<br>12. Анка бо мушт<br>13. Анвил (наковальник)<br>14. Виза (тиски)<br>15. Ҷигса(лобзик)<br>16. Штангенсиркул<br>17. Микрометр<br>18. Паҳлӯбур(бокорез)<br>19. Қайчии оҳанбурӣ<br>20. Асбоби пуркунӣ<br>21. Тигел<br>22. Тарозу<br>23. Айнаки калон(Лупа)<br>24. Ҷадвал<br>25. Сиркул<br>26. Хишти ба оташ<br>27. Лангари конусӣ<br>28. Қапакҳо<br>29. Тигели графитӣ<br>30. Штихилҳо барои кандакорӣ<br>31. Панчаҳо барои кандакорӣ1.Парма<br>32. Коловорот<br>33. Сӯянчаҳо<br>34. Қапакҳои дастӣ | 4. Валтсҳо<br>5. Голтовка<br>6. Пресс (дастӣ, барқӣ)<br>7. Компрессори ҳавоӣ<br>8. Тафдони муфелӣ<br>9. Дастгоҳи вакуумӣ<br>10. Системаи ҳавотозакунӣ<br>11. Инжектори муми<br>12. Фен барои хушк кардани маҳсулот<br>13. Ҷевони ҳавокашӣ<br>14. Галваника<br>15. Дастгоҳи шуоъкунанда (радирование)<br>16. Дастгоҳ барои суфтакунии химиявӣ<br>17. Дастгоҳ барои пайвасткунии лазерӣ<br>18. Дастгоҳ барои пайвасткунии контактӣ<br>19. Дастгоҳ барои огранка<br>20. Дарзандаи кафшер барои мум | 5. Нуқра<br>6. Кадмий<br>7. Биринҷӣ<br>8. Мис<br>9. Азбест<br>10. Кислота (сулфат, гидрохлорид, нитрат, лимонни, бор)<br>11. Бура<br>12. Флюс<br>13. Пастогой<br>14. Қоғази суфтакунӣ<br>15. Замимаҳо барои бормашина<br>16. Қоғази миллиметрӣ<br>17. Сурғуч<br>18. Гаҷ<br>19. 17. Мум (ташкилкунанда)<br>20. Чархҳои сайқалдиҳанда<br>21. Сулфур барои сиёҳкунии маҳсулот<br>22. Мочевина<br>23. Порӯгирак<br>24. Ниқобҳои тиббӣ<br>25. Айнакҳои ҳимоявӣ<br>26. Доруқуттӣ<br>27. Оташхомӯшкунак<br>28. Айна, фери барои шустан<br>29. Сӯзанҳои металлӣ барои гонтовка<br>30. Сӯзанҳо барои ЧПУ | | |

<table>
<tr><td>35. Ченаки ҳалқа<br>36. Ченаки ангушт<br>37. Пармаҳои диаметрҳои гуногун<br>38. Замимаҳо барои парма<br>39. Хамираи алмос<br>40. Асбоб барои шустушӯй- ултрасадо<br>41. Чӯткаҳо барои ҷамъоварии оҳанресмонҳо</td><td></td><td></td><td rowspan="3"></td><td rowspan="3">Дар доираи лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шудааст.<br><br>13-14 ноябри соли 2023<br>ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон</td></tr>
<tr><td colspan="3">Дурнамои оянда ва хусусиятҳо/мушкилоти касб</td></tr>
<tr><td colspan="2">1. Обрую эътибори касб баланд мешавад<br>2. Сифати хизматрасонй баланд мешавад<br>3. Таъмини кадрхо бехтар мегардад<br>4. Обрӯи ташкилот баланд мешавад<br>5. Музди мехнат зиёд мешавад<br>6. Дараҷаи ихтисоси заргарон баланд мешавад</td><td>7. Мубодилаи таҷриба дар байни ташкилотҳо<br>8. Ба талаботи бозори меҳнат мувофиқат мекунад<br>9. Афзоиши мансабӣ баланд мешавад<br>10. Стресси ҷисмонӣ ва равонӣ</td></tr>
</table>

Funded by
the European Union

**ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ХУЛОСАҲОИ СОҲА
# (экспертиза)

**Замимаи 2**

**ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734012, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ,22 Тел: 221-52-59
факс: (810992-37) 221-82-81 Email: info@sanoat.tj

№ 15-2246 аз «08» 10 2024

Вазорати меҳнат , муҳоҷират ва
шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуби вазорати меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолиро аз 20.08.2024, №3/13-1193 оид ба стандарти салоҳиятҳо дар касбҳои "Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ", "Кандакорӣ дар чӯб ва пӯсти чӯб", "Дуредгар, "Дӯзанда (либоси занона)", "Оператори мошини турбофӣ" ва "Оператори мошини ресандагӣ" ва "Оператори мошини рангкунӣ"-ро мавриди омӯзиш қарор дода, чунин пешниҳод менамояд.

Бо дарназардоштани пайваста рушд ёфтани технологияҳои самтҳои гуногуни истеҳсолии соҳаи саноат аз ҷумла, соҳаи саноати сабук, ресандагию бофандагӣ ва ба миён омадани технологияҳои муосири истеҳсолӣ, зарурияти қабул намудани қоидаю меъёрҳо ва стандартҳои ба ба технологияҳои мазкур вобастаро тақозо менамояд.

Бинобар ин, дар "Рамзи воҳидҳои салоҳиятҳо" ва "Номгӯи воҳидҳои салоҳиятҳо" ҳамаи касбҳо илова намудани стандартҳои технологияҳои муосир аз ҷумла:

1. Стандартҳои техника ва технологияҳои муосири соҳаи ресандагию бофандагӣ ва дигар равандҳои истеҳсолӣ;
2. Стандартҳои технология ва таҷҳизотҳои каммасрафи қувваи барқ;
3. Стандартҳои технологияи электронӣ (автоматикӣ) дар соҳаи саноати сабук ва соҳаи заргарӣ истифодашавандаро илова намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Бо дар назардоштани пешниҳодҳои болозикр Вазорат лоиҳаи стандарҳои пешниҳодшударо қобили қабул мешуморад.

Муовини вазир　　　　　　　　　　　　　　Б. Сафарзода

**Ҷамъияти Дорои Масъулияти Маҳдуди «Топаз»**
**Общество с Ограниченной Ответственностью «Топаз»**

*Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш -59*
*РС 20202972611000030135 фил. ОАО «Ориён-БАНК» в р-не Шохмансур г. Душанбе.*
*МФО350101369. Корсчет20402972413691. ИНН 010088480. РЯМ 0110014227*

**№** 35 **аз/от** 17.09.2024

Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маъориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Топаз» мактуби Шуморо аз 13 августи соли 2024 роҷеъ ба гузаронидани экспертизаи лоиҳаи стандарти салоҳияти касбӣ «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ» аз тарафи мутахассисони корхона мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дод.

Мутахассисони корхона ба хулосае омаданд, ки функсия ва вазифаҳое,ки дар лоиҳаи стандарти салоҳияти касбӣ «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ» нишон дода шудаанд барои ба омӯзиш фаро гирифтани шаҳрвандон доир ба ихтисоси номбурда мувофиқат менамояд.

Ҳамчунин номгӯи асбобу таҷҳизот, маводҳои асосӣ ва масрафшаванда,ки барои тайёр намудани мутахассисон доир ба касби номбурда пешниҳод гардидаанд, ба пуррагӣ мувофиқат мекунанд.

Руйхати мутахассисоне, ки дар экспертиза иштирок намудаанд;

| № | Ному насаб | Вазифа |
|---|---|---|
| 1 | Зайниддинов Идибег Сайфуддинович | Устои заргар |
| 2 | Сафаров Илҳом Олимович | Устои заргар |
| 3 | Ҷунайдов Раҳим Файзуллоевич | Устои заргар |
| 4 | Саидов Суҳайли Сайдалиевич | Устои заргар |
| 5 | Кулиев Дустмуҳаммад Ҳазратқулович | Устои заргар |
| | | |

Директор Нуриддинов Ф.С.

Ҷумхурии Точикистон

Ҷамъияти дорои

масъулияташ маҳдуди

«Изумруд – 2010»

Республика Таджикистан

Общество с ограниченной

ответственностью

«Изумруд – 2010»

МС

ш. Душанбе куч. Авесто 1
Р/С 20202972216900001957

г. Душанбе ул. Авесто 1
МФО 350101369 тел. Факс 237-21-60

Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо
ба соҳаҳои маориф ва меҳнати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди “Изумруд” мактуби Шуморо аз 14 августи соли 2024, вобаста ба гузаронидани экспертизаи стандарти салоҳияти касби “Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ” аз тарафи мутахассисони корхона мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дод.

Мутахассисони корхона ба хулосае омаданд, ки функсия ва вазифаҳое, ки дар стандарти салоҳияти касби “Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ” нишон дода шудаанд, барои ба омӯзиш фаро гирифтани шаҳрвандон доир ба ихтисоси номбурда мувофиқат менамоянд.

Ҳамчунин номгӯи асбобу таҷҳизот, маводҳои асосӣ ва масрафшаванда, ки барои тайёр намудани мутахассисон доир ба касби номбурда пешниҳод гардидаанд, ба пуррагӣ мувофиқат мекунанд.

Руйхати мутахассисоне, ки дар экспертиза иштирок намуданд:

| № | Ному насаб | Вазифа |
|---|---|---|
| 1. | Тағоев Мирзораҷаб | Устои заргар |
| 2. | Джумаев Бахром | Устои заргар |
| 3. | Эльбеков Шавкат | Устои заргар |
| 4. | Ғоибов Аловиддин | Устои заргар |
| 5. | Меликов Шарифбек | Устои заргар |

Директор Мухамедов С.

Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ҷамъияти дорои Масъулияташ Маҳдуди*

«ТОҶИК-КРИСТАЛЛ»

*ш. Душанбе, к. Айни - 32 тел: 2276563*

Республика Таджикистан

*Общество с Ограниченной Ответственностью*

«ТАДЖИК-КРИСТАЛЛ»

*г. Душанбе, ул. Айни - 32 тел: 2276563*

№ 21

«27» 08 соли 2024

Ба Кӯмаки иттиҳоди Аврупо ба
соҳаҳои маориф ва меҳнат
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба мактуби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 67 аз 1-июли соли 2024 ҶДММ кристалл бо лоиҳаи стандарти салоҳиятҳои касби "Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ" шинос шуда бо назардошти таҷрибаҳои мутахассисони соҳавии ташкилот андешаҳои худро дар умум иброз медорад. Ёдовар мешавем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама гуна муносибат, истихроҷ, истеҳсол, коркард, истифода ва муомилоти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳоро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо " ба танзим медарорад ва мувофиқи ин Қонун маснуоте ки дар таркибашон металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо доранд, тамғаи давлати ва маҳак дошта барои истифодаи шахсии шаҳрвандон таъин гардидааст- МАСНУОТИ ЗАРГАРИ номида шудаст.

Инчунин ин Қонун номгуи сангҳои ки ба гуруҳи сангҳои қиматбаҳо дохил мешавад тасдиқ намудааст.Дар сархати лоиҳа "истеҳсоли маснуоти заргари " ин нишонаи он аст ки талаботҳои Қонуни мазкур риоя мегарданд. Гарчанде ки солҳои зиёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон литсей, коллеҷҳо, донишкадаю Донишгоҳи тахассуси ба тайёр намудани мутахассисони ҳунари заргари фаъолият доранд, барпо кардани боз як макони ҳунаромузӣ барои хоҳишмандон сину солҳои гуногун боъиси хурсанди ва дастгирист. Ин ҷо қайд кардан ба маврид аст ки имкониятҳои ин намуди ҳунар хело васеъ буда равия ва усулҳои гуногун дорад, ки барои таҳияи ва сохтани маснуотҳои заргари асбобу лавозимот, дастгоҳҳои зиёди истифода бурда мешавад. Бо пеш рафтани техникаю технологияи ҳозиразамон намудҳои коркарди инҳо ҳам рӯ ба афзоиш дорад. ва дар ин соҳа ибораҳои нав пайдо мегарданд. Аз калима ва ибораҳои соҳавии дар лоиҳаи пешниҳодшуда ибора ва амалиётҳо инчунин номгуи асбобу лавозимот, маводҳои ёрирасон ки тахассусиянд қисман ба тарҷумаи касби ниёз доранд. Одатан дар чунин мавридҳо истисно ин гуна калимаҳо дар алоҳидагӣ пешниҳод карда ҳамчун луғат тасниф карда мешаванд. Дар ин ҳолат хама шахсон аз ин ба таври васеъ истифода бурда маълумоти пайдо карда метавонанд.Барои мувофиқа ва тасдиқ ин лоиҳа зарур мешуморем ки лоиҳа вобаста бо пешниҳодҳои дар боло овардашуда таҳия карда шавад.

Директори
ҶДММ"Тоҷик кристалл" Абдураҳмонов У.Б

**ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТАШ МАҲДУДИ “ХИЗМАТ”**
**НОҲИЯИ ФАЙЗОБОД**

**Инд.735413 н. Файзобод кӯчаи Исмоили Сомонӣ 29/1 тел: (83135) 3-24-53, РМА14000165**

*Ба Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо» ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Хизмат»-и ноҳияи Файзобод мактуби Шуморо аз 1 июли соли 2024, №67 оид ба гузаронидани ташхиси лоиҳаи стандартӣ салоҳиятҳои касбӣ «Истеҳсоли маҳсулоти заргари»-ро мавриди омӯзиш қарор дод.

Қайд кардан ба маврид аст, шаҳрвандоне, ки ба ин касб шуғл меварзанд, бояд технологияи амалиёти омодагӣ, усулҳои асосии кор, ҳисоби асосии маводи заруриро барои истеҳсол намудани маҳсулоти заргарӣ, амалиёти ороишӣ ва васлкуниро дар сатҳи зарурӣ дошта бошанд.

Ба маълумот мерасонем, ки лоиҳаи стандартӣ салоҳиятҳои касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ» аз ду сатҳ (2 ва 3) иборат буда, дар он ба пуррагӣ номгӯйи воҳидҳои салоҳият, талабот ба довталабону омӯзгорон, ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ ва забондонӣ, ки барои касбомӯз муҳим арзёбӣ мегардад, гирдоварӣ шудааст.

Дар саҳифаи 17-и Лоиҳаи мазкур  дар боби Кор кардан дар даста ва бо мизоҷон фармоишгарон ба ҷои калимаи “ҳалл” калимаи  “ҳал” навишта шавад ва дар охири ҷумла 1 нуқта гузошта шавад.

Саҳифаи 32-и Лоиҳа дар боби навсонӣ, қисмати дуюм гузаштани дастурдиҳӣ оид ба техникаи бехатарӣ. Қоидаи мазкур шарти ҳатмии муносибатҳои меҳнатӣ, батартиб даровардa шудаи Кодекси Меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ба ҷойи калимаи “батартиб даровардa шудаи” калимаи “ба танзим дароварда шудаи” ва ба ҷойи калимаи “Меҳнати” калимаи “меҳнати” навишта шавад.

Саҳифаи 38 дар боби навсонӣ Олоти кории асосӣ инҳо: горелкаҳо, валтсҳо, тигелҳо, филерҳо, ригелҳо валобзикҳо тафсири луғавӣ ҷой дода шавад.

Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Хизмат»-и ноҳияи Файзобод лоиҳаи стандарти салоҳиятҳои касби «Истеҳсоли маҳсулоти заргари»-ро бо назардоштиислоҳот, қобили қабул шуморида, дар экспертизаи Лоиҳа коргари Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Хизмат»-и ноҳияи Файзобод Боронзода Рухсора иштирок намуд.

Директори ҶДММ
«Хизмат» -и н. Файзобод Боронзода М.